**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**

**ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ВБД: 820/89.0+821.222.8+1/14

**БАЁНОВ МАҲМАДНАБӢ БАЧАҶОНОВИЧ**

# САҲОБИИ АСТАРОБОДӢ ВА ОСОРИ АДАБИИ Ӯ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илми филология,
Муҳаммадиев Ш.М.

ДУШАНБЕ – 2023

МУНДАРИҶА

МУҚАДДИМА……………………………………………………………..........3-8
ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ,...........................................................9-13
БОБИ I. ЗИНДАГӢ ВА МЕРОСИ АДАБИИ САҲОБИИ АСТАРОБОДӢ.........................................................................................14-47
1.1. Рӯзгори Саҳобии Астарободӣ……………………...........................14-34
1.2. Осори адабии Саҳобии Астарободӣ……………….......................35-47
БОБИ II. МАВЗУЪ ВА МУНДАРИҶАИ ҒАЗАЛИЁТИ САҲОБӢ.......48-99
2.1. Ғазал ва анъанаи ғазалсароӣ…………………………......................48-53
2.2. Мавзуъ ва муҳтавои ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ…….............54-59
2.2.1. Мавзуи ишқу ошиқӣ……………………………………................59-68
2.2.2. Панду ҳикмат…………………………………………….................68-74
2.2.3. Мавзуъҳои дигар ……………………………………….................75-78
2.3. Бархе аз вижагиҳои ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ…..................79-87
2.4. Таъсирпазирии Саҳобии Астарободӣ аз пешиниён……..................88-99
БОБИ III. РУБОИЁТИ САҲОБӢ ВА МАВЗУВУ МУҲТАВОИ ОНҲО......................................................................................................100-144
3.1. Мавзуъ ва муҳтавои рубоиёти Саҳобӣ………………......................100-110
3.1.1. Андешаҳои иҷтимоӣ дар рубоиёти шоир……………...................110-116
3.1.2. Андешаҳои ирфонӣ дар рубоиҳои Саҳобӣ………………..............116-129
3.1.3. Андешаҳои ахлоқӣ дар рубоиёти шоир……………………...........129-135
3.2. Забон ва услуби баёни адиб…………………………........................136-144
ХУЛОСА………………………………………………………………....145-148
ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ...........................................................................................................149-150
РӮЙХАТИ АДАБИЁТ..........................................................................151-165
НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ.......................................................................................166-167

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Адабиёти тоҷик яке аз адабиётҳои ғанитарин дар ҷаҳон ба шумор меравад. Бо вуҷуди он ки дар тули таърих дар натиҷаи тохтутозҳои аҷнабиён қисмати зиёди осори илмию адабии мо несту нобуд карда шуд, аммо осори боқимондаи он имрӯз боиси ифтихор ва равшангари роҳи имрӯзу фардои миллати мост. Дар ҳақиқат дар тули таърих адабиёти форсии тоҷикӣ тавонистааст, ки бо шукӯҳу шаҳомати хосаи худ миллати моро ба ҷаҳониён муаррифӣ намояд, аз истеъдод ва хиради азалии тоҷикон ба ҷаҳониён паём расонад. Агар пайдоиши адабиёти тоҷикиро аз китоби «Авесто» бидонем, ба хулосае омадан мумкин аст, ки тоҷикон зиёда аз ду ҳазору панҷсад сол қабл адабиёти манзуму мансур доштаанд.

Баъди ба даст овардани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шароит фароҳам шуд, ки ҳама соҳаҳои илми кишвар рӯ ба тараққӣ ниҳанд. Аз ҷумла, таҳқиқи адабиёти форсии тоҷикӣ вусъати тоза касб намуд. Дар ин марҳалаи начандон тулонӣ муҳаққиқони адабиёти мо тавонистаанд ба дастовардҳои зиёди илмӣ ноил гарданд. Дар замони истиқлол осори зиёди адибону олимони тоҷик нашр гардид, ки бозгӯкунандаи таърихи куҳан ва миллати соҳибтамаддун будани тоҷикон мебошад. Вале ҳанӯз ҳам дар адабиёти форсии тоҷикӣ шоирон ва мутафаккирони барҷастае ҳастанд, ки осору афкор ва зиндагии эшон пажуҳиш ва таҳқиқи амиқу дақиқ нашудааст. Хусусан, чеҳраҳои адабии зиёде дар адабиёти асрҳои XVI-XVII мавҷуданд, ки рӯзгору осори онҳо мавриди таҳқиқи адабиётшиносон ва шарқшиносон қарор нагирифтааст. Ҳамин аст, ки имрӯз низ баъзе суханварон ва орифони ин давра, ки соҳиби осори пурарзишанд, аз назари таҳқиқ дур мондаанд. Алалхусус, Саҳобии Астарободӣ яке аз шоирони боистеъдоду забардаст, ориф ва мутафаккири охири асри XVI ва аввали асри XVII, ки то ҳол дар бораи ҳаёту фаъолияти адабии ӯ таҳқиқоти мукаммал сурат нагирифтааст. Ҳарчанд дар Эрон доир ба ҳаёт ва осори ӯ

мақолаҳо таълиф шуда, рубоиёт ва ғазалиёташро мунташир кардаанд, аммо ҳанӯз ҳам Саҳобӣ барои мардуми адабпарвари тоҷик ноошност. Эҷодиёти ин шоири рангинхаёл ҳатто дар замони дар қайди ҳаёт буданаш диққати аҳли адабро ба худ ҷалб карда буд. Тибқи иттилои тазкираҳо, аз шаҳрҳои дуру наздик шоирон ва аҳли адаб ба зиёрати Саҳобӣ мерафтаанд. Ҳамин буд, ки мо ба номи шоир дар бисёр тазкираҳо ва осори таърихӣ рӯ ба рӯ мешавем. Аз ин рӯ, тадқиқи ҳаёту фаъолияти адабии Саҳобӣ яке аз масъалаҳои муҳимми рӯз ба ҳисоб меравад.

Аз Саҳобии Астарободӣ то замони мо ашъори зиёде ба мерос мондааст. Осори шоир, ки ҳамагӣ ба забони форсии тоҷикӣ таълиф шудааст, аз суханвари мумтоз будани ӯ хабар медиҳад. Хусусан, сарчашмаҳои таърихӣ шоирро ҳамчун рубоисарои файласуф ва орифи шефтаву маҷзуб васфу сабт кардаанд. Феълан осори адабии Саҳобӣ дар китобхонаҳои бузурги дунё, алалхусус дар Британия, Ҳиндустон, Покистон ва Эрон маҳфуз буда, ҳамчун мероси асрҳои миёнаи адабиёти форсии тоҷикӣ арзиши хеле баланд доранд. Мазмуну муҳтавои ашъори Саҳобӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ӯ дар шеъру шоирӣ як шахсияти мумтоз ва бомаҳорат аст. Бино бар ин, лозим аст, ки ҳаёту фаъолият ва осори шоир мавриди пажуҳиши ҳамаҷониба қарор дода шавад, зеро ашъори ӯ дорои афкору орои мутараққӣ буда, шоир дар онҳо ишқи пок, некию накукорӣ, ростию ростқавлӣ, зебоӣ ва дигар сифатҳои неки инсониро васф карда, одамонро ба роҳи рост раҳнамун гашта, аъмоли бади инсониро мавриди мазаммат қарор медиҳад. Имрӯз на танҳо осори Саҳобӣ, балки дигар шахсиятҳои адабии асрҳои миёнаи адабиёти форсии тоҷикӣ, ки соҳибдевонанду то ҳол осорашон мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қарор нагирифтаанд, бояд таваҷҷуҳ зоҳир намоем ва осору афкорашонро дастраси омма гардонем.

Тавре ки ишора шуд, ҳанӯз роҷеъ ба ҳаёту фаъолият ва осору афкори Саҳобии Астарободӣ то ҳол тадқиқоти мукаммали монографие анҷом наёфтааст. Аз ин рӯ, мо асосан ба осори шоир такя намудем. Агарчи осори

Саҳобӣ то замони мо расидааст, аммо роҷеъ ба рӯзгор ва фаъолияти шоир феълан маълумоти хеле кам дастрас аст. Иттилооте, ки дар сарчашмаҳо, хусусан, тазкираву баёзҳо доир ба Саҳобӣ мавҷуд аст, мазмунан яксон буда, аслан такрори якдигаранд. Аз ин ҷиҳат, мо дар диссертатсия дар баробари маълумоти тазкираву осори таърихӣ, инчунин аз осори худи шоир низ истифода кардем. Саҳобии Астарободӣ шоири баландовоза ва хуштабъи замонаш будааст, аммо бо сабабҳои айнию зеҳнӣ ашъораш солҳо нашр нашуда ва дур аз таҳқиқ мондааст. Ба назари мо, бешак Саҳобӣ шоирест, ки осораш шоистаи таҳқиқ ва дастраси хонандагон гардонидан мебошад. Бовар дорем, ки бо шинохти Саҳобии Астарободӣ як саҳифаи наве дар адабиётшиносии тоҷикӣ боз шуда, имкони беҳтар омӯхтани таърихи адабиётамон дар ин асрҳо муҳайё мегардад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ.** Доир ба ҳаёту эҷодиёти Саҳобии Астарободӣ дар «Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор»-и Мир Тақиюддин Муҳаммадҳусайни Кошӣ [34, с. 18, 19], «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ [29, с.1260], «Сафинаи Хушгӯ»-и Биндробан Доси Хушгӯ [45, с. 154], «Сарви озод»-и Мир Ғуломалихони Озоди Билгиромӣ, «Натоиҷ-ул-афкор»-и Қудратуллоҳи Гупомувӣ [12, с. 329], «Оташкада»-и Лутфалибеки Озар [27, с. 780], «Риёз-ул-орифин» [48, с. 127] ва «Маҷмаъ-ул-фусаҳо»-и Ризоқулихони Ҳидоят [46, с. 39], «Риёз-уш-шуаро»-и Волаи Доғистонӣ [14, с. 343], «Шеър-ул-Аҷам»-и Шиблии Нуъмонӣ [23, с. 180; 24, с. 18; 25, с. 175; 26, с. 98, 211, 540, 562, 570], «Таърихи адабиёти форсӣ»-и Ҳерман Эте [160, с. 140], «Таърихи адабиёт дар Эрон»-и Забеҳуллоҳи Сафо [144, с. 860], «Фарҳанги суханварон»-и Хайёмпур [43, с. 441], «Луғатномаи Деҳхудо»-и Алиакбар Деҳхудо [13, с. 13491], «Сайри рубоӣ дар шеъри форсӣ»-и Сируси Шамисо [169, с. 46, 50, 108, 707], «Энсиклопедияи советии тоҷик» [179, с. 6] ва дар дигар манбаъҳои адабию таърихӣ ва илмӣ маълумот оварда шудааст. Мутаассифона, қариб ҳамаи сарчашмаҳои фавқуззикр такрори якдигар буда, ҳамагӣ дар ҳаққи ӯ тавсифҳои зиёде кардаанд. Аммо тазкираи «Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор»-и Мир Тақиюддин

Муҳаммадҳусайни Кошӣ доир ба Саҳобӣ маълумоти бештару эътимодноктар медиҳад, зеро ба навиштаи худи Кошӣ, ӯ дар соли 990 ҳиҷрӣ бо дӯсташ Нотиқии Астарободӣ ба дидори шоир мушарраф шудааст ва ҳамаи он маълумоти овардашуда дар тазкираи мазкур аз қавли шоиранд. Чунончи, ӯ мегӯяд: «...Салиқааш дар ниҳояти тозагӣ ва хубист ва табъаш дар ғояти нозукӣ ва равонӣ, авоил ба воситаи мавзунияти зотӣ пой дар доираи шоирӣ ниҳод ва таҳсили он фан намуд...» [34, с.18].

Дар Эрон рубоиёт ва ғазалиёти Саҳобӣ чанд бор ба чоп расонида шудааст. Аз ҷумла, соли 1347 (соли 1970 мелодӣ) ба кӯшиши адиби эронӣ Ҷавоҳирӣ ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ дар Машҳад интишор гардид [36]. Сипас соли 1387 (соли 2009 мелодӣ) «Девони ғазалиёт»-и шоир аз рӯйи китоби таҳиякардаи Ҷавоҳирӣ ба кӯшиши Акбари Беҳдорванд дар Теҳрон, бо муқаддимаи қаблан навиштаи Ҷавоҳирӣ ва пешгуфтори Акбари Беҳдорванд чоп шуд [34].

Соиби Табрезӣ (1603-1677) осори Саҳобиро мутолиа карда, ба ашъори ӯ эҳтироми хоса доштааст, ки ҳатто дар дасташ девони Саҳобӣ нигаҳдорӣ мешудааст. Соиб қисме аз ашъори Саҳобиро ба хатти худ бознависӣ карда, чанде аз абёташро дар китобаш – «Сафина» ҷой додааст.

Дар Эрон дар баробари нашри осори Саҳобӣ, инчунин, доир ба рӯзгору ашъори ӯ якчанд мақола мунташир шудааст. Хусусан, Акбари Беҳдорванд, [34] Ҷавоҳирӣ, [36] Ҳиво Ҳасанпур [159, 123] ва Ғуломризо Мустаълии Порсо [123] доир ба Саҳобӣ мақолаҳо таълиф кардаанд, ки дорои аҳаммияти бузурги илмиянд. Бояд гуфт, ки доир ба Саҳобии Астарободӣ дар Тоҷикистон натанҳо таҳқиқоте сурат нагирифтааст, балки чандон маълумоти зиёде низ мавҷуд нест. Дар «Энсиклопедияи советии тоҷик» дар бораи Саҳобӣ маълумоти мухтасар оварда шудааст [179, с. 6].

Соли 1981 Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи фанҳои РСС Тоҷикистон китоби «Рубоиёти халқӣ ва китобӣ»-ро нашр намуд, ки дар он ду рубоии Саҳобӣ низ зикр шудааст [155]. Ин ду рубоии Саҳобӣ дар маҷмуа аз баёзи таҳти №758 захираи

дастхатҳои Маркази мероси хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошанд [2, с. 170 б].

Соли 1993 шоири зиндаёд Лоиқ Шералӣ аз шоирони классик ва муосири тоҷик як маҷмуаи ашъор бо номи «Санги мазор» мураттаб сохтааст, ки он бо сарсухани худи ӯ ба табъ расидааст. Дар ин китоб дар қатори абёти шоирони бузурги классик ва муосири тоҷик як рубоии Саҳобии Астарободӣ низ оварда шудааст [134].

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар як мусоҳибааш дар рӯзномаи мисрии «Ал-мисри-л-явма» дар таърихи 31-уми августи соли 2009 аз Саҳобӣ ёдоварӣ кардааст [124, с. 1].

Дар соли 2015 муҳаққиқони соҳаи фалсафа Назри Яздон ва Алишери Муҳаммадӣ дар маҷаллаи «Садои Шарқ» мухтасаран шарҳи ҳоли шоирро бо 80 рубоияш мунташир кардаанд. Ба навиштаи ин муҳаққиқон ҷустуҷӯяшон барои пайдо кардани осори шоир, бавижа, ғазалиёт ва рубоиёти ӯ, дар Тоҷикистон натиҷа надодааст. Бино бар ин, эшон мегӯянд: «Ноилоҷ тасмим гирифтем, аз сарчашмаҳои гуногун намунаи рубоиёти ин шоири ҳанӯз барои шеърпарварони тоҷик ноошноро гирдоварӣ ва баргардон намуда, ба ихтиёри хонандагони хушзавқ супорем» [180, с. 97].

Рӯзномаи «Ҷумҳурият» соли 2015 зери рубрикаи «Таъкид» нуҳ рубоии шоирро дар шумораҳои 20-уми март, 10, 11, 24, 25 ва 29 - уми апрел чоп кардааст.

Аҳмади Мунзавӣ дар китоби «Феҳристи нусхаҳои хаттии форсӣ» доир ба ашъори боқимондаи Саҳобӣ маълумоти ҷолибе додааст [112, с. 3804]. Инчунин, рубоиёт ва ғазалиёти Саҳобӣ тавассути баёзу ҷунгҳо низ то замони мо расидаанд. Дар баёзҳои қаламии Федератсияи Русия низ рубоиёти Саҳобӣ мавҷуд аст. О.Ф. Акимушкин дар китобаш «Описание персидских и таджикских рукописей Института востоковедения РАН» аз чанд баёзе хабар медиҳад, ки ашъори Саҳобӣ дар онҳо зикр мешавад [62, с. 34, 183].

Соли 2019 дар таҳияи шоиру муҳаққиқ Иброҳими Наққош ва пешгуфтори Равшани Ҳамроҳ ҷилди аввали китоби «Хиёбони ирфон»-и Сайид Муҳаммадҳасани Билгиромӣ бо ҳуруфи кириллӣ интишор гардид, ки дар он шасту ҳашт рубоиии Саҳобӣ ҷой дода шудааст [7, с. 68, 181].

Аз ҷониби шоир Муҳаммад Ғоиб соли 2022 маҷмуаи рубоиёте бо номи «Арши сухан» (Гулчин аз китоби «Рубоинома») мураттаб ва чоп карда шуд, ки дар он панҷ рубоии шоир интихоб гардидааст [67, с. 74, 98].

Албатта ҳамаи осори зикршуда таҳқиқоти махсус доир ба рӯзгору осори Саҳобӣ нестанд, аммо аз сабабе ки дар шинохту муаррифии шоир таъсирноканд ва ҳамчун манбаъ дар оянда барои таҳқиқоти дигар ҷанбаҳои рӯзгору осори шоир заруранду дараҷаи таҳқиқи мавзуъро нишон медиҳанд, оварда шудаанд.

Ҳамин тариқ, дар бораи рӯзгору осори Саҳобии Астарободӣ дар сарчашмаҳо ишораҳои зиёд рафтааст, аммо то ҳол рӯзгору осори шоир мавриди таҳқиқи ҳаматарафа қарор нагирифтааст. Бино бар ин, мо тасмим гирифтем, ки дар ин диссертатсия зиндагӣ, осори адабӣ ва хусусиятҳои ашъори шоирро пажуҳиш кунем, зеро таҳқиқу баррасии ҳамаҷонибаи ин масъала ва муаррифии Саҳобии Астарободӣ, ки дар сарчашмаҳо ҳамчун шоири орифу ошиқ васф гардидааст, аз манфиат холӣ нахоҳад буд.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи корҳои илмӣ-таҳқиқии Шуъбаи таърихи адабиёти Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таълиф шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ

**Мақсади таҳқиқ.** Мақсади аслии диссертатсия омӯзиши зиндагӣ, ҳаёти адабӣ, осори адабӣ, муайян намудани мавқеъ ва ҷойгоҳи Саҳобии Астарободӣ дар адабиёти форсии тоҷикист.

**Вазифаҳои таҳқиқ.** Барои расидан ба ҳадафҳои мазкур муаллифи диссертатсия ҳалли вазифаҳои зерро ба миён гузоштааст:

– таҳқиқи рӯзгори Саҳобии Астарободӣ;

– омӯзиши осори адабии Саҳобии Астарободӣ;

– баррасии ғазал ва анъанаи ғазалсароӣ;

– омӯзиши мавзуъ ва муҳтавои ғазалиёти адиб;

– баррасии мавзуи ишқу ошиқӣ дар ғазалиёти шоир;

– омӯзиши панду ҳикмат дар ғазалиёти шоир;

– муайян намудани бархе аз вижагиҳои ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ;

– омӯзиши мавзуъ ва муҳтавои рубоиёти Саҳобӣ;

– баррасии андешаҳои иҷтимоӣ дар рубоиёти шоир;

– баррасии андешаҳои ирфонӣ дар рубоиёти Саҳобӣ;

– андешаҳои ахлоқӣ дар рубоиёти адиб;

– забон ва услуби баёни шоир.

**Объект ва сарчашмаҳои таҳқиқ.** Диссертатсия дар заминаи нусхаҳои хаттӣ ва полиграфии девону куллиёти шоир, тазкираҳо ва маҷмуаи ашъори шоирони асрҳои XVI ва аввали асри XVII-и адабиёти форсии тоҷикӣ, фарҳангу луғатномаҳо ва дигар сарчашмаҳои таърихӣ навишта шудааст.

**Предмети таҳқиқ.** Ҳадафи мо дар ин кор мавриди пажуҳишу баррасӣ қарор додани рӯзгору осор, мақоми эҷодӣ - адабии шоиру орифи охири асри XVI ва аввали асри XVII Саҳобии Астарободӣ ба ҳайси шахсияти эҷодӣ мебошад. Дар рафти таҳқиқ масъалаҳои ҷузъӣ бо қонунмандии назарӣ пайвастагӣ ёфта, ҷараёни инкишофи адабиёти форсии тоҷикӣ дар охири асри XVI ва аввали асри XVII мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

**Асосҳои назарии таҳқиқ.** Асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқро асарҳои илмию назарияи олимони адабиётшинос, ки доир ба таърих ва назарияи адабиёт таҳқиқоти боарзише ба сомон расонидаанд, ташкил мекунад. Дар диссертатсия аз усули тадқиқоти адабиётшиносону шарқшиносони дохилию хориҷӣ истифода шудааст. Хусусан мо дар таҳқиқоти худ ба дастовардҳои илмии донишмандони маъруфи назария ва таърихи адабиёт, аз ҷумла С. Айнӣ, А. Мирзоев, Х. Мирзозода, С. Нафисӣ, Р. Ҳодизода, А. Афсаҳзод, Х. Шарифов, А. Сатторзода, Р. Мусулмониён, У. Каримов, А. Абдусатторов, шарқшиносон Е.Э. Бертелс, М.М. Бахтин, И.С. Брагинский, Л. Рейснер, З.Н. Ворожейкина, А.З. Розенфелд, Забеҳуллоҳи Сафо, Сируси Шамисо такя намудем.

**Асосҳои методологии таҳқиқ.** Диссертатсия дар асоси методҳои муқоисавӣ-таърихии адабиётшиносӣ, равияҳои назарияи адабӣ ва омӯзиши типологии жанрҳо таълиф шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқ.** Нововарии илмии диссертатсия аз он иборат аст, ки бори нахуст дар илми адабиётшиносии тоҷикӣ паҳлуҳои гуногуни ҳаёту фаъолият, мероси адабӣ ва мазмуну мухтавои ашъори яке аз симоҳои машҳури адабиёти охири асри XVI ва аввали асри XVII, рубоисарои барҷаста Саҳобии Астарободӣ мавриди пажуҳиш қарор гирифтааст. То ба имрӯз дар Тоҷикистон ҳаёту фаъолият ва осори шоир дар шакли як диссертатсияи илмӣ таҳқиқ нашудааст. Дар диссертатсия зиндагиномаи адиб ва осори ӯ, хусусан андешаҳои ахлоқӣ, ирфонӣ, иҷтимоӣ ва адабии шоир баррасӣ шудаанд. Ҳамзамон, навигарии илмии диссертатсияро нуктаҳои зер ташкил медиҳанд:

– бори нахуст ҷанбаҳои гуногуни осори адабии Саҳобии Астарободӣ мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст;

– шахсияти шоир ба ҳайси як шоири бузурги рубоисаро, ғазалсаро, ориф ва ринду озодманиш исбот шудааст;

– саҳми шоир дар густариши жанри рубоӣ муқаррар карда шудааст;

– бори аввал мавзуву мухтаво, ҷанбаҳои бадеӣ, сабку услуби рубоиёт ва ғазалиёти адиб таҳлилу таҳқиқ гардидааст.

**Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

– зиндагиномаи Саҳобии Астарободӣ;

– Саҳобии Астарободӣ шоири рубоисаро ва ғазалсарои адабиёти форсии тоҷикӣ аст, ки дар асрҳои XVI ва XVII машҳур будааст;

– асоси шеъри Саҳобиро худшиносӣ, худошиносӣ, қаноату хештандорӣ, мардонагӣ, таҳаммул, дӯст доштан, ишқи поку беолоиш, муҳаббат варзидан, некию накукорӣ, дар роҳи ҳақ ва ҳақиқат зиндагӣ кардан, дур будан аз бухлу кина ташкил медиҳад;

– Саҳобии Астарободӣ яке аз он шоиронест, ки рубоии зиёд эҷод кардааст;

– дар баробари шоири мумтоз будан, инчунин ориф ва фақеҳи бузурги замонаш шинохта мешавад;

– дар ашъори ӯ мавзуи ишқу ирфон ва панду ҳикмат мавқеи хос дорад;

– ашъори шоир мазамматкунандаи ихтилофоти динию мазҳабӣ буда, дар онҳо арҷ гузоштан ба ҳама дину мазҳабҳо таблиғ мешавад;

– Саҳобии Астарободӣ дар корбурди санъатҳои бадеӣ маҳорати хуб доштааст;

– дар ашъори шоир вижагиҳои истифодаи санъатҳои бадеӣ ва дигар хусусиятҳои сохтори шеърӣ мушоҳида мешавад;

– муҳтавои аксари рубоиёт ва ғазалиёти шоир ирфонию фалсафӣ мебошанд;

– осори шоир ҷанбаи адабӣ, ирфонӣ ва фалсафӣ дошта, то ба имрӯз мавриди пажуҳиши амиқ қарор нагирифтаанд;

– рубоиёти Саҳобӣ дар девони дигар шоирони рубоисаро ба мушоҳида мерасанд;

– забони ашъори Саҳобии Астарободӣ аз забони меъёр ва мардумӣ маншаъ мегирад.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқ.** Қабл аз ҳама ин диссертатсия метавонад барои омӯзиш ва таҳқиқи адабиёти асрҳои XVI ва XVII ба кор

бурда шавад, зеро то ҳол адабиёти асрҳои мазкур мавриди таҳқиқоти ҳамаҷониба қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, ин диссертатсия метавонад дар таҳқиқи адабиёти асрҳои фавқуззикр маводи арзишмандеро пешниҳод намояд. Ҳамзамон, барои таҳқиқи андешаҳои фалсафию ирфонӣ ва ахлоқии шоир заминаи мусоид фароҳам созад. Диссертатсия аввалин пажуҳиш доир ба ҳаёт ва осори Саҳобии Астарободӣ буда, дар он қариб тамоми маъхазҳо, хусусан тазкираву баёзҳо, ки дар бораи шоир иттилоъ додаанд, зикр гардидаанд. Илова бар ин, доир ба нусхаҳои қаламии ашъори адабию фалсафии шоир, ки дар китобхонаву осорхонаҳои ҷаҳон маҳфузанд, маълумот дода шудааст. Аз ин рӯ, он ҳамчун пажуҳиши аввалин барои таҳқиқоти баъдии рӯзгор, осори адабию фалсафии шоир ва сабку услуби шеъри ӯ заминаи хубест.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Саҳобии Астарободӣ ва осори адабии ӯ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология бо шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик комилан мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ.** Мавзуъ ва масъалаҳои асосии таҳқиқӣ аз ҷониби роҳбари илмӣ тарҳрезӣ гардида, ҷустуҷӯ ва натиҷагириҳои илмии аспирант дар мақолаҳои илмӣ, маъруза дар маҳфилу конференсияҳо ва диссертатсия инъикос ёфтаанд. Таҳқиқи рӯзгору осор, мавзую мундариҷа, забон ва баёни ашъори Саҳобии Астарободӣ саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмиро собит намуда, мавод ва хулосаҳои диссертатсияро метавон барои тартиб додани тазкираи шоирон, таҳияи китобҳои дарсӣ барои муассисаҳои таълимии миёна ва олӣ, таҳияи матни интиқодии девони шоир, таҳқиқи жанрҳои рубоӣ, ғазал ва маснавӣ дар ин давра, таҳияи китобҳои илмӣ доир ба ирфону тасаввуф, назарияи адабиёт, забони тоҷикӣ, машғулиятҳои семинарӣ ва ғайра, истифода кард.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Нуктаҳои ҷудогонаи диссертатсия дар гузоришҳои ҳарсолаи аспирант, дар семинару

конфронсҳои Институти забон ва адабиёти ба номи А. Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода» инъикос ёфтаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеъи шуъбаи таърихи адабиёт, адабиёти муосир ва фолклори Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 27.06.2019, Суратҷаласаи №6 ва ҷаласаи васеъи шурои олимони Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 01.07.2022, Суратҷаласаи №8 баррасӣ ва барои ҳимоя пешниҳод шудааст.

**Нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои илмӣ ва андешаҳои таҳлилии муаллифи диссертатсия дар 15 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, дар 7 мақолаи нашрияҳои илмии таҳти қайди КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА-и Федератсияи Россия ва ҳамчунин, дар дигар нашрияҳо инъикос ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, шаш зерфасл, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст. Ҳар боб дар навбати худ мувофиқи мундариҷа ба фаслҳои алоҳида гурӯҳбандӣ шудааст.

Ҳаҷми умумии он 167 саҳифаи компютериро ташкил мекунад.

# БОБИ I.
# ЗИНДАГӢ ВА МЕРОСИ АДАБИИ САҲОБИИ АСТАРОБОДӢ

## 1.1. Рӯзгори Саҳобии Астарободӣ

Зиндагонии Мавлоно Камолиддин Саҳобии Астарободӣ ба замони салтанати сулолаҳои Шайбониён дар Осиёи Марказӣ (1500-1599), Сафавиён дар Эрону Хуросон (1501-1736) ва Темуриён дар Ҳинд (1526-1858) рост меояд. Ҳаёту фаъолияти Саҳобӣ ба ҳаводиси асри XVI-и Хуросон, Ҳинд ва Ироқ бештар марбут аст, чунки шоир дар ин минтақаҳо бештар зистааст. Пайдост, ки равандҳои таърихӣ, воқеаҳои мудҳиш, бархӯрди салтанату хонадонҳои шоҳӣ, хусусан, тохтутози Сафавиён ва Шайбониён, саргардониҳои мардум, азияти олимону мутафаккирон ва вазъи мураккаби баамаломада наметавонист, ки ба рҳияи Саҳобии Астарободӣ бетаъсир бимонад.

Танҳо амалиёту фаъолияти сиёсӣ ва ҷангҳои ғосибонаи Шайбонихонро муҳаққиқону таърихнигорон ба ду давра тақсим менамоянд. Аз ҷумла, муҳаққиқон А. Мухторов ва А. Раҳматуллоев менависанд: «Ҷангҳои ғосибонаи Шайбонихонро ба ду давра бояд тақсим кард: 1) Талош баҳри аз нав зинда сохтани ҳокимияти авлодии Абдулхайрхон дар дашти Қипчоқ ва дар зери итоати худ муттаҳид кардани қабоили саҳронишин; 2) Мубориза барои Мовароуннаҳр ва аз дасти Темуриён кашида гирифтани ин сарзамин. Истилои ин кишварро аз ҷониби туркон худи Темуриён осон карданд. Зеро аз қувваи онҳо дар ҷангҳои сулолавӣ алайҳи ҳамдигар истифода бурда, имконият доданд, ки кӯчиёни саҳро бо ҳар роҳ ба кору амали дохилии Темуриён дахолат кунанд» [117, 344].

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар асри XVI, яъне, дар даврони зиндагии Саҳобии Астарободӣ хеле печида ва мураккаб будааст. Аксари муаллифони сарчашмаҳои таърихию адабӣ вазъи сиёсӣ, илмӣ, адабӣ ва фарҳангии аввали асри XVI-ро муташанниҷ ба

қалам додаанд [102, с. 178]. Зеро дар ин давра миёни сулолаҳои Шайбониён ва Сафавиён низоъҳои хунин ба амал меомад. Аммо дар нимаи дуюми асри зикршуда вазъият рӯ ба беҳбудӣ ниҳода, робитаи илмию адабии ҳалқҳои Эрон, Хуросон, Мовароуннаҳр ва Ҳиндустон барқарор гардид. Алалхусус дар ин давра байни давлатҳои Шайбониён ва Темуриён муносибатҳои дипломатӣ, тиҷоратӣ, илмию адабӣ ба роҳ монда шуд [105, с.35].

Дар маҷмуъ айёми зиндагии Саҳобии Астарободӣ яке аз давраҳои пурпечутоб дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ маҳсуб мегардад. Ин ҳам дар ҳолест, ки дар ҳама давр зарбаҳои ҷонкоҳу харобиовар ва фишорҳои рӯзгор бар афкору осори аҳли адабу хирад таъсир намуда, зиндагию эҷодиёти эшонро моломоли андуҳу азият мегардонад. Гузашта аз ин, ҷангҳои зикршуда муносибатҳои адабӣ, фарҳангӣ ва илмиро миёни аҳли илму адаби Эрон, Хуросон ва Мовароуннаҳр заиф гардонид.

Доир ба рӯзгори Саҳобии Астарободӣ дар сарчашмаҳои таърихӣ, тазкираву баёзҳо маълумоти пароканда ва ҳамсон оварда шудааст. Роҷеъ ба зиндагонии шоир иттилооти зарурӣ мавҷуд нест. Пажуҳиш нишон медиҳад, ки сарчашмаҳо ба таври мухтасар доир ба таваллуд, зиндагӣ, таълиму тадрис ва вафоти шоир иттилоъ додаанд. Қариб тамоми сарчашмаҳо ба дарвешона зистани ӯ ва сӯфимашраб буданаш ишораҳо кардаанд. Аз ин рӯ, дар муайяну барқарор намудани рӯзгор ва шарҳи ҳоли Саҳобии Астарободӣ наметавон танҳо ба тазкираҳо ва дигар маъхазҳои таърихӣ маҳдуд шуд ва эътимод кард, балки ба осори худи шоир бояд руҷуъ намуд. Осори адиб дар ин бобат ба мо далелҳои муътамад медиҳад. Дар ҳақиқат, шоир дар ашъораш доир ба баъзе паҳлуҳои зиндагияш ишораҳои ҷолиб дорад, ки метавон онҳоро низ барои барқарор кардани рӯзгораш ҳамчун далел истифода бурд.

Ба андешаи мо, масъалаи нахустине, ки дар мавриди барқарор намудани тарҷумаи ҳоли шоир бояд ҳал карда шавад, муайян намудани ном ва тахаллуси ӯст, ки дар ин бобат дар сарчашмаҳои таърихии то ин дам ба дасти мо расида сухан нарафтааст, вале аз ашъораш дар ин бобат маълумоти ҷолиб метавон дастрас намуд. Аз таҳқиқи осори шоир

бармеояд, ки бо ду тахаллус, яъне «Саҳоб» ва «Саҳобӣ» шеър гуфтааст, ки албатта ба вазни ашъори шоир марбут аст. Таҳқиқоти мо нишон дод, ки дар якчанд маврид, хусусан, дар оғози рисолаи «Урват-ул-вусқо» тахаллуси худро «Саҳоб» зикр кардааст:

Ассалом, эй бандаи саргаштаро, яъне Саҳоб,
Карда озод аз ду олам шавқи дидори шумо [38, с. 22 б].

Аз таҳқиқ дар девони ғазалиёти шоир бармеояд, ки дар мақтаи қариб наваду ҳашт фоизи ғазалиёти шоир тахаллуси ӯ «Саҳобӣ» зикр гардида, танҳо ду фоизи ғазалиёташ бидуни тахаллусанд, яъне, дар девони ғазалиёташ низ тахаллусашро «Саҳоб» ва «Саҳобӣ» зикр кардааст.

Ҳамчунин, бояд хотирнишон кард, ки Саҳобӣ шахсияти сӯфимашраб буда, барои расидан ба ҳақ ҳамеша узлатнишинӣ мекардааст. Дар асрҳои XVI-XVII адабиёт дар қаламрави Сафавиён хислати динию тасаввуфӣ гирифта буд. Ҳамин аст, ки аксари адибони ин давра дар эҷодиёти худ масоили ҷамъиятию фарҳангӣ ва сиёсиро камтар инъикос намудаанд. Саҳобӣ низ яке аз ҳамин гуна шахсиятҳои сӯфимашрабу орифи вораста ва солики роҳи ҳақи замонаш ба шумор меравад. Шоир тахаллуси худро низ мувофиқ ба сӯфимашрабу ориф ва соликии роҳи ҳақ буданаш «Саҳоб», яъне, «абр» интихоб кардааст. Бояд тазаккур дод, ки калимаи «Саҳоб» дар тамоми луғату фарҳангҳои тоҷикию форсӣ аслан ба маънои «абр» ташреҳ шудааст [152, с. 228]. Тавре ки гуфтем, доир ба тахаллуси шоир дар маъхазҳои таърихӣ маълумоте дода нашудааст. Аз ин сабаб, дар ин маврид мо танҳо метавонем ба ашъори худи шоир такя намоем.

Дар таърихи адабиёт аксари шоирон тахаллуси худро мувофиқ ба афкори худ интихоб намудаанд, ки бозгӯкунандаи мақсаду мароми онҳост. Тахаллуси Саҳобӣ низ ҳамин гуна ба эҷодиёту солики роҳи ҳақ буданаш мувофиқ ва маънии «Саҳоб» абр буда, дар ин ҷо киноя аз файзи илоҳист. Абрест, ки ҳамеша бордони файзу баракат ва илму маърифатро ба хонанда эҳдо менамояд ва ин абри раҳмат гулистони ақлу хирад ва маънавиёти моро шодоб мегардонад. Ҳамчунин, аз ашъори худи ӯ ҳувайдост, ки

пайваста дар роҳи Ҳақ ва ҳақиқат, ишқу муҳаббати илоҳӣ ва инсонӣ, яъне заминӣ, ранҷу дард кашида, ҳамчун ориф андешаҳои орифонаву сӯфиёнаи худро ба намоиш мегузорад ва хештанро «Саҳоби ишқ» унвон медиҳад. Воқеан, шоир дар мавриди интихоби тахаллуси хеш дар ашъораш ишораҳо кардааст:

На ашки сурх ба рухсори зард меборам,
Саҳоби ишқаму борони дард меборам [34, с. 432].

Ё ин ки:

Эй гул, ба ҳавои ту зи бас гиря, ки кардем,
Моро ба раҳи ишқ «Саҳобӣ» лақаб омад [34, с. 333].

Ба ҳамин маънӣ дар ғазалиёти шоир ишораҳои зиёде рафтааст. Аз мисраъҳои боло бармеояд, ашки Саҳобӣ, ки дар роҳи ҳақ ва ҳақиқат, ишқу муҳаббат рехтааст, гулистонкунандаи олами маънавӣ будааст. Аз ин рӯ, тахаллус ё лақаби ӯ маҳз аз он сарчашма мегирад:

Дам ба дам ҳамчун Саҳобӣ дар ҳавои гиряем,
З-он ки табъи поки он гул хуррам аз борони мост [34, с. 164].

Дигар масъала пайваст ё часпидани нисбаҳои «Астарободӣ», «Шуштарӣ» ва «Наҷафӣ» ба исми шоир аст. Ба қавли тазкиранигорон, Саҳобӣ ба Астарободӣ, Шуштарӣ ва Наҷафӣ низ машҳур будааст. Ризоқулихони Ҳидоят дар тазкираи «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» овардааст, ки «мавлидаш Шуштар ва аслаш аз Ҷурҷон (Ҷурҷон ё Гургон, Астарободи таърихист. – Б. М.) ва мавтинаш Наҷафи ашраф» аст [46, с. 39]. Маълум мегардад, ки дар замони машҳур будани шоир исми се шаҳри маъруф, «Астаробод»-ватани бобоии шоир, «Шуштар»-зодгоҳаш ва «Наҷаф»-шаҳре, ки дар он иқомати тулонӣ дошт, ба исми ӯ пайваст гардидааст. Дар «Энсиклопедияи советии тоҷик» омадааст, ки дар ҷавонӣ аз Шуштар ба Наҷаф рафта, чил сол дар он ҷо иқомат ва касби камол кардааст. Аз ҳамин ҷиҳат ба Астарободӣ ва Наҷафӣ маъруф аст [179, с. 6]. Пайваст гардидани номи шаҳри «Астаробод» ба исми шоир аз он хотир аст, ки асли ӯ, яъне, падару бобоҳои шоир аз Астаробод мебошанд. Тақии Авҳадӣ навишта:

«Мавлидаш Астаробод ва масканаш Наҷафи ашраф аст» [14, с. 343]. Бо вуҷуди он ки дар сарчашмаҳо, хусусан, дар тазкираҳо номи ӯро Саҳобии Астарободӣ, Шуштарӣ ва Наҷафӣ навиштаанд, аммо худи шоир дар мавриди шаҳрҳои Астаробод, Шуштар ё Наҷаф ба масобаи ватани аслии хеш дар ҳеҷ ҷойи осораш мушаххас зикр накардааст, вале маҷмуан дар Ироқу Ҳиҷоз буданаш ва ёди Хуросон карданашро ишора мекунад [34, с. 416].

Масъалаи дигаре, ки бояд ба он таваҷҷуҳ кард, номи аслии шоир аст, чунки дар тазкираҳо номи адиб ва насаби ӯ гуногун зикр гардидааст. Масалан, дар «Энсиклопедияи советии тоҷик» ному насаби шоир ба таври иҷмол «Саҳобии Астарободӣ» зикр гардида, ҳамчунин гуфта мешавад, ки гоҳе номашро «Шайх Саҳобӣ» ҳам сабт кардаанд [179, с. 6]. Ризоқулихони Ҳидоят дар тазкираҳои «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» ва «Риёз-ул-орифин» номи шоирро «Саҳобии Астарободӣ» навиштааст [48, с. 127]. Дар тазкираи «Ҳафт иқлим»-и Амин Аҳмади Розӣ ҳам номи ӯ дар чанд маврид танҳо «Мавлоно Саҳобӣ» зикр карда шудааст [29, с. 1260]. Вале дар сарчашмаҳои дигар номи адиб батафсил омадааст. Хусусан, Лутфалибек Озари Бегдилӣ дар «Оташкада» исму насаби Саҳобиро ба шакли «Мавлоно Камолиддин Саҳобии Астарободӣ» сабт кардааст [27, с. 780]. Забеҳуллоҳи Сафо низ дар китоби «Таърихи адабиёт дар Эрон» номи ӯро «Камолиддин Саҳобии Астарободӣ» [144, с. 858] навиштааст. Муҳаққиқ Ҳиво Ҳасанпур номи шоирро «Абусаид Камолиддин Саҳобии Наҷафии Астарободӣ» зикр кардааст [159, с. 43]. Дигар муҳаққиқони мутааххир низ исми шоирро ҳамин гуна зикр кардаанд, ки ба андешаи мо овардани ҳамаи онҳо ҳоҷат надорад. Аммо Хушгӯ номи шоирро Субҳонии Астарободӣ зикр карда, рӯзгору ашъори Саҳобиро овардааст. Ба назари мо тазкиранигор ҳангоми навиштани номи шоир иштибоҳ намудааст ва Саҳобиро дар назар дорад [45, с. 154].

Аз таҳлилу баррасиҳои сарчашмаҳое, ки доир ба Саҳобӣ маълумот додаанд, ба хулосае омадем, ки номи асосии ӯ Камолиддин ва исми

падараш Абусаид буда, асосан бо тахаллуси «Саҳобӣ» ва нисбаи «Астарободӣ» машҳур гардидааст. Инчунин, метавон натиҷагирӣ кард, ки номи аслии вай Абусаид Камолиддин Саҳобии Астарободии Наҷафии Шуштарӣ, мутахаллис ба «Саҳобӣ» мебошад.

Саҳобии Астарободӣ дар садаи X ва XI ҳиҷрии қамарӣ (охири асри XVI ва аввали асри XVII) зиндагӣ намуда, санаи мушаххаси таваллуди шоир маълум нест. Ҳамчунин, аксари сарчашмаҳо зиндагии шоирро мувофиқ ба солҳои ҳукмронии шоҳ Аббоси Сафавӣ навиштаанд. Ризоқулихони Ҳидоят менависад, ки «зуҳураш дар замони шоҳ Аббоси Сафавӣ» [48, с. 99]. Волаи Доғистонӣ дар тазкираи «Риёз-уш-шуаро» иттилоъ медиҳад: «Мавлонои мағфур дар замони шоҳ Аббос, анора-л-Лоҳу бурҳонаҳу буда» [14, с. 343]. Дигар сарчашмаҳо низ ба ҳамин монанд маълумот дода, аммо Аббоси I ё Аббоси II мушаххасан зикр накардаанд. Инчунин, дар баъзе манобеъ зиндагонии шоир дар даврони ҳукмронии Таҳмоспи Сафавӣ (Таҳмоспи I) низ зикр шудааст. Аз ҷумла, дар «The encyclopaedia of islam» қайд гардидааст: «Чиҳил сол дар Наҷаф зиндагӣ карда, дар замони салтанати ҳокими Сафавӣ Таҳмоспи I (1524-1576) умр ба сар бурда аст» [181].[1] Аз муқоиса ва омӯзиши сарчашмаҳо мо ба хулосае расидем, ки Саҳобии Астарободӣ, ҳам дар солҳои ҳукмронии Таҳмоспи I (1524-1576) ва ҳам дар солҳои салтанати шоҳ Аббоси I (1571-1629) зиндагӣ ва эҷод кардааст. Ба пиндори мо санаи вафоти шоир, ки дар сарчашмаҳо зикр шудааст, нишон медиҳад, ки рӯзгори шоир мувофиқ ба солҳои охири ҳукмронии Таҳмоспи I ва солҳои аввали салтанати Аббоси I мувофиқ меояд.

Дар тазкираҳо ва сарчашмаҳои таърихию адабӣ танҳо санаи вафоти шоир сабт гардидааст, ки он ҳам гуногун аст. Сарчашмаҳо вафоти шоирро ба солҳои 1001, 1002, 1010, 1016 ва 1021-и ҳиҷрии қамарӣ баробар донистаанд. Ҳерман Эте дар китоби «Таърихи адабиёти форсӣ» вафоти ӯро соли 1010 ҳиҷрӣ (1601 мелодӣ) нишон додааст [160, с. 140]. Забеҳуллоҳи

[1] Тарҷумаи муаллиф

Сафо ҳам дурустии вафоти Саҳобии Астарободиро дар соли 1010 ҳиҷрӣ тасдиқ мекунад [144, с. 859].

Ризоқулихони Ҳидоят дар тазкираи «Маҷмаъ-ул-фусаҳо» вафоти Саҳобиро соли 1701 менависад, ки дуруст ба назар намерасад, зеро худи Ҳидоят таъкид мекунад, ки «Зуҳураш ба рӯзгори шоҳ Аббоси Сафавӣ буда», аммо соли вафоташро соли 1701 менависад [46, с. 39]. Мир Тақиюддин Муҳаммадҳусайни Кошӣ соҳиби тазкираи азими «Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор» бо Мавлоно Нотиқии Астарободӣ, ки суҳбати Саҳобиро дарёфтаанд, менависад: «Дар шуҳури санаи тисъин ва тисъамиа (990 ҳ.қ. /1579 м. Б.М.), ки фақири ҳақир ба ҳидояти рафиқи тавфиқ ба Наҷафи ашрафи ақдас расид, иродае дарёфт, суҳбати мушорунилайҳ намуд» [34, с. 19]. Аз сабабе ки дар бештари сарчашмаҳо вафоти шоир соли 1010 ҳиҷрии қамарӣ зикр шудааст, мо низ ба он такя мекунем ва ин санаро нисбатан дақиқ мешуморем. Тавре ки дар боло ишора шуд, дар мавриди валодати Саҳобӣ дар тазкираҳои дастрасгардида ишорае нарафтааст, аз ин сабаб, санаи таваллуди вай таҳқиқоти амиқтару дақиқтареро тақозо менамояд. Аммо шоир гоҳ-гоҳе дар ашъораш аз пирию барҷомондагӣ шикоят мекунад, ки бозгӯкунандаи умри дароз дидани ӯст. Чунончи:

З-ин сон, ки дил аз тири ту вораста нагардад,
Кас ғайри бало гирди мани хаста нагардад.
Бо қомати хам саҷдаи пайдарпайи ман чист?
Дар дида гар абрӯи ту пайваста нагардад [34, с. 334].

Ё ин ки:

Ин умр, ки моро аламе беш набуд
В-ин шодии олам, ки ғаме беш набуд,
Чун мадди шиҳобу барқ бар авҷ намуд,
Ҳарчанд дароз шуд, даме беш набуд [38, с. 222 а].

Ҷойи дигар менависад:

Мани фарсуда агар дар раҳи ғам пир шудам,

Дар сарам ишқи ҷавонист, ки натвон гуфтан [34, с. 475].

Саҳобӣ аз зумраи орифони бузург ва шоирони пурмаҳсул аст, ки асли ӯ, яъне падару бобоёнаш аз дорулфатҳи Астарobод буда, аммо худи ӯ дар Шуштар таваллуд ёфта, дар ҷавонӣ ба Наҷаф рафта, он ҷо ба таҳсили илмҳои динӣ ва тарбияи нафс машғул шуда, ҳамзамон ба кори эҷодӣ пардохтааст.

Дар баъзе сарчашмаҳо Саҳобӣ шоири тоҷик зикр шудааст. Хусусан, дар «Энсиклопедияи советии тоҷик» шоири тоҷик қаламдод шудааст, ки ба эҳтимоли зиёд дуруст аст, [179, с. 6] зеро ватани аҷдодии ӯ Астарobод дар замони Сомониён таҳти тасарруфи тоҷикон қарор дошт ва тоҷикон он ҷо сукунат доштанд. Дар ин бобат дар «Энсиклопедияи миллии тоҷик» мехонем: «Ин шаҳр (Астарobод – Б.М.) дар даврони салтанати Сомониён маркази муҳимми зарби сикка буд. Дар замони ҳукмронии Аҳмад ибни Исмоили Сомонӣ Астарobод бори дигар таҳти нуфузи алавиён қарор гирифт ва минбаъд байни амирони сомонӣ ва алавиён аз даст ба даст мегузашт, то он даврае, ки Мокон ибни Кокӣ аз тарафи алавиён ҳукумат ёфт» [178, с. 32]. Муаррихон низ Гургон ва Табаристонро, ки зодгоҳи аҷдоди Саҳобӣ мебошанд, дар давраҳои гуногун зери салтанати Сомониён будани онро зикр кардаанд. Аз ҷумла, муаррих Н. Сафаров менависад: «Муборизаҳо барои дастёбӣ ба ҳукумати Гургон, Табаристон ва Рай, ки миёни гумоштагони халифаи Бағдод, сипаҳсолорони Сомонӣ ва фармондеҳони маҳаллӣ ҷараён дошт, дар умум ба нафъи Сомониён анҷомид. Аммо Гургон на аз ҷониби волиёни гумоштаи амири Сомонӣ, балки тавассути сардорони маҳаллӣ идора мешуд. Дар Гургон сулолаи қадимии маҳаллӣ – Зиёриён, ки худро аз табори Сосониён мепиндоштанд, зуҳур кард. Онҳо дар умури дохилӣ худмухтор буда, аммо солона ба хазинаи давлати Сомониён хироҷ мепардохтанд» [140, с. 31]. Ҳамчунин, таърихшинос Н. Сафаров қайд мекунад, ки бузургтарин шаҳрҳо ва вилоятҳои Сомониён – Бухоро, Самарқанд, Усрушана, Фарғона, Хуҷанд, Чоч, Элок, Исфиҷоб, Хоразм, Гурганҷ, Чағониён, Кеш, Нахшаб, Хатлон,

Бадахшон, Балх, Ҷузҷон, Ғарҷистон, Ғур, Систон, Бомиён, Марв, Нишобур, Сарахс, Ҳирот, Ғазна Гургон, Рай, Табаристон ва ғайра буданд, ки ҳар кадом шаҳракҳо ва рустоҳои бисёре ҳам доштанд [140, с. 34]. Дигар сарчашмаҳои таърихӣ низ дар ҳудуди ҷуғрофиёи давлати Сомониён қарор доштани Астаробод – зодгоҳи аҷдоди Саҳобии Астарободиро тасдиқ кардаанд, вале мо ин ҷо бо далелҳои дар боло овардашуда иктифо менамоем.

Инчунин, дар мавриди асли тоҷикӣ доштани Саҳобӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар як мусоҳибааш дар рӯзномаи мисрии «Ал-мисри-л-явма» дар таърихи 31-уми августи соли 2009 андешаронӣ кардааст. Ин мусоҳиба ба муносибати ба забони арабӣ нашр шудани китоби сеҷилдаи «Тоҷикон дар оинаи таърих» сурат гирифта, он худи ҳамин сол аз арабӣ ба тоҷикӣ тарҷума ва дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» нашр гардид. Пешвои миллат дар бораи Саҳобӣ чунин гуфта буд: «Мардуми тоҷик урфу одатҳои исломии асили худро дар тӯли таърих, ҳатто дар замони шуравӣ нигаҳ дошта, пойбандии худро ба фарзҳои динӣ ва ибодатҳо дигаргун насохтааст ва дар масири таърихи ислом мавқеи босазоеро касб намудааст. Чандин нафар аз олимон ва нобиғагони дин, ба монанди бузургтарин имомони ислом Имом Бухорӣ, Имом Тирмизӣ, Имом Ғазолӣ, Имом Абуҳанифаи Нуъмон, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Саҳобӣ, Салмони Форсӣ ва Шайхурраис Ибни Сино асли тоҷикӣ доранд» [124, с. 1]. Эмомалӣ Раҳмон дар мусоҳибааш дар радифи дигар адибону олимони тоҷик Саҳобии Астарободиро низ зикр карда, дар якҷоягӣ бо дигар далелҳо тоҷикуласл будани шоирро исбот мекунад. Маълум мегардад, ки бобоёни шоир аз тоҷикони Астаробод буда, худи ӯ дар Шуштар таваллуд шуда, сипас дар ҷавонӣ ба Наҷаф ҳиҷрат кардааст. Пешвои миллат Саҳобиро дар қатори олимон ва фақеҳони дин зикр кардааст, ки ӯ низ дар бештари сарчашмаҳо аз фақеҳони замони худ ном бурда мешавад. Дар ин хусус Ғуломризо Мустаълии Порсо ва Ҳиво Ҳасанпур менависанд: «Саҳобӣ дар

фазо ва фарҳангу суннати исломӣ зист карда ва хӯроки фикрӣ ва фарҳангияшро аз фарҳангу суннати исломӣ гирифтааст. Ӯ аз фақеҳони замони худ ба шумор мерафт ва дар Қуръон табаххури зиёде доштааст» [123, с. 166]. Дар «The encyclopaedia of islam» низ фақеҳ будани ӯ зикр гардидааст. Чунончи: «Дар замони будубоши худ дар он шаҳр (Наҷаф – Б.М.) яке аз фақеҳони замони худ буд ва дар мадрасаи ҷавори марқади ҳазрати Алӣ (р) таҳсил ва дарс медод» [181].[2]

Шоир чиҳил сол дар Наҷаф инзиво ихтиёр карда, ба ҷорӯбкашии масҷиде машғул мешавад. Ҳамин аст, ки дар баъзе маъхазҳо бо тахаллуси «Ҷорӯбсоз» низ ёд шудааст. Биндробан Доси Хушгӯ дар тазкирааш «Сафинаи Хушгӯ» тахаллуси Саҳобиро таҳти ҳарфи «ҷим» «Ҷорӯбсоз» зикр кардааст, ки бо шуғлаш мувофиқ буда, қобили қабул аст, аммо номашро Мавлоно Субҳонии Астарободӣ зикр карда, аз рӯзгору ашъори Мавлоно Саҳобии Астарободӣ ёдовар мешавад. Ба назари мо ин нукта ҳангоми китобат кардан саҳв шудааст [45, с.154]. Абдуррасул Хайёмпур дар китобаш «Фарҳанги суханварон» номи шоирро бо истинод ба нусхаи хаттии «Сафинаи Хушгӯ» ва дигар сарчашмаҳо зикр кардааст [43, с. 441]. Ҳамчунин, дар шаҳри Наҷаф ба таҳсили илм ва тадриси шогирдон машғул будааст. Дар Наҷаф фавт ва дафн карда шудааст.

Муаллифони тазкираҳо Саҳобиро яке аз орифони вораста ва покизаниҳоди маъруфи замони худ ба қалам додаанд. Онҳо дар китобҳои худ ривояте доир ба рӯзгори Саҳобӣ овардаанд, ки аз мақому мавқеи ин шоири ориф дар замони худ далолат мекунанд. Аз ҷумла, Лутфалибек Озари Бегдилӣ дар китоби «Оташкада» дар бораи Мавлоно Саҳобӣ чунин ривоят овардааст: «Вақте ба канори обе расид (Саҳобии Астарободӣ – Б.М), хост, ки бигзарад, пояш фурӯ рафт, бо худ гуфт: Ин маънӣ аз тааллуқ аст ва маро ба ҳеҷ чиз ҷуз девони шеъри худ тааллуқ нест. Девонро дар об андохт ва чун пайки сабо бар рӯйи дарё хиромон бигзашт...» [27, с. 780].

---

[2] Тарҷумаи муаллиф

Дар баъзе сарчашмаҳои дигар гуфта мешавад, ки баъди ба дарё андохтани девони ашъораш табъаш дар шоирӣ равонтар мегардад ва шеъри зиёде эҷод мекунад. Забеҳуллоҳи Сафо дар китоби «Таърихи адабиёт дар Эрон» менависад, ки пас аз он ки девонашро ба дарё меафканад, табъаш кушода мешавад ва ҳафтод ҳазор рубоӣ эҷод мекунад [144, с. 859].

Аҳли тасаввуф аъмоли мазкурро каромот меноманд ва ба он бовари комил доранд. Худи Саҳобӣ низ дар як ғазалаш мегӯяд:

Даро ба майкадаи ишқу маст шав, эй шайх,
Агар туро ҳаваси гуфтани каромот аст [34, с. 153].

Амин Аҳмади Розӣ дар тазкираи «Ҳафт иқлим» менависад: «Муддати сӣ сол аст, ки қадамаш ба кӯчаву бозор нарасида ва ба ғайри бӯрё, хишту ибриқе аз ҳитоми ҷаҳон чизе ихтиёр накарда. Ва аз ин сабаб ҳамвора манзури анзори хавосу авом мебошад. Аз сағир то кабир ва ғассу самин ҳалқаи иродати ӯ дар гӯш, ғошияи муҳаббаташ бар дӯш доранд ва ҷониби таъзими ӯро ба ҳар чӣ сазотар риоят мекунанд» [29, с. 1261]. Волаи Доғистонӣ дар тазкираи «Риёз-уш-шуаро» аз ӯ чунин тамҷид кардааст: «Аз фарти иштиҳор муҳтоҷи таърифу тавсиф нест. Орифест, ки аз Қоф то Қофи ҷаҳони вуҷуд дар зери боли анқои ирфони ӯст. Чиҳил сол дар Наҷафи ашраф мунзавӣ буда, дар ҳамон ҷо мадфун шуд. Шаш ҳазор рубоӣ аз вай дида шуда» [14, с. 343].

Аз ин ривоятҳо бармеояд, ки шоир воқеан яке аз шахсиятҳои парҳезгор ва сӯфимашраб будааст. Аз ин рӯ, чиҳил сол инзиво ихтиёр кардан, дар ҳолати фақр ё дарвешӣ ба сар бурдан ва кам ба кӯчаву бозор баромаданаш аз воқеият дур нест, вале ин маънои онро надорад, ки шоир дар Наҷаф ба таври ҳамешагӣ кунҷи узлат ихтиёр кардаву ба ҳеҷ куҷо сафар накардааст. Доир ба саёҳатҳои шоир дар охири ҳамин фасл дар такя ба ашъори худи ӯ маълумот медиҳем.

Дигар ин ки мардум дар бораи шахсиятҳое ривоят меофаранд, ки воқеан машҳуранду мавриди таваҷҷуҳи аҳли ҷомеа қарор доранд. Шоир гӯшанишинии худро чунин ба қалам додааст:

Чун Саҳобӣ кай нишинад бо касе?
Он ки ӯ бо ишқ бошад ҳамнишин [34, с. 478].

Ё ин ки:

Агар аз базми аҳли ишқ берунам, чӣ ғам дорам,
Ки ҳастам шамъсон саргарм аз сӯзи даруни худ [34, с. 277].

Ризоқулихони Ҳидоят дар «Риёз-ул-орифин» Саҳобии Астарободиро яке аз орифони комил ба қалам дода, мегӯяд: «Саҳобӣ орифест комил ва ошиқест восил. Шуҳудаш мудом ва ҳузураш бардавом, фикраш холӣ аз васвос ва зикраш орӣ аз ҳавос, табъаш олӣ ва қавлаш ҳолӣ, баъзе ӯро аз аҳли Шуштар дониста, таҳқиқ он аст, ки мавлидаш дар Шуштар ва асл аз Ҷурҷон аст. Мавтинаш Наҷаф, зуҳураш дар замони шоҳ Аббоси Сафавӣ. Чиҳил сол дар Наҷаф инзиво ихтиёр карда ва рӯйи таваҷҷуҳ ба ибодат оварда, ҳам дар он ҷо фавт ва мадфун шуда...» [48, с. 127].

Агарчи дар сарчашмаҳо Саҳобиро орифи комил, Мавлоно, Шайх ва дигар унвонҳо дода бошанд, аммо бо вуҷуди андешаҳои баланди орифонааш дар эҷодиёташ худситоӣ накардааст:

Маро, ки шайх наям, аз самоъу ваъз чӣ суд?
Туро, ки маст найӣ, аз майю тарона чӣ ҳаз? [34, с. 390].

Дар ҳақиқат, ӯ марде буда, узлатнишин бо сулуку машраб дарвешона мезистааст. Дар ин бобат шоир дар ашъораш ишораҳои зиёд дорад. Чунончи:

Агар воқиф наям аз кори олам, шукр мегӯям,
Ки дар кору фунуни ошиқӣ устодие дорам [34, с. 462].

Ё ин ки:

Чун Саҳобӣ агар аз аҳли иродат бошӣ,

Дар раҳи ишқ ҷавонони ҷаҳон пири туанд [34, с. 240].

Аммо аз ашъори худи шоир бармеояд, ки ӯ дар баробари узлатнишинӣ, ҳамчунин дарвешона зистанро низ ихтиёр кардааст. Дар ин бобат ӯ чунин мегӯяд:

Аз коми дили хеш гузаштем, Саҳобӣ,
То расму раҳи мардуми дарвеш гирифтем [34, с. 426].

Ё ки:

Мустағнием ҳамчу Саҳобӣ зи мулку ҷоҳ,
То ҷо ба силки мардуми дарвеш кардаем [34, с. 424].

Шоир дар роҳи маърифати Худованд ҳамчун солики роҳи ҳақ устуворона қадам зада, ҳеҷ гоҳ аз роҳи интихобкардааш инҳироф накардааст:

Аз кӯйи дӯст он ки нарафт аз ситам, манам,
Дар роҳи ишқ ошиқи собитқадам манам [34, с. 413].

Ҳамзамон, Саҳобӣ дар идомаи ҳамин ғазал дар ҷараёни риндӣ будани худро таъкид мекунад:

Масте, ки ҷоми ишқ занад ҳар нафас, туӣ,
Ринде, ки хӯрда хуни ҷигар дам ба дам, манам [34, с. 413].

Дар ғазали дигар низ ринд будани худро таъкид мекунад:

Зоҳид аз зуҳди риёӣ хонақоҳу шайх ҷуст,
Ман, ки ринду майкашам дайри муғон ҷойи ман аст [34, с. 173].

Ба андешаи инҷониб Саҳобии Астарободӣ дар баробари риндӣ, инчунин яке аз намояндагони тариқати маломатия маҳсуб мешавад. Агарчи дар сарчашмаҳо дар ин бобат маълумот дода нашудааст, аммо аз тарзи баёни ӯ равшан мегардад, ки Саҳобӣ яке аз намояндагони тариқати риндӣ ва маломатия аст. Лозим ба зикр аст, ки намояндагони тариқати маломатия «некию фазилатҳои инсониро таблиғу ташвиқ намекарданд. Зуҳду тақвояшон ошкоро набуд, балки ниҳонӣ буд. Онҳо тамоми фикру зикр ва кӯшишу ғайрати худро ба маърифат равона мекарданд. Вале зоҳиран худро акси ботинашон нишон медоданд. Рафторашон дар байни

мардум тавре сурат мегирифт, ки мардум ба онҳо эътироз карда, мавриди накӯҳишу сарзаниш қарор медоданд. Бо ин мақсад аҳли маломатия баъзе қоидаҳои шаръиро қасдан вайрон менамуданд. Ғояи амали онҳо аз некӣ мағрур нашудан ва аз гирифтории бемории пурхатари худбинӣ, ки монеъи камолоти маънавӣ аст, дурӣ ҷустан буд» [182]. Ба назари мо танқиди Содиқбеки Афшор муаллифи тазкираи «Маҷмаъ-ул-хавос» низ ба ҳамин аъмоле, ки хоси маломатиён буд, иртибот дорад. Бояд тазаккур дод, ки ду тазкиранигор Мир Тақиюддин Муҳаммадҳусайни Кошӣ ва Содиқбеки Афшор ҳамасрони Саҳобии Астарободӣ мебошанд ва ӯро аз наздик дидаанд. Тақиюддини Кошӣ ӯро бисёр тамҷид мекунад, вале Содиқбеки Афшор Саҳобиро сахт танқид мекунад. Озари Бекдилӣ дар «Оташкада» менависад, ки соҳиби «Маҷмаъ-ул-хавос», ки бо Саҳобӣ муосир буд, бо вай муносибати хуб надоштааст ва аҳволи ӯро бад-ин гуна ба нақл овардааст: «Дар кисвати тафрид ва таҷрид дар атаботи олиёт ва бахусус дар Наҷаф иқомат дошт. Муддати чанд сол дар он остона чунон ба риёзати риёкорона рафтор мекард, ки аксар худдому зувворро муриди худ сохта буд. Чун ин ҳолати вай музаввирона буд. Ва мавқеъе, ки банда ба атабот мушарраф шудам, чанд амали зишти нафсонӣ ва балки шайтонӣ аз он ҳариф сар зад, ки дар натиҷа муридонаш ҳама мункир гаштанд. Ҳанӯз ҳам бар ҳамон тариқ рафтор мекунад, мисли ин ки соҳиби он аъмоли шанеъ ӯ набуда аст. Ба ҳар ҳол зоҳири ӯ дарвешона аст» [27, с. 780].

Албатта ин паҳлуи ҳаёти шоир таҳқиқи бештару жарфтарро тақозо менамояд. Вале шояд маҳз ҳамин гуна суханҳову туҳматҳо бошад, ки Саҳобӣ чунин шикоятҳоро дар ашъораш ҷой додааст. Чунончи:

Дар забон аҳли ҷунунро ҳарфи савдои ман аст,
Бар сари кӯйи маломат боз ғавғои ман аст [34, с. 173].

Шоир зиндагонии миёнаҳолона дошта, ҳеҷ гоҳ пайи сарвату моли дунё нарафта, худро пойбанди ишқ ва ҳатто аз ду олам бениёз медонад:

Дар ҳавои ишқ ҳар кас бозраст аз ину он,

Чун Саҳобӣ аз ду олам бениёзӣ мекунад [34, с. 315].

Зимнан, бояд гуфт, ки оид ба донандаи Қуръон будани Саҳобӣ дар сарчашмаҳо маълумоти зиёд дода шудааст. Ҷавоҳирӣ аз қавли Мир Тақиюддин Муҳаммадҳусайни Кошӣ, ки бо Саҳобӣ мулоқот кардааст, дар пешгуфтори ғазалиёти шоир менависад: «Ба шарафи маҷолисати вай сарафроз гардида, вайро дар ҳолати дарвешӣ ва тарзи зуҳду гӯшанишинӣ писандид ва бо камолот ва хасоили ҳамида, шиями марзия ва адами илтифот ба ҳавои ҳабси (шояд ҳавову ҳавас бошад ва ҳангоми нашр ғалат шудааст –Б. М.) нафсонӣ ва мусталаззоти ағрози инҷаҳонӣ мутахассис ва мутафаррид дида ва ҳамеша инони табиати нафси саркашро ба қуввати бозуи риёзат кашида дорад ва ҳаргиз нақши мосиваллоҳ пиромуни хотири файёз намеорад» [34, с. 19]. Дар ин бора худи шоир низ дар як рубоияш мегӯяд:

Ҳар фазлу камолро чу дарменигарам,
Дорад назаре орзу аз аҳли карам.
Оёту ҳадису шеъру бас қавли шариф
Донистааму гадои аҳли назарам [34, с. 590].

Ҳамчунин, шоир дар рубоиёти хеш аз аҳодиси набавӣ ва оёти Қуръон ҳам зиёд истифода бурдааст, ки ин ҳама далели донандаи хуби Қуръон будани ӯст:

Олам ба хурӯши «Ло илоҳа илло ҳуст».
Ғофил ба гумон, ки душман аст ин ё дӯст.
Дарё ба вуҷуди хеш мавҷе дорад,
Хас пиндорад, ки ин кашокаш бо ӯст [48, с. 123].

Ё:

Ба гӯши ман нарасид аз ҷаҳон ба ҷуз Қуръон,
Вале қироати он мухталифнамат дидам [34, с. 454].

Ё ин ки:

Чун мартабаи хоки дари дӯст баланд аст,
Ал-миннату лил лаҳ, ки сарам хоки дари ӯст [34, с. 145].

Шоир дар ашъораш дар бораи донандаи Қуръон буданаш, ба мисли «Ба гӯши ман нарасид аз ҷаҳон ба ҷуз Қуръон», [34, с. 454] ишораҳои зиёде кардааст. Дар баробари донандаи хуби Қуръон, инчунин бо эҷодиёти адибони пешин ва ҳамзамононаш ошно будааст. Хусусан, дар ашъори ӯ таъсири Мансури Ҳаллоҷ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Умари Хайём, Ҷалолуддини Балхӣ, Камоли Хуҷандӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Бадриддин Ҳилолӣ ва дигарон мушоҳида мегардад. Ҳамзамон Саҳобӣ ба осори файласуфони бузурги тоҷик Абуалӣ ибни Сино, Ал-Форобӣ ва Юнони қадим-Афлотун, Ҷолинус, Суқрот ошноӣ дошта, аз афкорашон баҳра бардоштааст.

Муҳаммад Иқболи Лоҳурӣ соли 1905 мелодӣ дар рӯзномаи «Ватан»-и Лоҳур навиштааст, ки Саҳобӣ дар ҷаҳони адаб ношинохта мондааст, вагарна, дар ҷаҳон шуҳрати бештар аз Хайём медошт. Ин сухани Иқболи Лоҳуриро муҳаққиқоне, ки доир ба Саҳобӣ мақолаҳо нигоштаанд, батакрор зикр намудаанд. [180, с. 97]. Аллома Шиблии Нуъмонӣ ба нобиға будани Саҳобии Астарободӣ таъкид мекунад: «Фалсафа ва тасаввуф он қадар, ки дар форсист, дар арабӣ вуҷуд надорад. Ҷалолуддини Румӣ, Аттор, Саноӣ, Саҳобӣ, Ироқӣ, Авҳадӣ кадом шоири арабро ба ин навобеғ метавон муқобил намуд, куҷо дар араб чунин давоҳӣ вуҷуд доштааст? Мо аз Муҳйиддини Акбар ва Ибни Форис беиттилоъ нестем, лекин шоирии онҳо ҳеҷ қобили муқоиса бо шоирии ин бузургон нест» [25, с. 175]. Бо вуҷуди ин ки Шиблӣ Саҳобиро нобиға эътироф кардааст, аммо дар ҷилди якум ва дувуми «Шеър-ул-Аҷам» аз Робиа, Рӯдакӣ, Дақиқӣ, Шаҳиди Балхӣ, Абушакури Балхӣ, Хаббозии Нишобурӣ, Имораи Марвазӣ, Унсурӣ, Фаррухӣ, Фирдавсӣ, Асадии Тӯсӣ, Манучеҳрӣ, Ҳаким Саноӣ, Умари Хайём, Анварӣ, Низомӣ, Фаридаддини Аттор, Камол Исмоили Халлоқулмаонии Исфаҳонӣ, Саъдии Шерозӣ, Амир Хусрави Деҳлавӣ, Салмони Соваҷӣ, Ҳофизи Шерозӣ ва Ибни Ямин дар алоҳидагӣ ёдоварӣ кардаву осори онҳоро ба риштаи таҳлил кашидааст, аммо аз Саҳобии Астарободӣ мисли шоирони зикршуда махсус ёдоварӣ накардааст.

Ҷавоҳирӣ, ки девони ғазалиёти Саҳобии Астарободиро аз дастхатти худи шоир соли 1348 бознависӣ ва чоп кардааст, маълумоти тазкиранависонро доир ба аҳволу осори Саҳобӣ нодуруст медонад. Ӯ ба ин назар аст, ки тазкиранависони мутааххир ва муҳаққиқони асри ҳозир он чи роҷеъ ба аҳвол ва осори Саҳобӣ навиштаанд, нодуруст аст ва танҳо ба қавли тазкиранависони ҳамасри шоир метавон эътимод кард. Мавсуф зикр менамояд, ки нахустин тазкиранависи ҳамасри шоир, ки суҳбати Мавлоно Саҳобиро дарёфтааст, Мир Тақиюддин Муҳаммадҳусайни Кошӣ, соҳиби тазкираи азими «Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор» мебошад. Китоби мазкур соли 990 ҳиҷрӣ навишта шудааст. Ба навиштаи Ҷавоҳирӣ, Кошӣ дар соли нашри китоб бо ҳамроҳии Нотиқии Астарободӣ ба зиёрати атабот рафта ва дар Наҷафи ашраф бо Саҳобӣ мулоқот кардааст. Ҷавоҳирӣ тарҷумаи ҳоли Саҳобиро аз қавли тазкиранависи мазкур чунин ба қалам додааст: «Мавлоно Саҳобӣ. Асли вай аз дорулфатҳи Астаробод аст ва аз ҷумлаи арбоби салоҳ ва садод. Салиқааш дар ниҳояти тозагиву хубист ва табъаш дар ғояти нозукиву равонӣ. Дар авоил ба воситаи мавзунияти зотӣ пой дар доираи шоирӣ ниҳода ва таҳсили он фан намуд ва аснои он ҳол тавфиқ рафиқи вай гашта, аз он ҷо берун омада, аз ғояти сафои ният ва хулуси тавият мутаваҷҷеҳи Ироқи Араб шуд ва баъд аз дарёфти шарафи зиёрати аиммаи маъсумин (салавотуллоҳи алайҳим аҷмаъин) дар Наҷафи ашраф сокин гашт ва алҳол зиёда аз бист сол аст, ки дар Машҳади ғарро (ало сокинуҳассалом) мутаваттин аст» [34, с. 18]. Ҷавоҳирӣ аз қавли Кошӣ менависад, ки ӯ аз олоиши дунявӣ мубаррову пок аст: «Ва ҳамоно дар оғози аҳвол аз қобила ва доияи афзол шири тавфир макида ва дар маҳди аҳди ризоъ ҷазаботи олами ҳақиқат парварида ва дар мизмори ҳақиқат ва тариқат маркаби иҷтиҳод бар ҳар сӯ давонида ва қатъи назар аз таклиф дар таҳсил масоили ақлӣ ва нақлӣ ва истеҳкоми фазоили нафсонӣ, ки ҳақиқати инсонӣ ба муморасату музовалати он қиммат мебояд. Масоии ҷамил ва риёзоти ҷазил ба ҷой оварда ва дар фунуни улуми ботинӣ, хусусан тасаввуф, маҷҳудоти азим ва маҳорати ҷасим ҳосил карда, лекин дар он водӣ аз қавоиди машоих ва аҳли шаръ

таҷовуз намуда, чизе чанд аз худ бар қарордоди қавм афзуд ва лиҳозо, баъзе аз аҳли он ҷо нисбат ба вай дар ғояти инкоранд, ҳамоно дарки муддаиёти ҳолоти вай наметавонанд, чи он ҳолат ва он шеваи маърифат мавқуф ба ҷазба ва кайфиятест, ки ӯро ҳосил гашта, чунончи, аз баъзе рубоиёти ӯ ин маънӣ мафҳум мешавад» [34, с. 20].

Мир Тақиюддин Муҳаммадҳусайни Кошӣ зикр мекунад, ки ҳамроҳи Нотиқии Астарободӣ бисёр мехостанд ва орзу доштанд, ки бори дигар ба дидори Саҳобӣ мушарраф гарданд. Аммо мутаассифона, фурсат ба онҳо даст надодааст, то бори дигар шоирро зиёрат намоянду аз суҳбаташ баҳравар гарданд. Дар ин бобат ӯ менависад: «Аммо он чи дар он рӯзи мулоқот зоҳир гашт бар роқими ин ҳуруф, ҳамин буд, ки сурати таҳрир ёфт ва низ дар хотир буд, ки як бори дигар барои таҳқиқи эътиқодот худро ба манзили вай андозад ва он суҳбатро мусанно созад, лекин тарокуми алоиқи зарурӣ, ки мардумро даст медиҳад, завроқи ин орзуро ба соҳили таъвиқ андохт ва талотуми авоиқи зарурӣ, ки дар асфор бештар мебошад, киштии ин таваҷҷуҳро ба гирдоби ҳирмон ғарқ сохт. Лоҷарам дар маҳалли таҳрири зикри вай қаламро аз он савб боздошт ва ба мазмуни ин каломи фусаҳо, ки дар баёни сурати аҳволи вай мумосалати тамом дорад, ки қавму азамат ва ғилофи таъзим ва баъзе ҳақирӣ ва ғилофи таҳқири ниқоби ихтифо аз чеҳраи ҳоли вай барандохт» [34, с. 20].

Албатта, ба ақидаи тазкиранависон, ки мегӯянд, Саҳобӣ волидонаш аз Астаробод буда, дар Шуштар таваллуд шуда ва сипас дар Наҷафи Ироқ зиндагӣ карда, ҳамон ҷо мадфун шудааст, метавон розӣ шуд. Аммо ба назари онҳо, ки гӯё ба кӯчаву бозор набаромадааст, наметавон эътимод кард, зеро аз ашъори шоир бармеояд, ки ӯ дар қаламрави кишварҳое, ки ба забони форсӣ такаллум ва эҷод менамоянд, саёҳатҳои зиёде кардааст. Дар ин хусус дар ғазалиёти шоир низ ишораҳо зиёданд.

Чунончи:

Ҳар кас, ки гадову беватан мегардад,
Шак нест, ки шамъи анҷуман мегардад.

Гар ман умре ба гирди олам гаштам,

Акнун олам ба гирди ман мегардад [34, с. 557].

Ё ин ки:

Чун Саҳобӣ вирди ман ҳар ҷо, ки будам, шеър буд,

Ин ғазал гардид ворид дар замини Рай маро [34, с. 60].

Инчунин:

Дар ҳавои навгуле нолад Саҳобӣ дам ба дам,

Ҷони ман то андалеби гулшани Табрез шуд [34, с. 313].

Ва боз:

Шоҳем чун Саҳобию мустағнӣ аз ду кавн,

Яъне, ки гаштаем гадои шаҳи Наҷаф [34, с. 385].

Ва ё:

Мазҳари сир – Шамс, дӯш хонд ба сӯи худам,

Хез, Саҳобӣ, ки дил майл ба Табрез кард [34, с. 269].

Шоир Каъбаро низ зиёрат намудааст. Чунончи:

Мо аз табиби ишқ ба дармон расидаем,

Ҳамчун Хизр ба Чашмаи ҳайвон расидаем.

Тай кардаем бодияву дида Каъбаро,

Аз тан гузашта дар ҳарами ҷон расидаем [34, с. 434].

Мисраъҳои боло аз он далолат мекунанд, ки шоир саёҳатҳои зиёде карда, танҳо дар Шуштар ва Наҷаф зиндагӣ накардааст.

Саҳобӣ гарчи дар Ироқу Ҳиҷоз ба таълиму тадриси ирфон машғул буд, вале аз пирону бузургони маънавию ирфонии зодгоҳаш ҳамеша ёдоварӣ кардааст:

Чун Саҳобӣ гар ироқӣ в-ар ҳиҷозӣ будаем,

Қиблаи ҷон даргаҳи шоҳи Хуросон кардаем [34, с. 416].

Доир ба падару модар, бародарон ва хешу ақрабои Саҳобӣ дар сарчашмаҳо маълумот дода нашудааст. Инчунин, оид ба издивоҷ ва фарзанд доштан ё надоштани ӯ низ сарчашмаҳо маълумот наовардаанд. Худи шоир низ дар ашъораш дар бораи зану фарзанд доштанаш ишорае накардааст, агарчи ҳангоми ғурбат аз дурии ёру диёр шиква мекунад. Ин

гуна абётро дар ашъори Саҳобӣ гоҳ-гоҳ вомехӯрем, ки ғазали поин аз ҷумлаи онҳост:

Эй фалак, саргаштаву дур аз ватан дорӣ маро,
Бе рухи моҳе ба ҳоли хештан дорӣ маро.
Дам ба дам дар ҳасрати лаъли буте, ширинлабе,
Сар ба санги хора ҳамчун Кӯҳкан дорӣ маро [34, с. 18].

Аз таҳқиқи маълумоти манбаъҳои илмию таърихӣ ва аз ашъори худи шоир маълум мегардад, ки ӯ яке аз шоирони сӯфимашрабу ориф буда, дар замонаш шуҳрати беандоза дошта, ранҷи муҳоҷиратро низ кашидааст, вале ҳаёти худро асосан дар Наҷафи Ироқ гузаронида, дар масҷиди Ҳазрати Алӣ ба омӯзишу тадриси илм ва сурудани рубоиву ғазал ва маснавӣ сарф карда, аз худ мероси гаронбаҳое ба ёдгор гузоштааст.

Дар мавриди он ки дар фанни шеъру шоирӣ устоди Саҳобӣ кист, ҳанӯз санаде дар даст надорем. Дигар ҷанбаҳои рӯзгори шоир низ таҳқиқоти амиқтару дақиқтарро тақозо менамоянд. Албатта бадеҳист, ки дар як таҳқиқот наметавонем ҳама паҳлуҳои рӯзгору осори як шахсияти таърихиро муайяну мушаххас намоем.

Дар баробари Саҳобӣ шоирони зиёде ҳастанд, ки ҳанӯз рӯзгору осорашон пурра таҳқиқ нашудааст. Алалхусус, Бобо Фиғонӣ (в. 925/1519), Умедии Теҳронӣ (в. 925/1519), Аҳлии Туршезӣ (в. 934/1527), Аҳлии Шерозӣ (в. 942/1535), Ваҳшии Бофқӣ (в. 991/1583), Муҳташами Кошонӣ (в. 996/1578), Урфии Шерозӣ (964/1556 – 999/1590), Файзии Даканӣ (956/1547 – 1004/1595), Назирии Нишопурӣ (в.1021/1612), Зуҳурии Туршезӣ (в. 1024/1615), Зулолии Хонсорӣ (в.1615) ва даҳҳо адиби доираҳои адабии Хуросону Эрону Ҳинд ва соири қаламрави густариши забон ва адабиёти форсии тоҷикӣ то ҳол таҳқиқ нашудаанд. Бино бар ин, ҳаёту фаъолияти адабии онҳо барои мардуми мо то ҷое ноошност. Хусусан, рӯзгор ва фаъолияти эҷодии Мавлоно Саҳобии Астарободӣ, ки аз адибони маъруфи сӯфимашраб ва соҳибдевони асри XVI-и Хуросон аст, то ҳол мавриди таҳқиқ қарор нагирифта буд.

Хулоса, аз ҷустуҷӯҳо аён мегардад, шоир як шахсияти парҳезкор, орӣ аз бухлу ҳасад ва аз талаби молу сарвати дунё бегона буда, умри худро ба узлатнишинию дарвешию қаноат ва сурудани ашъори ошиқона, тарғибу ташвиқи афкори орифонаву сӯфиёна сипарӣ кардааст. Ба қавли худи шоир:

Саҳобӣ, беҳ зи васфи некувон набвад фане дигар,
Биҳамдиллаҳ, ки умри ман тамомӣ сарфи ин фан шуд [34, с. 250].

Давраи зиндагии Саҳобии Астарободӣ замони пурихтилофу печидаи адабиёти форсии тоҷикӣ буда, ба давраи муборизаҳои хунини Сафавиёну Темуриён ва Шайбониён, муборизаҳои динию мазҳабӣ, ки ба муҳоҷирату парешонии аҳли илму адаб сабаб гашта буд, рост меояд.

Саҳобии Астарободӣ соли 1010 ҳиҷрӣ-қамарӣ, баробар ба соли 1601 мелодӣ, дар шаҳри Наҷафи Ироқ вафот карда, ҳамон ҷо дафн шудааст.

## 1.2. Осори адабии Саҳобии Астарободӣ

Саҳобии Астарободӣ шоири соҳибдевон аст. Соҳибдевон буданашро худи ӯ низ таъкид карда, ҳатто назми худро «низоми олам» ва девонашро «айвони шаҳи ишқ» медонад. Чунончи:

Низоми олам аст ин назм, бикшо дидаи маънӣ,

Ки айвони шаҳи ишқ аст девоне, ки ман дорам [34, с. 468].

Агарчи осори шоир ҳанӯз ба хатти кириллӣ дастраси хонандагон нест, аммо хушбахтона, то замони мо расидааст. Алалхусус, нусхаҳои қаламии ашъори адиб дар осорхона ва китобхонаҳои Покистон, Ҳиндустон, Британия ва Эрон маҳфузанд. Дар ин осорхонаҳо «Девони ғазалиёт», [35] «Девони рубоиёт», [37] «Куллиёт», [38] «Шарҳи рубоиёт» [112] ва маснавиҳои Саҳобӣ, аз ҷумла маснавии ба шоҳ Аббоси Сафавӣ бахшидааш [38] ва рисолаи «Урват-ул-вусқо»-и [37, 38] ӯ нигаҳдорӣ мешаванд. Хусусан, рубоиёти шоир ба хатти настаълиқ дар осорхонаи Британия мавҷуд аст [112, с. 3804].

Дар Эрон қисме аз рубоиёт ва ғазалиёти Саҳобӣ ба чоп расидаанд. Аз ҷумла, соли 1347 (соли 1969 мелодӣ) ба кӯшиши яке аз адибони эронӣ Ҷавоҳирӣ ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ дар Машҳад интишор гардид, ки дар охири он 65 рубоии шоир низ ҷой дода шудааст. Сипас соли 1387 (соли 2009 мелодӣ) «Девони ғазалиёт»-и шоир аз рӯйи китоби таҳиякардаи Ҷавоҳирӣ ба кӯшиши Акбари Беҳдорванд дар Теҳрон, бо муқаддимаи қаблан навиштаи Ҷавоҳирӣ ва пешгуфтори Беҳдорванд ба чоп расонида шуд, вале дар охири нашри навбатии «Девони ғазалиёт»-и шоир 64 рубоӣ ба назар мерасад, ки эҳтимолан ҳангоми нашр як рубоӣ афтодааст. Ва он рубоии афтода ин аст:

Ман, к-аз ту на меҳри худ ба ҷон андозам,

Ҳошо, ки назар ба ину он андозам.

Чашме, ки назораи ҷамоли ту кунад,

Ҳайфам ояд, ки бар ҷаҳон андозам [36, с. 183].

Ҷавоҳирӣ яке аз он шахсонест, ки «Девони ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ»-ро аз хатти худи шоир бознависӣ ва чоп кардааст. Беҳдорванд кӯшиш ба харҷ дода, то абётеро, ки дар нашри аввали таҳиякардаи Ҷавоҳирӣ бо ҳар сабаб ғалат оварда шудаанд, ислоҳ намояд. Омӯзиш нишон медиҳад, ки дар девони таҳиякардаи Ҷавоҳирӣ воқеан ғалатҳои зиёде роҳ ёфтааст. Ҳатто дар як ғазал то нуҳ хатой содир шудааст [34, с. 160]. Масалан, дар ғазали зер Беҳдорванд дар чопи хеш се ғалатро ислоҳ кардааст:

Бирбуда майи ишқи ту фарзонагӣ аз мо,
Айбе набувад мастиву девонагӣ аз мо.
Майли дили мо сӯйи ту хоҳад шудан афзун,
Ҳарчанд кунӣ дурию бегонагӣ аз мо.
Ҳар ҷо, ки шавад шамъи рухат анҷуманафрӯз,
Набвад аҷабе шеваи парвонагӣ аз мо.
Дар размгаҳи ишқ, ки сад теғи бало ҳаст,
Кас пеш нарафтаст ба мардонагӣ аз мо.
Умрест, ки масти майи ишқем, Саҳобӣ,
З-ин кор шуда шеваи фарзонагӣ аз мо [36, с. 11].

Беҳдорванд дар муқаддимаи девони таҳиякардааш зикр накардааст, ки дар муқоиса бо кадом девон ё дастхат нусхаи интишорнамудаи Ҷавоҳириро тасҳеҳ намудааст, вале ба назари мо муқоиса ва тасҳеҳоти Беҳдорванд дар асоси дастхатти «Девони ғазалиёт»-и Саҳобӣ, маҳфуз дар Китобхонаи Маҷлиси Шурои миллӣ таҳти №74664 сурат гирифтааст. Нусхаи мазкур, ки дар дасти мо ҳам мавҷуд аст, хеле хоно ва мунаққашу зарҳалин буда, бо як назар метавон хатоиҳоро пай бурд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Ҷавоҳирӣ воқеан, тавре ки худи ӯ мегӯяд, ин девонро аз дигар дастхат таҳия намудааст, зеро ҳеҷ мумкин нест, ки аз чунин дастхатти хушхату хоно (“Девони ғазалиёт”-и Саҳобӣ, маҳфуз дар Китобхонаи Маҷлиси Шурои миллӣ таҳти №74664) чунин ғалатҳои бисёр карда шавад.

Шакли дурусти ғазали мазкур дар дастхат чунин омадааст:

Бирбуда май аз ишқи ту, фарзонагӣ аз мо,
Айбе набувад мастиву девонагӣ аз мо.
Майли дили мо сӯйи ту хоҳад шудан афзун,
Ҳарчанд кунӣ дурию бегонагӣ аз мо.
Ҳар ҷо, ки шавад шамъи рухат анҷуманафрӯз,
Набвад аҷабе шеваи парвонагӣ аз мо.
Дар размгаҳи ишқ, ки сад тири бало ҳаст,
Кас пеш нарафтаст ба мардонагӣ аз мо.
Умрест, ки масти майи ишқем, Саҳобӣ
Бегона шуда шеваи фарзонагӣ аз мо [35, с. 11 а].

Беҳдорванд ҳар як ғазалро айнан ба мисли девони таҳиякардаи Ҷавоҳирӣ оварда, тасҳеҳоташро дар поварақи ҳар ғазал нишон додааст.

Ҷавоҳирӣ дар муқаддимаи ин девон менависад, ки «Саҳобӣ хатти зебо надошт» [34, с. 43] ва онҳо як нусха хатти Саҳобиро дар «Девон» [36, с. 4] нашр кардаанд, то хонандагон бидонанд, ки дар бознависӣ кардани ғазалиёти ӯ ҳамроҳи Маҳмуди Фаррух ба мушкилоти зиёде мувоҷеҳ гардидаанд. Бояд тазаккур дод, ки худи шоир низ ин нуктаро тасдиқ карда, дар мақтаи як ғазалаш чунин мегӯяд:

Шеъри ту, эй Саҳобӣ, муҳтоҷи хатти хуш нест,
Рӯйи наку чӣ ҳоҷат бо хатту хол дорад? [34, с. 342].

Ҷавоҳирӣ дар хусуси нашри «Девони ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ» менависад, ки аз солҳои қабл нусхае аз девони Саҳобии Астарободӣ дар бахши кутуби хаттии китобхонаи ҷаноби оқои Маҳмуди Фаррух мавҷуд аст, ки дар пушти сафҳаи аввали он ин иборат дида мешуд: «Девони Саҳобии Астарободӣ, соҳиби рубоиёт ба хатти Саҳобӣ, 104 варақ, ҳар варақ бист байт, ғайр аз рубоиёт». Фузало ва ошноён ба хатти Мавлоно Соиби Табрезӣ гувоҳӣ медоданд, ки иборати ду сатри фавқ хатти Соиб аст [34, с. 17]. Яъне, Соиби Табрезӣ, (1603-1677) яке аз шоирони бузурги даврони Сафавиён ашъори Саҳобиро мутолиа карда, ба ашъори шоир эҳтироми хоссае доштааст, ки ҳатто дар дасти ӯ девони Саҳобӣ нигаҳдорӣ

мешудааст. Вобаста ба хатти Соиб Ҷавоҳирӣ мегӯяд, ки аз он ҷумла шоири фозил ва хаттоти шаҳир Суҳайли Хонсорӣ бо хатти настаълиқи зебои худ ин мавзуъро гувоҳе фармудаанд, ки гировир (гравюра дар назар аст. – Б.М.)-и хатти эшон дар ин муқаддима дида мешавад. Пас аз интишори девони Соиб (аз интишороти Анҷумани осори миллӣ), ки намунаҳое аз хатти Соиб дар он гировирҳо ба хубӣ маҳсус аст ва низ Маҳмуди Фаррух дар зайли ҳамон ду сатр чунин ёддошт кардаанд: «Яке аз қароин, ки ду сатри фавқ хатти Соиби Табрезист ва ин девон (Девони Саҳобӣ. – Б.М.) дар тасарруфи ӯ (Соиб.–Б.М.) буда, ин аст, ки дар «Сафина»-и Соиб, ки дар Исфаҳон мавҷуд аст, мукаррар аз ғазалҳои Саҳобӣ нақл шуда ва тасреҳ карда, ки аз рӯйи хатти мусанниф» [34, с. 17].

Ҳамзамон, маълум мегардад, ки шоири маъруфи он давр Соиб ашъоре аз ӯро ба хатти худ бознависӣ кардааст. Аз «Сафина»-и Соиб ашъори зиёде дар маҷаллаи «Армуғон» дар Эрон ба кӯшиши муассиси ин маҷалла шодравон Ваҳиди Дастгирдӣ нашр шудааст.

Дар маҷаллаи «Армуғон» 32 шоҳбайт аз ғазалиёт ва 2 рубоии Саҳобӣ аз «Сафина»-и Соиб бо сарлавҳаи «Саҳобии Астарободӣ-соҳиби рубоиёт» ва зерсарлавҳаҳои «Соиб менигорад» ва «Аз девони ба хатти мусанниф нақлшуда» оварда шудааст, ки зикри чанде аз онҳоро бамаврид медонем:

Ишқи лайливаши ман ҷуз ба мани маҷнун нест,
Шамъ аз доираи партави худ берун нест [111, с. 638].

****

Дида пӯшидам, чу дар дил ёфтам дилдорро,
Дар бибандад, ҳар кӣ ӯ дар хона ёбад ёрро [111, с. 639].

****

Қад барафрохтию рафт қарор аз мани зор,
Сарв чун ҷилва кунад, соя намонад бақарор [111, с. 638].

****

Зи дасти ишқ олам бар тариқи хос мерақсад,
Ба ҳар роҳе, ки мутриб мезанад, раққос мерақсад [111, с. 638].

****

Навбаҳорон, ки гул аз турбати ман сар бар зад,

Ҳар кӣ афтод бар он гул назараш, бар сар зад [111, с. 638].

****

Бар умеди он, ки ӯ як дам табиби ман шавад,

Ҳар куҷо дардест, мехоҳам насиби ман шавад [111, с. 638].

Рубоии Саҳобӣ:

Ғам нест наку, вале асарҳош накуст,

Торикии шаб баду саҳарҳош накуст.

Олам пайи он хуш аст, к-осори вай аст,

Даллола наку нест, хабарҳош накуст [111, с. 639].

Байтҳои болоро Соиби Табрезӣ аз дастхатти «Девони ғазалиёт»-и Саҳобии Астарободӣ интихоб ва дар «Сафина»-аш ҷой намудааст. Таҳқиқот маълум намуд, ки «Девони Саҳобӣ»-ро Ҷавоҳирӣ аз Маҳмуди Фаррух дастрас ва чоп кардааст. Сипас Акбари Беҳдорванд соли 2009 дигарбора онро тасҳеҳ ва мунташир кардааст. Он девоне, ки имрӯз дар дасти мост, воқеан аз Соиб ба мерос мондааст, зеро он байтҳое, ки Соиб дар «Сафина»-аш ҷой додааст, дар ин нусха мавҷуданд. Хушбахтона, соли 2011 дар Эрон ба кӯшиши Ҳиво Ҳасанпур рубоиёти Саҳобӣ аз ҳарфи «Алиф» то «Ҷим» тасҳеҳ ва интишор ёфт.

Айни ҳол мо «Девони ғазалиёт»-и шоирро, ки ба кӯшиши Беҳдорванд дар Эрон нашр шудааст ва иборат аз 535 ғазал (2800 байт) аст, дар ихтиёри худ дорем [34]. Мутаассифона, девони рубоиёти Саҳобӣ то ба ҳол пурра нашри полиграфӣ нашудааст. Ҳамчунин, нусхаи электронии дастхатти Девони ғазалиёти Саҳобии Астарободиро, ки таҳти №74664 дар Китобхонаи Маҷлиси шурои миллии Эрон маҳфуз аст [35] ва ду дастхатти дигари девони ӯро, ки дар китобхонаи мазкур таҳти №87382 [38] ва №1087 [37] нигоҳдорӣ мешаванд, дар даст дорем. Дастхатти «Девони ғазалиёт»-и Китобхонаи Маҷлиси шурои миллӣ (таҳти №74664) аз 535 ғазал ва 65

рубоӣ иборат аст, ки бо девони нашркардаи Беҳдорванд комилан мувофиқат мекунад ва бо ин байтҳо оғоз мегардад:

То гашт ишқ хусрави мулки вуҷуди мо,
Овардаанд хайли малоик суҷуди мо.
То аз кафи ту соғари ишрат гирифтаем,
Хун мехурад зи ғусса дамодам ҳасуди мо [35, с. 1 а].

Девони мазкур бо ин рубоӣ анҷом меёбад:

Дар ҳар кӣ расид сайри мустаъҷили ман,
Ҷӯёи вафо шуд дили беҳосили ман.
Ҳарчанд, ки ин матоъ дар олам нест,
Дарди талабаш намеравад аз дили ман [35, с. 157 б].

Дастхатҳои №87382 ва №1087-и китобхонаи мазкур иборат аз рубоиёт, маснавии ба шоҳ Аббоси Сафавӣ бахшидаи шоир ва рисолаи «Урват-ул-вусқо»-и ӯ мебошанд. Дастхатҳои дастрасгардида бо хатти хеле зебо хаттотӣ шудаанд. Дигар аз сатрҳое, ки дар девони Саҳобӣ ба хатти Соиби Табрезӣ навишта шудаанд, бармеояд, ки зиёда 2800 байт аз ғазалиёти ӯ то замони мо расидааст [34].

Маснавие, ки дар ишқи ирфонӣ ба номи шоҳ Аббос бахшидааст ва дар аввали куллиёти [38] ӯ ҷойгир аст, дар шумори байти тазминшудаи «Бишнав аз най...», аз «Маснавии маънавӣ» аз 343 байт иборат буда, бо байтҳои зер оғоз мегардад:

Дар ҷаҳонанд мушти хомтамаъ,
Кайди худро ниҳода ном вараъ.
Ҳар як аз дигарест зоеътар,
Пайи исме, ки ҳаст шоеътар [38, с. 1 а].

Мазмуни маснавии мазкур фалсафию ахлоқист. Чунончи:

Ҳотифе гуфт бо касе шаби тор,
Ки туӣ дидаву туӣ дидор.
Буд ғофил аз он мақом он мард,
Байзаи мурғ кори мурғ накард [38, с. 6 а].

Ва ё:

Маърифат кори ҳар риёӣ нест,
Худшиносӣ ба худнамоӣ нест.
Ҳастии хеш зери по овар,
То шавӣ мулки дайрро довар [38, с. 3 а].

Одатан шоирони гузашта ашъори ситоишии худро ба шоҳону амирон ба хотири инъому икром мебахшидаанд. Аммо маснавие, ки Саҳобӣ ба шоҳ Аббос бахшидааст, аз ҷониби мо мавриди таҳқиқ қарор гирифт ва дар он васфи шоҳ Аббос нарафтааст. Мазмуни асосии маснавии мазкур фалсафӣ ва пандуахлоқӣ мебошад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Саҳобӣ чоплусию маддоҳиро хуш надошта, шеърро воситаи ризқу рӯзӣ қарор нададааст, балки мақсади асосии ӯ панд додану тарбия кардани ҷомеа будааст. Абёти зер аз маснавии мазкур аст:

Дар биёбон расид он бетоб
Ба сари чаҳ пайи кашидани об.
Пойафзори хеш аз тангӣ
Дошт дар дасту бо фалак ҷанге.
Мекашид об, к-аз қазо ногоҳ
Пойафзори ӯ фитод ба чоҳ.
Бас набуд ин бало, ки шуд он дам
Боди тундею гарди сахте ҳам.
Монда ҳайрону оҷиз он мискин,
То шуд он гарду бодро таскин.
Побараҳна зи роҳ метарсид,
Қадаме чанд чун равон шуд, дид,
Ки шуда раҳ зи гард ҳамчу намад,
К-ӯ ба осоиши қадам бичамад.

*Насиҳат*

Бигзар аз қайди ҳар таманное,
К-ин ҷаҳон нест ҷуз тамошое.
Гулу ин рангу бӯ, ки судаш нест,
Гарчи дорад намуд, будаш нест.

Дафтари санъат аст, агар бинӣ,

Нест ҷуз ҳасрате, гараш чинӣ.

Нест ҷуз як дам ин ҳама хуру хоб,

Гарчи мадде кашад чу барқ шиҳоб [38, с. 4 б].

Рисолаи «Урват-ул-вусқо» дар дастхатти №1087 Китобхонаи Маҷлиси шурои миллӣ дар аввал [37] ва дар дастхатти №87382 ҳамин муассиса [38] баъд аз маснавии ба шоҳ Аббос бахшидаи шоир омадааст. Оғози рисола чунин аст:

Бисмиллоҳи-р-Раҳмони-р-Раҳим

Тири шиҳоб аст ба деви раҷим [38, с. 18 а].

Рисолаи мазкур бо назму наср дар чаҳор фасл иншо гардидааст. Ҳар як фасл чунин номгузорӣ шудааст:

1. Дар бебасарист;
2. Дар илҳом аст ва он ҳам дар басорати тамом аст;
3. Шароб ва кайфияти зуҳури ӯст;
4. Дар риҷъат ба Аллоҳи таборак ва таоло.

Рисола дар такя ба оятҳои қуръонӣ навишта шудааст. Дар баробари оёту наср беш аз 600 байти мутааллиқ ба худи шоир дар он мавҷуд аст. Бештар аз жанри рубоӣ дар ин рисола истифода шудааст. Дар аввали рисола як ғазал низ оварда шудааст, ки бо вожаи «Ассалом» оғоз мегардад. Байти зер аз он ғазал аст:

Ассалом, эй ақлу фазли анбиёву авлиё,

Партаве аз офтобу моҳ анвори Шумо [38, с. 18 а].

Тавре ки зикр карда шуд, Саҳобӣ рубоисарои хеле машҳур аст. Сируси Шамисо барҳақ зикр мекунад, ки «аз қарни VIII ба баъд, ки давраи таназзули сабки ироқист, ба рубоӣ таваҷҷуҳ нашуд. Ҳатто аз Ҳофиз низ ба монанди Саъдӣ рубоиёти хубе дар даст нест. Дар сабки ҳиндӣ низ рубоӣ ҷилвае надошт, зеро шоирони ин сабк бештар ба ғазал ва муфрадот таваҷҷуҳ доштанд ва дар банди он буданд, ки абёти парокандаи баланд биофаранд. Ҳол он ки рубоӣ шеъри ваҳдат аст ва ҳар чаҳор мисраи он дар

хидмати як мазмун аст. Бо ин ҳама дар ин давра исми Саҳобии Астарободӣ дар рубоипардозӣ маъруф аст» [169, с. 46].

Дар эҷодиёти ӯ рубоӣ мавқеи асосиро ишғол мекунад, агарчи дар жанрҳои ғазал, маснавӣ ва ҳатто наср низ қувва озмудааст, вале асосан бо рубоиёти ошиқонаву орифонааш машҳур аст ва дар кулли сарчашмаҳо ҳамчун рубоисаро номбар мешавад ва гоҳе дар баробари рубоисарои машҳур, ғазалсароияш низ таъкид гардидааст. Бояд тазаккур дод, ки аксари орифон андешаҳои ҳакимонаи худро тавассути рубоӣ баён доштаанд, зеро қолаби рубоӣ барои изҳори андешаҳои орифона мувофиқ ва мутобиқ аст. Ҳамин аст, ки Саҳобӣ дар даврони чандон гарм набудани бозори рубоӣ рӯ ба ин жанри адабӣ овардааст. Дар бораи миқдори рубоиёти ӯ андешаҳо мухталифанд. Шумораи рубоиёти ӯро 6 000 [48, с. 127], 12 000, 20 000, 50 000 [144, с. 860] ва ҳатто аз 70 000 то 170 000 [180, с. 97] навиштаанд. Шояд 170 000 рубоӣ эҷод кардани шоир аз муболиға орӣ набошад, аммо он осоре, ки тибқи ривоятҳое, ки дар боло ҳам гуфтем [27, с. 780] дар об ғарқ кардааст, ба мо маҷол медиҳад, ба пуршеърии шоир бовар намоем ва ӯро яке аз шоироне бидонем, ки дар таърихи адабиёти мо бо рубоии зиёд гуфтан машҳур гаштааст. Бо вуҷуди ин ҳама аз ӯ зиёда аз 6 000 рубоӣ мерос мондааст, ки дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ аз ҷиҳати ҳаҷм беназир аст [38]. Воқеан, дар муқаддимаи девони Саҳобии Астарободӣ омадааст, ки Мир Тақиюддин Муҳаммадҳусайни Кошӣ, соҳиби тазкираи «Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор» бо дӯсти шоираш Нотиқии Астарободӣ, ки аз ҳамзамонони Саҳобӣ мебошанд, соли 990 ҳиҷрӣ ба зиёрати Мавлоно Саҳобии Астарободӣ ба Наҷафи ашраф рафта, суҳбати ӯро дарёфтаанд. Барои равшан шудани матлаб аз қавли Кошӣ иқтибос меоварем: «Ашъори он ҷаноб (Саҳобӣ. – Б. М.) аз рубоӣ, ки беҳтарини манзумот ва бештарини воридоти табъи ӯст, қариб ба шаш ҳазор байт ба назар расид ва Мавлоно худ мегуфт, ки дувоздаҳ ҳазор байт рубоиёт дорам ва ғазал низ бисёр гуфтаам, аммо он чи дар он рӯзи мулоқот

сурати таҳрир пазируфт, ҳамин аст» [34, с. 20]. Қудратуллоҳи Гупомувӣ аз Саҳобӣ ҳамчун шахсияти ориф тамҷид намуда, зикр мекунад, ки Мавлоно Саҳобии Астарободӣ «саҳоби дарёбори тариқат асту гавҳари хушоби баҳри ҳақиқат, табъи шарифаш дар ақсоми сухан ба фикри рубоии хуш афтода ва мазомини рангинро ба ҳусни асолиб ҷилва дода» [12, с. 329]. Ӯ низ чун дигар тазкиранигорон дар такя ба тазкираи «Мирот-ул-хаёл» ба зиёд будани рубоиҳои шоир ишора мекунад: «Гӯянд ҳафтод ҳазор рубоӣ гуфта буд. Минҷумла, қариб бист ҳазор боқӣ монда ва соҳиби «Мирот-ул-хаёл» навишта, ки дувоздаҳ ҳазор рубоӣ аз Мавлоно дар як ҷилд дида» [12, с. 329].

Акбари Беҳдорванд дар пешгуфтори «Рубоиёт»-и Зуҳурии Туршезӣ овардааст, ки Саҳобии Астарободӣ рубоиёти фаровон дорад, ба тавре ки адади онҳоро дар порае аз маохиз шаш ҳазор ва дар бархе дигар дувоздаҳ ҳазор ва дар баъзеи онҳо ба шумораи беш аз инҳо зикр кардаанд [16, с. 67]. Ин ҳама ҳадсу гумонҳоро таҳқиқи мо дар куллиёти Саҳобии Астарободӣ, ки дар Китобхонаи Маҷлиси шурои миллии Эрон таҳти №1087 маҳфуз аст, исбот намуд, ки воқеан Саҳобӣ рубоиёти зиёд сурудааст. Дар ин дастхат 6 255 рубоии шоир мавҷуд буда, дар аввали он рисолаи «Урват-ул-вусқо» ва дар охири он маснавии кӯтоҳе мавҷуд аст. Ин девони рубоиёт аз 265 саҳифа иборат мебошад [37].

Дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ иддае аз шоирон ба иллати зиёд будани рубоиёташон ё ба сабабҳои дигар, девони махсуси рубоиёт тартиб додаанд. Масалан, Аттори Нишопурӣ бо номи «Мухторнома» девони рубоиёт дорад. «Мухторнома» аз 50 бобу 1 250 рубоӣ иборат аст. Аттор рубоиёти хешро ба мавзуъҳо табақабандӣ кардааст, ки аз табъи баланди ӯ шаҳодат медиҳад. Ҳамчунин, Авҳадуддини Кирмонӣ маҷмуаи рубоиёти алоҳида дорад, ки аз маҷмуаи рубоиёти ӯ нусхаҳои башумор мондааст ва ахиран соли 1366 ҳиҷрӣ дар Теҳрон ба кӯшиши Абумаҳҷуб чоп шудааст. Ва ё Зуҳурии Туршезӣ маҷмуаи махсуси рубоиёт дорад, ки соли 1388 ҳиҷрӣ

дар Теҳрон ба тасҳеҳи Акбари Беҳдорванд рӯйи чоп омадааст. Бедил низ маҷмуаи рубоиёти алоҳида дорад, ки аз 4000 рубоӣ иборат мебошад.

Саҳобии Астарободӣ низ девони рубоиёташ ҷудо аз девони ғазалиёташ аст. Девони ғазалиёти шоир соли 1347 ҳиҷрӣ баробар ба соли 1969 мелодӣ ба кӯшиши Ҷавоҳирӣ дар Машҳад мунташир гардидааст. Саҳобӣ дар баробари девони рубоиёт ва девони ғазалиёташ, инчунин, рисолае бо назму наср дар такя ба оятҳои қуръонӣ бо номи «Урват-ул-вусқо» навиштааст. Ҳамчунин, маснавии ирфоние ба шоҳ Аббоси Сафавӣ бахшидааст, вале тавре ки қайд кардем, ӯ бо рубоиёташ машҳур аст. Ҳерман Эте дар китоби «Таърихи адабиёти форсӣ» дар бораи Саҳобӣ чунин мегӯяд: «Саҳобии Астарободӣ (мутаваффои 1010 ҳ.) гузашта аз маҷмуи бузурги рубоиёт, як маснавӣ дар ишқи ирфонӣ, ки онро ба номи шоҳ Аббос карда, аз ӯ боқӣ мондааст» [160, с. 140]. Ризоқулихони Ҳидоят дар «Риёз-ул-орифин» чунин мегӯяд: «...Илова бар ғазалиёт шаш ҳазор рубоии муҳаққиқона фармудааст» [48, с. 127]. Шиблии Нуъмонӣ дар китоби «Шеър-ул-Аҷам» овардааст: «Саҳобии Астарободӣ, ки муосири Акбаршоҳ ва дар Наҷаф муътакиф буд, дасткам ҳафтод ҳазор рубоӣ навишт, ки саросар мамлу аз фалсафа аст. Яке аз мунтахаботи ӯ ҳовии ҳафт ҳазор рубоӣ дар назди мо мавҷуд аст...» [24,с. 18].

Лозим ба ёдоварист, ки фаъолияти эҷодии Саҳобӣ ба давраи охири сабки ироқӣ ва пайдоиши сабки ҳиндӣ рост меояд. Бино бар ин, ашъори ӯ то андозае аз вижагиҳои сабки ҳиндӣ низ бархурдор аст:

Аз ҷони мани сӯхтадил дуд баровард,
Ин шамъи барафрӯхта аз анҷумани кист? [34, с. 96].

Ё ин ки:

Чӣ аҷаб, зоҳид агар ишқ надонист, ки ҳаст
Зулмату нур яке дидаи нобиноро [34, с. 10].

Акбари Беҳдорванд дар муқаддимаи китоби «Рубоиёт»-и Зуҳурии Туршезӣ Саҳобиро дар раддаи аввали рубоигӯёни асри XVI-и сабки ҳиндӣ

дохил кардааст. Мавсуф менигорад, ки «Ин қарн (асри XVI.– Б.М) қарни шоирони сабки ҳиндист. Шоирони рубоигӯи маъруфи ин давра иборатанд аз Саҳобии Астарободӣ (в/ 1010 ҳ.), Маҳвии Ҳамадонӣ (в/1020 ҳ.), Назирии Нишопурӣ (в/1021 ҳ.), Сӯфии Мозандаронӣ (в/1035 ҳ.), Толиби Омулӣ (в/1036 ҳ.), Сармади Кошонӣ (в/1073 ҳ.), аммо аз Соиб (в/1081 ҳ.) ва Калим рубоии маъруф дида нашуд» [16, с. 67].

Дар идома Беҳдорванд зикр мекунад, ки Саҳобӣ рубоиёте ба тарзи ирфонӣ дорад ва чанде аз рубоиёти шоирро овардааст, ки яке аз онҳо ин аст:

Соҳибназарон, ки зиндаву ҷовиданд,
Вораста зи биму фориғ аз уммеданд.
Дар ҳар чӣ назар кунанд, ӯро бинанд,
Зарроти ҷаҳон, оинаи хуршеданд [16, с. 67].

Ба ақидаи Беҳдорванд, Саҳобии Астарободӣ аз шоирони сабки ҳиндист. Ӯ менависад, ки мушаххасоти ин сабкро бо мазомини ирфонӣ дар ҳам омехтааст ва ин рубоиро меорад:

Эй ишқ, ба дарди ту саре мебояд,
Сайди ту зи ман қавитаре мебояд.
Ман мурғи ба як шуъла кабобам, бигзор,
К-ин оташро самандаре мебояд [16, с. 67].

Сируси Шамисо дар китобаш «Сайри рубоӣ дар шеъри форсӣ» менависад: «Валҳақ бархе аз рубоиёти ӯ латиф аст» ва ду рубоии Саҳобиро истинод кардааст:

На меҳри ту дар дили ҳазин мегунҷад,
На номи ту дар ҳеҷ нигин мегунҷад.
Ҷонат хонам, агарчи бешӣ, чӣ кунам,
Дар қолаби гуфтор ҳамин мегунҷад.

****

Эй даъвииишққарда, оини ту ку?
Қатъи назар аз ақл дилу дини ту ку?

Эй дам зада аз доғи сафо лоласифат,

Пироҳани чок-чоки хунини ту ку? [169, с. 107].

Саҳобӣ дар жанрҳои ғазал, рубоӣ ва маснавӣ қувва озмуда, аммо дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ҳамчун рубоисарои шаҳир сабт гардидааст. То замони мо 6 255 рубоӣ, 535 ғазал ва маснавиҳои ӯ расидаанд. Таҳқиқоти мо дар сарчашмаҳои гуногун нишон дод, ки зиёда аз 40 дастхатти маҷмуаи осори Саҳобии Астарободӣ бо теъдоди гуногуни рубоиёту ғазалиёт ва ҷойгиршавии маснавию рисолаи «Урват-ул-вусқо» дар китобхонаву осорхонаҳои Ҳиндустон, Покистон, Британия ва Эрон мавҷуданд. Ҷустуҷӯи мо нишон дод, ки дар осорхонаҳо ва китобхонаҳои Тоҷикистон нусхаҳои дастнавис ва ё чопии осори шоир мавҷуд нест. Танҳо аз Маркази мероси хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон як баёз таҳти №758 пайдо гардид, ки дар он се рубоии Саҳобӣ дар радифи дигар шоирони машҳур, аз ҷумла, Ҳилолӣ, Нозим, Шавкат, Вахшӣ, Авҳадӣ, Маҳзун, Хайём ва дигарон ҷой дода шудааст[3]. Ашъори шоир ишқи поку беолоиш, некиву накукорӣ, дӯст доштани ватан, дар роҳи ҳақ ва ҳақиқат зиндагӣ кардани инсонҳоро бозгӯ мекунанд. Гуногунии мавзу ва мундариҷаи ашъори Саҳобӣ далели он аст, ки ӯ соҳиби табъи хуби шоирӣ будааст.

---

[3] Гоҳе худро бар авҷ чун маҳ дидӣ,
Гаҳ чун Юсуф фитода дар чаҳ дидӣ.
Медорандат чунон, ки мехонандат,
Кори ту ба ҷаҳд нест, сад раҳ дидӣ.
****
Гирам, ки ҳазор мусҳаф аз бар дорӣ,
Онро чӣ кунӣ, чу нафси кофар дорӣ.
Сарро ба замин чӣ мениҳӣ баҳри намоз,
Онро ба замин бинеҳ, ки дар сар дорӣ.
****
Ин чарх, ки нест холӣ аз найранге,
Бо хастадилон ҳамеша дорад ҷанге.
Ҳар хаста, ки дид, мекунад хастатараш,
Ҳар ҷо ланге, занад ба пояш санге.

Саҳобӣ, баёзи №758, саҳ 170 б, Маркази мероси хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

# БОБИ II.

# МАВЗУЪ ВА МУНДАРИҶАИ ҒАЗАЛИЁТИ САҲОБӢ

## 2.1. Ғазал ва анъанаи ғазалсароӣ

Қисме аз эҷодиёти Саҳобии Астарободиро ғазал ташкил медиҳад. Бино бар ин, баррасии ғазал ва анъанаи ғазалсароӣ то замони Саҳобӣ ҷузъи муҳимми таҳқиқоти мост.

Калимаи «ғазал» арабӣ буда, маънои луғавии он «дӯст доштан» аст. Мавзуи асосии онро васфи ишқу ҷавонӣ, васлу ҳиҷрон ва ғайра ташкил медиҳад. Шамси Қайси Розӣ дар мавриди маънии ғазал мегӯяд: «Ва ғазал дар асли луғат ҳадиси занон ва сифати ишқбозӣ бо эшон ва таҳолук (несту нобудӣ) дар дӯстии эшон аст. Ва муғозалат ишқбозию мулоибат (бозӣ кардан) аст бо занон. Ва гӯянд: «Раҷул ғазилу», яъне марде, ки муташаккил (ташкилёфта) бошад ба сурате, ки мувофиқи табъи занон бошад ва майли эшон бад-ӯ бештар бувад, ба сабаби шамоили ширину ҳаракоти зарифона ва суханони мустаъзаб (ширин). Ва баъзе аҳли маънӣ фарқ ниҳодаанд миёни насибу ғазал ва гуфтаанд, маънии насиб зикри шоир аст халқу хулқи маъшукро ва тасарруфи аҳволи ишқи эшон дар вай. Ва ғазал дӯстии занон аст ва майли ҳавои дил бар эшон ва ба афъолу ақволи (қавлҳои) эшон» [30, с. 332]. Ҷустуҷӯ нишон дод, ки муҳаққиқон ғазалро шарҳу тавзеҳи гуногун кардаанд. Ба ақидаи Сируси Шамисо, мазмуни ғазал ғолибан зикри зебоии маъшуқ, бевафоӣ, сангдилӣ, қиссаи фироқ ва меҳнат кашидани ошиқ аст [168, с. 12]. Ба андешаи мо, таърифи хубтару беҳтари ғазалро Қабул Муҳаммад дар китобаш «Ҳафт қулзум» чунин овардааст: «Бидон, ки ғазал дар луғат дӯст доштани ҳадис бо занон ва дар истилоҳ абёти чанд аст муттаҳид дар вазну қофия ва байти аввали он мусарраъ бошад ва мусарраъ байтеро гӯянд, ки ҳар ду мисраи ӯ қофиядор бошад, онро матлаъ ва мабдаъ номанд ва байти сонӣ, агар ҳар ду мисрааш қофиядор бошад, зеби матлаъ ва ҳусни матлаъ ва байти охирро мақтаъ ва хотима хонанд ва машрут он

аст, ки мутаҷовиз аз ёздаҳ байт набошад, яъне, дувоздаҳ байт ва баъзе то нуздаҳ байт ҳадди ғазал гуфтаанд» [21, с. 44-45]. Ғазал дар дигар китобҳо ба маъниҳои мухталиф низ маънидод шудааст. Хусусан, ба маъниҳои сухан гуфтан бо занон, ишқбозӣ, ҳикоят кардан аз ҷавонӣ, муҳаббат варзидан, васфи занон ва ғайра ташреҳ шудааст, ки ба ақидаи мо хулосааш ҳамон ибораи «дӯст доштан» аст. Тавре ки гуфтем, мавзуи асосии ин навъи шеърро васфи ишқу ҷавонӣ, васлу ҳиҷрон ва дигар мавзуъҳои марбут ба ҳаёти одамӣ дар бар мегирад. Ғазал аз жанрҳои маъруфи шеъри форсии тоҷикӣ буда, ба ақидаи муҳаққиқон, маъмулан аз 5 то 12 ва ба назари қисме аз муҳаққиқон аз 7 то 11 [162, с. 139] байтро дар бар мегирад, аммо баъзе ғазалҳо байти бештар низ доранд. Тамоми абёти ғазал дар як вазн эҷод шуда, ду мисраи аввал ё матлаъи он ҳамқофия мебошанд ва ҳамин қофия дар мисраъҳои дувуми ҳар байт такрор меёбад. Дар бобати теъдоди абёти ғазал Қабул Муҳаммад менависад: «...Баъзе шуарои мутааххирин бисту як байт гуфтаанд ва як ғазали бисту ҳафт байт ҳам дар назар омада, лекин ҳадди ғазал то нуздаҳ аст ва агар зиёда бар он бошад, онро «қасида» номанд. Ва дар ғазал ғолибан зикри ҷамоли маҳбуб ва сифати ҳоли муҳит ва сифати ҳоли ишқ бошад ва мавоизу насоеҳ дар дигар ақсоми шеър дарҷ гардад ва ҳар чӣ бунёд кунад, агар висол бошад ё фироқ, ба ҳамон тамом кунад ва дар ғазал байтпуркун набошад ва то охири ғазал ҳар байт аз байти дигар барҷастатару намоёнтар бошад» [21, с. 44-45]. Адабиётшинос А. Мирзоев ба таърифи Қабул Муҳаммад доир ба ғазал чунин илова кардааст: «Он чизе, ки ба ин таъриф аз ҷиҳати хусусиятҳои шаклии ғазал илова кардан лозим мешавад, аз ҳамин иборат аст: Дар мақтаъи ғазал бояд тахаллуси шоир зикр ёбад, баъд аз қофия мумкин аст радиф оварда шавад. Инчунин, ҳар як байти ғазал метавонад маънии мустақил дошта бошад» [107, с. 18]. Ҳарчанд муҳаққиқон камтарин адади байтҳои ғазалро 5 ва аксари онро 15 гуфтаанд, вале дар эҷодиёти шоирони классик ғазали аз ин ҳаҷм хурдтар ва калонтар низ ба назар мерасад. Ғазал бо хусусиятҳои хоси

худ аз дигар жанрҳои лирикӣ тафовут дошта, илова бар андешаи муҳаққиқон метавон гуфт, ки дар ашъори Саҳобии Астарободӣ ду бор зикр гардидани тахаллуси шоир низ ба назар мерасад [34, с. 241]. Дар мавриди абёти ғазал адабиётшинос А. Афсаҳзод ба он назар аст, ки дар тӯли асрҳо ғазал аз ҷиҳати ҳаҷм ҳамеша тағйир пазируфта, дар аввал аз ҳайси камияти абёт ҳудуди он муайян нашуда, то охирҳои асри XII ҳол ҳамин будааст. Ғазалҳои Анварӣ 4-17 – байтӣ буда, 94,4 фоизи онҳо дар ҳаҷми 4-11 байт навишта шудаанд. Дар девони Аттор ғазалҳо аз 3 то 24 байт дошта, ғазалҳои 7-15–байтӣ серистеъмолу бақия камистеъмоланд. Ғазалҳои 7-12–байтӣ қариб 87 фоизи девони Саъдиро ташкил медиҳанд. Хусрави Деҳлавӣ беш аз 71, 6 фоизи ғазалҳояшро дар ҳаҷми 7, 8 ва 9 байт гуфта, ғазалҳои 5-6 ва 10-11– байтиро низ кам насурудааст. Таносуби ғазалҳои 7-8, 5-6 ва 10-11–байтӣ дар девони Ҳофиз ба девони Хусрав наздик аст. Аммо Камол ғазалро асосан дар 7 байт хос гардонда, 85 фоизи ғазалҳои худро дар ин ҳаҷм навиштааст. Ҷомӣ низ дар ин роҳ пайрави Камол буда, 88,3 фоизи ғазалҳои худро дар 7 байт сохтааст [74, с. 140].

Саҳобии Астарободӣ дар миқдори абёти ғазал анъанаи гузаштагонро идома додааст. Дар девони ӯ як ғазали 9-байтӣ, [34, с. 105] як ғазали 10 – байтӣ, [34, с. 176] се ғазали иборат аз 8 байт ва нуздаҳ ғазали 4-байтӣ мавҷуд буда, аз ғазалҳои боқимонда 65 фоизашро ғазалҳои дорои 5 байт ва 35 фоизашро ғазалҳои 6-7–байтӣ ташкил медиҳад.

Ғазал яке аз куҳантарин жанри ғиноӣ буда, аз замонҳои куҳан дар назми форсии тоҷикӣ ҷойгоҳи хоссае дошт. Таърихи пайдоиш, ташаккулу таҳаввули шакливу мундариҷавии ғазалро аз миёни донишмандон Шиблии Нуъмонӣ дар «Шеър-ул-Аҷам», Зайнулобиддини Муътаман дар «Таҳаввули шеъри форсӣ», А. Мирзоев дар «Сездаҳ мақола», М. Л. Рейснер дар «Эволюция классической газели на фарси» ва Сируси Шамисо «Сайри ғазал дар шеъри форсӣ», Аълохон Афсаҳзод дар «Ҷомӣ – шоири ғазалсаро» ва дигарон ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор додаанд.

Ба ақидаи пажуҳишгарон ташаккули асосии ғазал ба асри X рост меояд.

Дар ин бобат академик А. Мирзоев хеле хуб менависад, ки: «Протсесси ба як шакл хоси назм дохил шудани ғазал дар муддати кӯтоҳе анҷом наёфтааст, балки вай натиҷаи маҳсули фаъолияти якчандасраи сухансароён мебошад, ки дар ҳар як аср хиштҳое барои ин муҷассамаи назм ниҳодаанд. Вале асри Рӯдакиро марҳалаи аввалини ин протсес бояд шуморид, зеро аз ин давра ба баъд сар карда, на ин ки калимаи «ғазал» баъзан дар назм зоҳир шудан мегирад, балки осори шеърии аз он давра боқимонда низ шуруъ шудани ҳамин протсесро нишон медиҳад» [107, с. 28]. Илова бар ин, дигар олимони соҳа низ дар асри X ташаккул ёфтани ғазалро таъкид кардаанд. Шиблии Нуъмонӣ дар «Шеър-ул-Аҷам» асри Рӯдакиро қарни ғазал меномад: «Дар замони ӯ (Рӯдакӣ – Б.М.) синфи ғазал мустақиман ба вуҷуд омад…» [23, с. 38].

Профессор Б. Мақсудов ба он назар аст, ки ғазал ба асри XIII расида, вобаста ба омилҳои айниву зеҳнӣ хеле тараққӣ кард ва барои шоирони сӯфимашраби давр он муносибтарини шакли шеърӣ ҷиҳати ибрози андешаву отифаи орифонаву ошиқона буд [104, с. 23]. Озарии Тӯсӣ дар асри XV дар «Ҷавоҳир-ул-асрор» роҷеъ ба ғазал чунин гуфтааст: «Пӯшида нест, ки аз ҷинси ҷавоҳири фунуни шеърия ҳеҷ ришта латифтар ва ҷавҳаре шарифтар аз риштаи ҷавҳари ғазал нест, ки ҳама самараи аъмолу мақомот ва аҳволу натиҷаи ишқу муҳаббат бо маъшуқ ва мувärриси асрори фироқу висол аст, ҳосил ки чамани фунуни ашъор аст. Ва тоифае мутағаззилон булбулони гулзор ва тӯтиёни шакаристони аҳли гуфторанд:

Аз фунуни шеър фанни беҳтарин омад ғазал,
Чун накурӯён, ки дар сурат беҳанд аз ҷинси инс.

Ҳамчунон ки ин фанни шариф аз фунуни сухан пуршеваву фитнагар ва дилрабою ғамзазан аст, ишқварзон ва соҳибони ин ҳирфа ҳама азизулвуҷуду оламгир ва шаҳрошӯбу турфатабъ ва танассуҷгӯю адимулмисл ва нодиратуттавр бошанд» [28, с. 180].

Аслан ғазал аз эҷодиёти сардафтари адабиёти классикии форсии тоҷикӣ

Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ сарчашма мегирад. Мавҷудияти ғазалро дар адабиёти асри X дар аҳди Сомониён донистан дуруст аст, зеро дар ин аср Унсурӣ бузургиро дар ғазал ба Рӯдакӣ нисбат медиҳад:

Ғазал рӯдакивор неку бувад,
Ғазалҳои ман рӯдакивор нест [56, с. 43].

Тавре ки мебинем, дар байти боло Унсурӣ вожаи «ғазал»-ро ба кор бурдааст. Фаррухӣ низ дар ашъораш истилоҳи ғазалро истифода намудааст. Чунончи:

Ман ғазал гӯям пайваста ба ёди ту ғизол,
То ту пайваста харидори навои ғазалӣ [56, с. 130].

Бояд таъкид намуд, ки худи Рӯдакӣ низ дар баробари чирадаст будан дар ғазал, инчунин, истилоҳи «ғазал»-ро борҳо дар ашъораш истифода кардааст. Аз ҷумла, ифодаи «Забонам аз ғазалу мадҳи бандагон-ш насуд»-и худи Рӯдакӣ далели гуфтаҳои болост. Ба ҳамин монанд шоирони даврони Рӯдакӣ ва баъд аз он-Марвазӣ, Муиззӣ ва дигарон низ истилоҳи «ғазал»-ро ба кор бурдаанд. Маълум мегардад, ки воқеан дар асри X-XI ғазал комилан ҳамчун жанри адабии мустақил инкишоф ёфта, адибон назокати сабкӣ, бардоштҳои ғоявӣ, мазмуну мундариҷа, ҳунар ва касбияту чирадастии ҳамасрони худро медонистаанд. Аз ин рӯ, метавон ба хулосае омад, ки андешаи олимони адабиётшинос роҷеъ ба пайдоиши истилоҳи «ғазал» дар асри X, ки аз осори Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ сарчашма мегирад, саҳеҳ аст. Анъанаи ғазалсароӣ низ аз замони Рӯдакӣ сарчашма гирифта, то замони мо расидааст. Аз таҳлил ва гуфтаҳои боло метавон хулоса намуд, ки дар воқеъ, асрҳои X-XV асрҳои инкишофи ғазал буда, дар ин давра ғазал ба ҳадде рушд кард, ки тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ва ҳатто андешаҳои ирфонию сӯфиёнаро низ фаро гирифт. Намунаи зебо ва комили ин гуна ашъор ғазалҳои Саъдии Шерозӣ, Носири Бухороӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Мавлавӣ, Хусрави Деҳлавӣ ва дигаронанд. Сипас, ҳамчун ғазалсароёни мумтоз метавон Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Бадриддини Ҳилолиро номбар кард. Дар асри XVI низ сурудани ғазал миёни шоирон ба

ҳукми анъана даромада буд ва дар замони зиндагии Саҳобии Астарободӣ ва асрҳои баъд идомаву густариши зиёд ёфт. Саҳобӣ низ худро яке аз ғазалсароёни мумтози ин давр мешуморад:

Дил мекашад маро чу Саҳобӣ ба ошиқӣ,
Ҳар кас, ки хонд ин ғазали дилкаши маро [34, с. 22].

Ё ин ки:

Зи рӯйи ҳол саҳобисифат ба рақс ояд,
Ба гӯши Зуҳра расад, гар ғазалсароии мо [34, с. 39].

Ва ё:

Олам аз ишқ ба ҷӯш аст, Саҳобӣ, яъне,
Ҳама ҷо замзамаи ин ғазали дилкаши мост [34, с. 163].

«Ҳама ҷо замзамаи ин ғазали дилкаши мост»– гуфтани шоир албатта аз ҳақиқат дур нест, чунки дар тазкираҳо ғазалсарои мумтоз буданаш низ таъкид мегардад. Лозим ба зикр аст, ки дар баробари таҳқиқи рӯзгору осори шоир аз ҷониби мо «Девони ғазалиёт»-и Саҳобии Астарободӣ [34] ва қисме аз рубоиёти шоир бо ҳуруфи кириллӣ баргардон карда шуд. Бо даст додани фурсат девони мазкур интишор ва дастраси хонандагон гардонида мешавад. Ҳангоми баргардони «Девони ғазалиёт»-и шоир муайян гардид, ки Саҳобӣ ғазалиёти зебову дилкаше эҷод кардаву дар онҳо низ чун рубоиёти ӯ мазмунҳои ирфониву фалсафӣ зебову дилнишин ҷилва мекунанд.

Хулоса, баъд аз Саҳобӣ шоироне мисли Назирӣ, Урфӣ, Толиб, Калим, Соиби Табрезӣ, Сайиидои Насафӣ, Бедили Деҳлавӣ ва дигарон анъанаи ғазалсароиро идома доданд. Бино бар ин, дар замони мо низ ғазал ҳамчун як жанри маъмулу машҳури адабӣ истифода мегардад.

## 2.2. Мавзуъ ва муҳтавои ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ

Сайри таърихии ғазал нишон медиҳад, ки шоирон аз устод Рӯдакӣ сар карда, то имрӯз дар қатори дигар жанрҳои бадеӣ ба ғазал таваҷҷуҳи бештар кардаанд. Агар ба таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ назар афканем, хуб ҳувайдо мегардад, ки шоироне ҳастанд, ки асоси эҷодиёташонро ғазал ташкил медиҳад ва бо гуфтани ғазалиёти баландмазмуну мукаммал мавқеи хос доранд, аз ҷумла, Мавлавӣ, Саъдии Шерозӣ, Носири Бухороӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ, Исмати Бухороӣ, Ҷомӣ, Урфӣ, Назирӣ, Толиб, Калим, Соиб, Бадриддини Ҳилолӣ, Шавкати Бухороӣ, Абдулқодири Бедил ва дигарон.

Дар иртибот ба мавзуи мавриди таҳқиқ бояд изҳор намуд, ки дар эҷодиёти Саҳобии Астарободӣ низ баъд аз жанри рубоӣ ғазал мавқеи намоёнро ишғол менамояд. Лиҳозо, мо дар ин қисмати диссертатсия роҷеъ ба мавзуъ, муҳтаво ва ғояи ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ изҳори назар карда, мақоми онро дар байни осори шоир дар таърихи адабиёти тоҷик муайян ва мушаххас менамоем.

Тавре ки дар боби гузашта гуфтем, ҳанӯз ашъори шоир, аз ҷумла ғазалиёти ӯ, мавриди пажуҳиши алоҳида қарор нагирифтааст ва бори аввал ба таҳқиқи ғазалиёти шоир мепардозем ва бархе аз вижагиҳои ғазалиёти ӯро равшан менамоем. Ин кор, албатта, масъулият ва заҳмати зиёдро металабад.

Ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ, ки адибе борикбин ва нуктасанҷ аст, бо сабку услуби хоссае таълиф шуда, саршор аз маъниҳои мухталиф ва наву тозаанд. Ғазалиёти шоир рангоранг буда, аслан дорои мазмуну мундариҷа ва ғояҳои ирфонӣ, фалсафию ишқӣ, панду ахлоқ ва шикоят аз нобасомониҳои ҷомеа мебошанд. Агарчи Саҳобиро дар рубоӣ мумтоз медонанд, аммо таҳқиқу таҳлили ғазалҳои шоир аз он гувоҳӣ медиҳад, ки ғазалиёти ӯ низ дорои аҳаммияти баланди илмию адабиянд. Воқеан, ишқу ошиқӣ, мадҳи Худо, зебоиҳои табиат дар ғазалиёти шоир рангоранг ҷилвагар шудаанд. Дар ин бора, яъне маҳорати баланди Саҳобӣ дар

ғазалсароӣ сарчашмаҳо низ маълумоти ҷолиб додаанд [179, с. 6] ва ҷойгоҳи хоси ӯро дар таърихи адабиёти мо таъкид намудаанд. Худи шоир низ дар бораи маҳорати шоирии худ, хусусан, аз ғазалсароияш хабар додааст. Чунончи:

Зи рӯйи ҳол саҳобисифат ба рақс ояд,
Ба гӯши Зуҳра расад гар ғазалсароии мо [34, с. 39].

Ё ин ки:

Эй гулрухон, каломи Саҳобӣ чу гавҳар аст,
Мақсуди гуфтан он, ки ба гӯши шумо расад [34, с. 234].

Ва ё:

Чун Саҳобӣ сифати ҳусни касе то гуфтам,
Ҳар кӣ бишнид сифатҳои маро, таҳсин кард [34, с. 358].

Дар ҷойи дигар мегӯяд:

Ҳар куҷо омадаам ҳамчу Саҳобӣ ба сухан,
Фатҳи иқлими дил аз теғи забон ёфтаам [34, с. 412].

Агарчи байтҳои боло як фахриягунаанд, вале аз бовари шоир нисбат ба каломи худ шаҳодат медиҳанд. Албатта, гӯяндагони дигари адабиёти мо низ худро таърифу тавсиф ва сифат кардаанд. Хусусан, ғазалсароён ба ин кор беш аз дигарон даст задаанд, чунки ғазал яке аз жанрҳои адабиест, ки монанди қасидаву маснавӣ тулонӣ ва ё мисли рубоию дубайтӣ ва қитъаву фард кӯтоҳ нест, балки дар байни онҳо қарор дорад, яъне, на тулонӣ ва на кӯтоҳ, зеро бо амри дилу эҳсоси зебои шоир эҷод мешавад. Ба қавли адабиётшинос Аълохон Афсаҳзод: «Ғазал яке аз созгортарин шаклҳои адабӣ барои баёни ин гуна эҳсосу андеша хидмат кардааст. Имрӯз ҳам ғазал бо салосату назокати худ миёни мардум эътибори хоссае дорад. Шакли зебо, оҳанги дилпазир, салосати сухан ва ширинии маънӣ, ки дар ғазали устодон бо баёни сода тавъам аст, эътибори ғазалро назди мардум баланд мебардошт» [74, с. 5].

Азбаски Саҳобии Астарободӣ шоири ориф ва шахсияти сӯфимашраб мебошад, на танҳо дар рубоӣ, балки дар ғазалиёташ ҳам андешаҳои орифонаву сӯфиёна бартарӣ доранд ва бештар ҷилва мекунанд. Мақсади

асосии орифону сӯфиён расидан ба Ҳақ аст, на дину оин. Саҳобӣ дар байти поин ин маъниро таъкид мекунад:

Малулам аз мусулмонӣ, ҳавои зулфи ӯ дорам,
Зи кеши хеш баргардидаам, зуннор мехоҳам [34, с. 417].

Ӯ монанди дигар суханварони орифу сӯфӣ ҷилваҳои гуногуни ишқу ирфон ва масоили дигарро ба намоиш мегузорад. Масалан, ситоиши Худо, наъти паёмбарону авлиё, васфи табиат, тавсифи бодаву бодагусорӣ, ишқу муҳаббат, сухану сухангӯӣ, панду ахлоқ, шиква аз рӯзгор, беэътиноии дунё, ҳасби ҳол ва ғайра:

Зуҳдро бигзор, эй сӯфӣ, майи нобе бикаш,
Хирқаи олудае дорӣ, биё, обе бикаш.
Эй сабо, аз хоки кӯяш бахти моро сарфароз,
Сурмаи бедорие дар чашми пурхобе бикаш [34, с. 380].

Ё:

Халос шуд чу Саҳобӣ зи ҷаври даври фалак,
Касе, ки бодаи ишрат ба рӯйи дӯст кашид [34, с. 243].

Саҳобӣ шоири маддоҳ нест ва шеърро василаи маош қарор надодааст. Дар ашъори ӯ мадҳи боён, амирону подшоҳони давр дида намешавад. Ҳатто дар маснавии ба шоҳ Аббоси Сафавӣ бахшидааш низ мадҳу ситоиши шоҳ ба назар намерасад, балки мазмуни ин маснавӣ пандуахлоқист. Аз тамаллуқ орӣ будани ашъори Саҳобиро Шиблии Нуъмонӣ низ ишора мекунад: «Таъсироти гуногуне, ки тасаввуф дар шеъру шоирӣ бахшида, шарҳи он ба дин қарор аст: Шуарои мутасаввифа чун аз қайди дунё ва шуҳратталабӣ фориғ  ва озод буданд, лиззо қасидагӯӣ, ки саросари он хушомад ва тамаллуқ буд, мавқуф гардид. Мавлавӣ, Ироқӣ, Мағрибӣ ва Саҳобӣ ҳар кадом девоне, ки доранд, дар он девон қасида ҳеҷ нест. Ҷомӣ қасоиди зиёде гуфта, лекин камтар забонашро ба мадҳи ашхос олуда кардааст» [23, с. 121].

Тавре ки гуфтем, шоир асосан арзишҳои ишқию ирфониро васф мекунад, яъне, ашъори ӯ аксаран мазмуни ирфонӣ ва ошиқона доранд. Чунончи дар ин ғазал мебинем:

Аз лаъли дилкаши ту дил афсона мекунад,
Дилкаш фасонаест, ки девона мекунад.
Дилро ҳавои қомати шӯхи ту мешавад,
Мурғи бало ба шохи бало хона мекунад [34, с. 325].

Маълум аст, ки баҳор фасли рустану шукуфтан ва ишқу зебоист ва ҳамвора шоиронро ба илҳом меоварад. Ҳамин аст, ки баҳорро фасли шоирон мегӯянд. Воқеан, мужда аз омадани баҳору Наврӯз дар ғазалиёти Саҳобӣ низ мушоҳида мегардад. Тасвири табиат, васфи Наврӯзу баҳор дар ғазалҳои шоир ҳунармандона ва зебо қаламдод шудааст. Шоир тавассути ин гуна ашъор дар ин фасли зебои сол маъшуқаи худро зеботару барнотар мебинад, ӯро ба сайри боғ фаро мехонад ва ба нишоту шодӣ, майю майгусорӣ ҳидоят менамояд:

Ҷаҳон сарсабз гашту гулрухонро азми ҷавлон шуд,
Биё, соқӣ, ки Наврӯз омаду олам гулистон шуд.
Сабо бӯе зи ҷайби Юсуфи ман сӯйи боғ овард,
Ки чун Яъқуб чоки ҷомаи гул то ба домон шуд [34, с. 280].

Ва ё:

Омад баҳору наргиси махмуру лола шуд,
Соқӣ, биё, ки навбати ҷому пиёла шуд.
Дар чашми булбулон пайи такрори дарси ишқ,
Ҳар ҷо гуле шукуфту китобу рисола шуд [34, с. 231].

Ё ин ки:

Соқиё, фасли баҳор аст, ба як соғари май
Занги андуҳу ғам аз ойина биздой маро [34, с. 27].

Ғазалиёти шоир таҷассумгари ҳолатҳои рӯҳию равонии гуногуни ҳаёти ӯст. Ҳамин аст, ки онҳо мавзуъ ва муҳтавои мухталифро дар бар мегиранд. Агар аз ҷиҳати мазмуну муҳтаво ғазалиёти шоирро тақсимбандӣ намоем, метавон ба чунин хулоса расем:

1. Ғазалиёти орифонаву ошиқона, марбут ба ишқи илоҳӣ;
2. Ғазалиёти ошиқона, марбут ба ишқи заминӣ;

3. Ғазалиёти пандуахлоқӣ ва шикоят аз рӯзгор;

4. Тасвири табиат.

Сабаби мақоми аввалро соҳиб шудани ғазалиёти орифонаву ошиқонаи марбут ба шахсияти шоир ва биниши орифонаву ошиқона ва сӯфиёнаи ӯ иртибот мегирад, зеро дар асри XVI низ ғояҳои тасаввуфӣ ва ирфонӣ дар ҷомеа амал мекарданд ва ташвиқу тарғиб мешуданд. Бавижа дар ашъори шоирони аҳди Сафавиҳо ақидаҳои орифонаву сӯфиёна густариш пайдо намуда буд. Саҳобии Астарободӣ низ асосан дар ҳамин қаламрав эҷод мекард ва мумтоз буд. Роҷеъ ба адабиёти аҳди Сафавиён Забеҳуллоҳи Сафо чунин менигорад: «Дар ин давра (давраи Сафавиён. – Б.М.) мазомини ғиноӣ дар иртибот бо ирфон вуҷуд дошт, ки баёнгари ормонҳо ва илҳомоти урафо ва даровеш буд ва дар он унсури таълимӣ ҳам ҷойгоҳи вижае дошт» [141, с. 542]. Маҳз ҳамин раванд сабабгори он гардида, ки шоирон ба ҷои инъикоси зебоиҳои табиату диёр ва мушкилоти рӯзгору ҳаёти илмию мадании мардум бештар ба мавзуъҳои ишқӣ-ирфонӣ даст бизананд ва саргарми орзуву ормонҳои хеш гарданд. Ба навиштаи Забеҳуллоҳи Сафо, ҷуз дар ашъори чанд тан аз шуарои чирадаст камтар метавон сафои андеша ва ҷилои лафз пайдо кард. Барои ин амр далели «классик ва ё куҳан»-ро матраҳ сохт, чун шуарои давраи сафавӣ мисли пешиниёни худ дар аҳди Темурӣ дур аз таълим ва тарбият буданд ва ҳунару қареҳаи худро тарбият накарда буданд, чунонки ин амр пештар дар дарборҳои Сомонӣ, Ғазнавӣ, Салчуқӣ ва ғайра маъмул буд [141, с. 537]. Дар воқеъ, бояд эътироф кард, ки дар эҷодиёти аксари шоирони ин давра дар лафз ва маъниофаринӣ нисбат ба дигар давраҳои таърихии адабиёти форсии тоҷикӣ як навъ костие ба назар мерасад. Вале шоирони чирадасту нозукбаён дар ин давра низ кам набуданд. Аз ҷумла, Урфӣ, Назирӣ, Соиби Табрезӣ, Толиби Омулӣ, Зуҳурии Туршезӣ, Саҳобии Астарободӣ ва ғайраро метавон ном бурд, ки ҳамчун шоирони маъруф эътироф гардидаанд. Хусусан, Соиб бо тасвирҳои зебо, мазмунҳои наву тоза, калимоту ибораҳои намакину шакаринаш тавонист дар таърихи адабиёти

форсии тоҷикӣ аҳди Сафавиён худро ҳамчун ғазалсарои шаҳир нишон бидиҳад. Саҳобии Астарободӣ низ дар гуфтани рубоӣ ва ғазал мақоми мумтоз дорад:

Зи бас ки пояи айвони бахт шуд пастам,
Ба тоқи ҳеҷ муроде намерасад дастам.
Ба ҷоми Ҷам чӣ аҷаб, гар фурӯ наёяд сар,
Маро, ки аз майи лаъли ту бехуду мастам [34, с. 401].

Ё:

Офатам бе нури маънӣ сурати ҷонона нест,
Шамъ то равшан набошад, қотили парвона нест [34, с. 179].

Ё ин ки:

Аз ҳавои кӯйи ӯ афғон кунад дар сина дил,
Нолаи мурғ аз ғами гулзор бошад дар қафас [34, с. 375].

Ва ё:

Даме, к-он зулф дидам бар рухи он офтоби ҳусн,
Ба сони мӯ, ки бар оташ фитад, бар хеш печидам [34, с. 442].

Маҳз ҷолибияти ғазалиёти Саҳобӣ буд, ки Соиби Табрезӣ дар «Сафина»-аш аз ғазалиёти ӯ батакрор ёд кардааст, ки дар ин хусус дар боби аввали диссертатсия изҳори назар кардем. Бино бар ин, аз такрори ин мавзуъ худдорӣ менамоем.

Дигар масъалаи мавриди тазаккур он аст, ки Саҳобӣ дар эҷоди ғазалиёташ аз эҷоди Ҳофизи Шерозӣ, Саъдии Шерозӣ, Бадриддини Ҳилолӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ ва бархе шоирони ҳамзамону пешиниёнаш баҳра бардоштааст. Ҳамин аст, ки шеъри ӯ бо шоирони зикршуда иртиботи қавӣ дошта, хонандаро метавонад мутаассир намояд.

### 2.2.1. Мавзуи ишқу ошиқӣ

Аслан шеър бо ишқ тавъам аст ва асоси адабиётро низ ишқи поку ҳақиқӣ ташкил медиҳад, яъне, ишқи модар, ишқи ватан, ишқи махлуқ ба холиқ, ишқи зиндагӣ, ишқи ҳамсару маҳбуба ва ғайра. Мавзуи ишқ дар

ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ яке аз мавзуъҳои муҳим ва меҳварист. Вале як нукта мавриди таъкид аст, ки таҳқиқи мавзуи ишқ, бавижа, ишқи ирфонию сӯфиёна ва заминӣ дар адабиётшиносӣ яке аз мавзуъҳои нозуку мушкил аст ва таҳлилу баррасии ҷиддиро тақозо менамояд. Тавре ки гуфтем, тору пуди ашъори Саҳобии Астарободӣ аз матои ишқу ошиқӣ танида шудааст. Тазкиранависон низ шоири орифу ошиқ будани Саҳобиро таъкид кардаанд. Аз ҷумла, Ризоқулихони Ҳидоят дар «Риёз-ул-орифин» мегӯяд: «Саҳобӣ орифест комил ва ошиқест восил...» [48, с. 127]. Худи шоир низ дар ғазалиёташ борҳо мақоми худро дар ошиқӣ таъкид мекунад ва аз овозаи он ки дар кавну макон танинандоз гардидааст, хабар медиҳад:

То авҷи ишқ гашт, Саҳобӣ, туро мақом,<br>Овозаи ту кавну маконро фурӯ гирифт [34, с. 89].

Ё ин ки:

Гулшани олам зи борони сиришкам тоза шуд,<br>Чун Саҳобӣ то бар авҷи ишқ шуд манзил маро [34, с. 48].

Дигар ҷо менависад:

Бартар аст аз нуҳ фалак ҷойи Саҳобӣ аз шараф,<br>Дар раҳи ишқат зи хоки роҳ яъне камтар аст [34, с. 190].

Дар ҳақиқат, Саҳобии Астарободӣ дар ғазалиёташ ҳам ишқи ирфонӣ ва ҳам ишқи воқеии инсониро васф кардааст, аммо таҳқиқ нишон медиҳад, ки ишқи ирфонӣ дар ғазалиёти шоир нисбат ба ишқи воқеии инсонӣ бартарӣ дорад. Беҳуда нест, ки дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ Мавлоно Саҳобӣ ҳамчун шоир ва орифи бузург ёд мешавад. Ин гуфторо муҳтавои ашъори шоир низ собит менамояд. Гузашта аз ин, дар баъзе ғазалҳояш ду навъи ишқ – ишқи ирфонӣ ва воқеӣ ҷилва мекунанд, ки ҷудо кардани онҳо то андозае мушкил аст. Чунончи:

Тарки он лабҳои шӯрангез кардан мушкил аст,<br>Масти бехудро зи май парҳез кардан мушкил аст.<br>Ишқро гар рутбаи олӣ бувад, Фарҳодро

Ҳамсарӣ бо Хусрави Парвез кардан мушкил аст.
То набошад сабзаи хатти ту дар пеши назар,
Рӯ ба сӯйи сабзаи навхез кардан мушкил аст.
Беқарорӣ гар кунам аз ғамзаи ӯ, дур нест,
Истиқомат пеши теғи тез кардан мушкил аст.
Чун Саҳобӣ то нагӯйӣ тарки ҷони худ, назар
Ҷониби он ғамзаи хунрез кардан мушкил аст [34, с. 137].

Вале ба ҳар сурат, ишқ хоҳ ирфонӣ бошад, хоҳ заминӣ, дар ғазалиёти шоир мақоми махсусро соҳиб аст. Шоир ишқро асоси зиндагӣ ва роҳи ба мақсуд расидан мешуморад. Аз ин рӯ, онро ба нур ва маъшуқро ба соя ташбеҳ додааст, ки соя бидуни нур наметавонад вуҷуд дошта бошад:

Ба манзил кай расӣ бе ҷазбаи ишқ,
Набошад сояро ҷуз нур раҳбар [34, с. 369].

Шоир дар ҷойи дигар менависад, ки ӯ килки хотирашро ба дасти ишқ супурдааст, то симову сурати маъшуқаро тасвир намояд ва бад-ин восита нақше меофарад:

То ба дасти ишқ додам килки хотир з-он нигор,
Чун Саҳобӣ мекунам ҳар лаҳза нақше ихтироъ [34, с. 389].

Саҳобӣ дар байти зер аз санъати руҷуъ бамаврид истифода намуда, дар мисраи аввал ишқро сабаби аз ғам раҳонидани инсон медонад, вале дар мисраи дувум баргашта назари худро дигар карда мегӯяд, ҳар кӣ ошиқ аст, тамоми ғами олам ба дӯши ӯ бор аст ва ошиқ шудан оламро аз ғам халос кардан аст, на худро аз ғам раҳонидан. Мисли ин мазмуни парадоксист, ки ба афкори шоир зебоӣ бахшидааст:

Ишқ пайдо кун, ки гардӣ аз ғами олам халос,
Ваҳ, ғалат гуфтам, ки оламро кунӣ аз ғам халос [34, с. 387].

Дар ғазали дигар шоир ба он зоҳидони риёкору зоҳирпараст, ки бо истифода аз ишқу тақво мақому манзилат меҷӯянд, мегӯяд: Ишқ бояд орӣ аз ҳама сиёҳиҳову нопокиҳо бошад, дар акси ҳол оинае, ки инсон бояд чеҳраи аслии худро бинад, бесафо ва норӯшан мемонад:

Касе, ки сайқали зулматзудои ишқ наёфт,
Чу зоҳид оинаи ӯ сафо намеёбад [34, с. 351].

Воқеан, Саҳобӣ ошиқи шефтаву шайдост, ки инро аз ғазалиёти ӯ метавон ба хубӣ пай бурд. Албатта, илтиҷову тазарруъ ва лутфу меҳрубонӣ хостан аз маъшуқа, ошиқи ёру диёр ва солики роҳи ҳақ ва ҳақиқат будани ӯро мефаҳмонад. Шоир ин гуна маониро ба воситаи сувари хаёл ба қалам медиҳад. Ӯ тавассути истиораву ташбеҳ ба маъшуқаи хеш дарди дил менамояд, то ки ӯро бинавозад, ҳамсози худ созад ва то даме биосояду рӯзаш хуш барояд. Шоир чеҳра, мӯйи занҷир, абрӯи камону лаби ширини ёрро бо самимияти хос тасвир ва гоҳ-гоҳе аз номеҳрубониҳои маъшуқа гила мекунад, вале ҳамоно илтиҷову тазарруи ӯ самимӣ ва содиқона аст. Мазаммат ва норизоӣ аз маъшуқ дар ғазалиёти шоир кам мушоҳида мегардад:

Эй шакарлаб, то чу най шуд бо ту дамсозӣ маро,
Як даме хуш бар наёяд, то ту нанвозӣ маро.
Як раҳ, эй субҳи таманно, хандае кун ҳамчу шамъ,
Чанд гирёнӣ шаби ҳиҷрону бигдозӣ маро**?** [34, с. 59].

Аммо дар ин байт аз ғами маъшуқаи камонабрӯ ҳар лаҳза ба бало дучор шудани хешро ёдрас менамояд:

Чун Саҳобӣ зи ғами ишқи камонабрӯе
Нест як дам, ки ба мо тири балое нарасад [34, с. 299].

Дунёи ишқи Саҳобӣ рангоранг аст. Ӯ ишқи худро ҷудо аз тақвову зоҳидии сохта медонад. Ишқи шоир самимӣ ва бидуни тамаъу талаби чизест. Шоир масти ишқ аст, аз ин рӯ, пушти ин корҳо намегардад:

Тақвову зуҳд нест, Саҳобӣ, шиори ман,
Ман ошиқам, чӣ кор бад-ин корҳо маро? [34, с. 57].

Шоир худро фарзанди мулки ишқ ва дар ин дунё ғариб медонад. Аз он гила мекунад, ки ҳолати ӯро дар ошиқӣ касе дарк накардааст, зеро дунёи ишқи ӯ олами дигарест, ки хоси ошиқони шефтаву шайдост:

Нашнохт ҳеҷ кас чу Саҳобӣ маро, бале,
Фарзанди мулки ишқ ба олам ғариб буд [34, с. 314].

Ҳамин ишқи сӯзанда шоирро узлатнишин ва аз базми аҳли ишқ дур кардааст. Ӯ чун шамъ дар ёди маҳбубаи худ месӯзаду бо шодӣ изҳор мекунад, ки дигар ёди базми аҳли ишқро аз сар берун кардааст:

Агар аз базми аҳли ишқ берунам, чӣ ғам дорам,
Ки ҳастам шамъсон саргарм аз сӯзи даруни худ [34, с. 277].

Шоир ҷойи дигар касеро, ки ошиқ нест ва дарде аз ишқ дар дил надорад, мурда ва ҷояшро зери хок медонад:

Он кас, ки нест ошиқ, ӯро ҳалок беҳтар,
Ҷисме, ки ҷон надорад, дар зери хок беҳтар.
Ҳар синаву дилеро, к-аз ишқ нест дарде,
Он дил фигор хуштар в-он сина чок беҳтар [34, с. 364].

Саҳобӣ дар матлаъи ғазале худро дар ишқ аз Маҷнун, ки дар ёди Лайлӣ девона гардида, рӯ ба дашту ҳомун оварда буд, кам намедонад. Аз ин рӯ, ифтихор менамояд ва шод аст:

Зи Маҷнун кам наям дар ишқ, з-ин рӯ шодие дорам,
Ки ман ҳам дар тариқи ошиқӣ хуш водие дорам [34, с. 462].

Шоир аз бехабарии хеш аз кори олам на танҳо афсӯс намехӯрад, балки шукр мекунад, зеро тамоми дарду ранҷ, шодию нишот ва талхию ширинии ишқро дар зиндагӣ таҷриба кардааст ва дар кори ишқу ошиқӣ ба ҳадди устодӣ расидааст:

Агар воқиф наям аз кори олам, шукр мегӯям,
Ки дар кору фununи ошиқӣ устодие дорам [34, с. 462].

Баъзе ғазалҳои Саҳобии Астарободӣ саропо аз васфи ишқ иборат буда, дар онҳо зебоӣ, дарду ранҷ ва бедорхобию ашкрезиҳои ошиқ аз барои маъшуқ, ки хоси ишқи воқеист, бо ҳаяҷон ва ҳиссиёти шоирона таҷассум ёфтаанд. Ба ин ғазали «Обу оташ»-и шоир мисол шуда метавонад. Воқеан, метавон ин ғазалро ҳамчун таърифи ишқ аз ҷониби шоир пазируфт, зеро он ба суоли «Чист расми ошиқӣ?» оғоз гардида, бо ҷавобҳое, ки аз ҳолати

дарунии шоир хабар медиҳанд ва ӯ онҳоро дар ишқ таҷриба кардааст, ба намоиш мегузорад:

Чист расми ошиқӣ? Ҷон додану сар бохтан,
Сӯхтан чун шамъи базму поя муҳкам сохтан.
Дар миёни обу оташ будан аз шаб то саҳар,
Гиря кардан, сӯхтан, оҷур шудан, бигдохтан.
Бо вуҷуди сӯхтан, хандидану хуш зистан,
Паст гаштан зери пойи сӯзу сар афрохтан.
Дар миёни базми олам бо ҳама равшандилон
Ошноруйӣ намудан, хешро нашнохтан.
Дида пӯшидан зи нақши дилфиреби коинот,
Хонаи дилро зи ғайри дӯст вопардохтан.
Чун Саҳобӣ дар ҳавои ишқи он хуршеди ҳусн,
Аз дами чун барқ оташ дар ҷаҳон андохтан [34, с. 488].

Дар дигар ҷо шоир менависад, ки то вақте аз ишқ хабардор набудем, бо истифода аз ақл корҳое мекардем, ки моро гоҳ шоир, гоҳ воиз, гоҳ ринду гоҳ шайх нишон медоданд. Аммо, ҳангоме ки ишқ ба вуҷуди мо роҳ ёфт ва сифатҳои ақлро, ки интихобу муқоиса ва фарқ гузоштан байни неку бад ва фоидаву зарар буд, бар бод дод, мо акнун чун Маҷнун ихтиёру иродаро аз даст додем ва аз худ бехабарем:

То сифоти ақлро бирбуд дасти зоти ишқ,
Чун Саҳобӣ шайху воиз, ринду шоир ҳам наем [34, с. 470].

Тавре ки гуфтем, ишқи ирфонӣ дар ашъори шоир дар ҷойи аввал аст ва асоси ишқи орифро эътимод ба ягонагии маъшуқ – Худованд ташкил медиҳад. Бо шакку гумон даъвои ошиқӣ кардан маънӣ надорад. Байти зайл, ки ишора ба «Ҳувал-Лоҳу аҳад» (ӯ Худованди ягона аст) мебошад, ин маъниро собит менамояд:

Лаб кушо бо сухани ишқу гарат ҳаст шаке,
Аз каломи аҳадӣ сураи «Қул»-ро бинигар [34, с. 366].

Мусаллам аст, ки Лайлӣ дар олами ишқу ошиқӣ зарбулмасал аст. Аз ин

хотир, шоир маъшуқаи худро монанди Лайлӣ, ки зебову маҳваш аст, медонад ва худро гумшудаи водии ғам мешуморад. Бино бар ин, ӯ мушкилоти худро, яъне дарди ишқашро аз дарди ишқи Маҷнун кам намедонад:

Ёр лайливашу мо гумшудаи водии ғам,

Камтар аз мушкили Маҷнун набувад мушкили мо [34, с. 25].

Дар ғазали дигар мегӯяд, ки агар дар ҷодаи ишқ аз по афтам ҳам, ҳаргиз аз ин роҳи наку, ки роҳи ишқ аст, барнамегардам ва инҳироф наметарзам:

Гар дарафтам чу Саҳобӣ ба раҳи ишқ зи по,

Ҳаргиз аз сар наниҳам ин равиши некуро [34, с. 65].

Ӯ ба он назар аст, ки ишқ чун хуршед гарму равшан, вале хиракунандаи чашми ақл мебошад. Шахси ошиқ яқину гумонро намешиносад:

Хуршеди ишқ сар заду шуд хира чашми ақл,

Роҳи яқину рӯйи гумонро фурӯ гирифт [34, с. 89].

Ба ҳамин мазмун дар ҷои дигар чунин менависад:

Чӣ аҷаб, гар зи худам нест хабар дар раҳи ишқ,

Ҳар кӣ аз ишқ нишон ёфт, зи худ бехабар аст [34, с. 107].

Ба андешаи шоир, чашми ошиқ ҷуз маъшуқ чизи дигареро намебинад, зеро мақсади аслии ошиқ висоли ёр аст. Ҳар чизи дигаре, ки пешорӯи ӯ мебарояд, барояш ба масобаи раҳзани роҳи ишқ аст:

Чашми ошиқ ҳар чӣ ҷуз маъшуқ мебинад, хатост,

Пеши раҳрав ҳар чӣ бошад ғайри мақсад, раҳзан аст [34,с. 90].

Шоир дар баҳри ишқ ғарқ аст ва ҳаргиз фикри ба соҳил расиданро дар сар надорад, зеро рухи маъшуқа таҷаллигари ҳусну зебоист. Ҳар касе, ки ошиқи рӯйи ту нест, хаёли туро дар сар намепарварад, ҳавову ҳаваси дидани туро надорад, ғофил аст ва кораш ботил, зеро ту хуршедиву ушшоқ – зарра, ҳар ҷо, ки хуршед аст, зарра рӯ ба он мекунад. Ишқи ту оятест, ки бар ҳамагон нозил шудааст ва ҳамагон дар сар ҳавои ишқи туро доранд. Шоир ҳамин гуна ҳолати хешро дар ғазали зер баён намуда, аз дилу ҷон ба маъшуқа пардохтааст:

Хуршеди ман, рухат ҳамаро дар муқобил аст,
Он кас, ки нест ошиқи рӯйи ту, ғофил аст.
Эй он ки пеши биниши арбоби маърифат
Ҳар чиз ҳаст ғайри хаёли ту, ботил аст.
Ушшоқ агар ҳавои ту доранд, дур нест,
Ҳар ҷо, ки зарраест, ба хуршед моил аст.
Кас нест, ҷуз ҳавои туаш нест ҳолате,
Ишқи ту оятест, ки бар ҷумла нозил аст.
То ғарқ гаштаем, Саҳобӣ, ба баҳри ишқ,
Дар сар ҳавои он чи надорем, соҳил аст [34, с. 130].

Рӯи сухани Саҳобӣ ҳамеша ба ишқ аст. Ӯ дар ҷустуҷӯи ишқ, пайдо кардани он аст. Аз ин рӯ, маҳз ба дигарон супориш медиҳад, ки онро ёбанд, зеро ҷуз ишқ корҳои дигари олам бебунёданд ва саргаштагию малол меоранд:

Ишқ пайдо кун, ки ҷуз саргаштагӣ ҳосил накард,
Ҳар кӣ аз дунболи кори чархи бебунёд рафт [34, с. 136].

Шоир ошиқи вораста аст, вале дар ҳар ду дунё – ин дунё ва охират танҳо умед аз ишқ дорад:

Аз ду олам дидаи уммед бар ишқему бас,
Дар дили мо орзумандии иззу ҷоҳ нест [34, с. 147].

Ба андешаи шоир, ошиқ як нафас бе ишқ зиста наметавонад, тавре ки барои мусалмон тарки имон кардан аз имкон берун аст:

Пеши ошиқ як нафас бе ишқ будан кофирист,
Он ки ӯ бошад мусулмон, тарки имон чун кунад? [34, с. 213].

Маврид ба таъкид аст, ки шоир дар баробари талмеҳан ишора намудан ба қиссаҳои динӣ, инчунин ишораҳои зиёде ба қиссаву достонҳои ишқӣ кардааст, ки аз шинохти мукаммали ӯ аз адабиёти форсии тоҷикӣ ва аз таваҷҷуҳу муҳаббати шоир ба достонҳои ишқию ирфонии классикон хабар медиҳад. Хусусан, ишораҳои зиёде дар «Девони ғазалиёт»-и ӯ ба қиссаҳои «Лайлию Маҷнун», «Хусраву Ширин», «Маҳмуду Айёз» ба назар

мерасад, ки бо мақсадҳои гуногун, аз ҷумла, офаридани зебоӣ, мазмунофаринӣ, ибрози ишқ ва ғайра, истифода шудаанд. Ба маврид аст, ки чанд байте мисол биоварем, ки дар онҳо танҳо ба достони «Лайлӣ ва Маҷнун» ишора шудааст:

Чашми лайлисифатон аст, ба девонаи хеш,
Ғайри Маҷнун ба касе ром кӣ дид оҳуро? [34, с. 64].

****

Чашми лайлиталъатон сӯйи мани девона аст,
Оре, оҳуе набошад, к-ӯ ба Маҷнун ром нест [34, с. 114].

****

Чун рафта ғубори худӣ аз дидаи Маҷнун,
Ҳар сӯ, ки назар мефиканад талъати Лайлист [34, с. 181].

****

Лолаи дилро шукуфтан нест дар кӯйи хирад,
Хуррам он, к-аз доғи лайлиталъате Маҷнун шавад [34, с. 214].

****

Баски дорам ғами лайлисифате, Ширине,
Гоҳ Маҷнуну гаҳе Кӯҳканам мехонанд [34, с. 253].

****

Ба он ширинлаби лайлишамоил то шудам моил,
Ба кӯҳу дашт дарду ғусса, чун Фарҳоду Маҷнунам [34, с. 403].

Хулоса, дар ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ афкори ошиқонаву андешаҳои орифона бо ишқи воқеӣ омехта шуда, ӯро дар адабиёти тоҷик ҳамчун суханвари мумтоз, сарояндаи ишқи илоҳию ирфонӣ ва ишқи воқеӣ пеши чашми хонандагон ҷилвагар сохтааст. Албатта, ӯ дар ин ҷода афкору андешаи эҷодкорону орифони гузаштаро идома дода, ҳамзамон, бо афкори тозаву ошиқонаву орифона ва ишқи поки беолоиши худ хазинаи адаб ва маънавиёти адабиёти тоҷикро ғанитар гардонидааст. Андешаҳои ошиқона ва афкори орифонаи Саҳобӣ нишон медиҳад, ки дар ҳақиқат, ӯ ориф, ошиқи комил ва дар ин қаламрав аз ҷойгоҳи воло бархурдор аст:

Дар тариқи ишқ комил дон Саҳобиро, ки ӯ
Карда бар чархи фалак ҷой аз камоли хештан [34, с. 473].

### 2.2.2. Панду ҳикмат

Саҳобии Астарободӣ ҳамчун шоир, ориф, мутафаккир ва гуманисти бузурги замонаш ба масоили пандуахлоқӣ таваҷҷуҳи хоссае дорад. Вай сафарҳои зиёде кардааст. Дар ин сафарҳо таҷрибаи зиндагӣ андӯхта, шириниву талхиҳои дунёро чашидаву бо мардуми сарзаминҳои мухталиф ҳамсуҳбат шуда, аз хулқу атвори онҳо огоҳ гашта, баду неки ҷаҳонро дидааст. Ба қавли Саъдии Шерозӣ, «зи ҳар хирмане хӯшае ёфта»-аст. Мо ин ёфтаҳои ӯро, ки дар ашъораш дарҷ ва тасвир кардааст, бармало мебинем ва эҳсос мекунем. Ӯ гоҳ-гоҳ аз нобасомониҳои рӯзгораш қисса карда, тавассути панду андарзҳои ҳакимонааш ба мардум дарси зиндагӣ, худшиносиву хештандорӣ, одобу ахлоқи ҳамида додааст. Аз ин назар, андешаҳои пандуахлоқии шоир имрӯз низ аҳаммияти худро гум накарда, баръакс, метавонанд барои тарбияи насли наврас ва умуман, ҷомеа хидмат намоянд. Албатта, панду ҳикматҳои Саҳобӣ хусусияти хос доранд ва бештар бо мавзуоти дигар, аз ҷумла ишқ, ки мавзуи асосии ғазалиёти ӯст, алоқамандаанд.

Қобили зикр аст, ки муҳаққиқони муосир ғазалро аз нигоҳи устухонбандӣ ба панҷ қисм тасниф намудаанд, аммо нуқтаи назари донишмандони асримиёнагӣ дар ин бобат тафовут дорад. Аз рӯи назарияи онҳо ғазал аз нигоҳи устухонбандӣ ду навъ мешавад: воқеабанд (мусалсал) ва пароканда [74,с. 181].

Адабиётшиноси тоҷик Раҳими Мусулмониён доир ба навъи ғазалҳои «мусалсал» менависад: «Аз нуқтаи назари устухонбандӣ як навъи махсуси ғазал мавҷуд аст, ки онро «ғазали мусалсал» мегӯянд. Ин чунон навъест, ки дар он маънии байтҳо пай дар пай меояд. Дар ғазал инъикоси воқеаи хурдеро мушоҳида кардан мумкин аст» [114, с. 173]. Дар ғазали пароканда

ҳар як байт маънои мустақил дошта, робитаи байни байтҳоро мавзуъ ва вазну қофия таъмин менамоянд. Дар ғазалиёти Саҳобӣ ҳам шакли ғазалҳои мусалсал ва ҳам пароканда мавҷуд аст. Аз ин рӯ, дар шакли ғазалҳои пароканда метавон ҳам мавзуи ишқу ирфон ва ҳам панду ҳикматро мушоҳида намуд. Масалан, дар байти сеюм ва чоруми ғазали зайл сифати накӯҳишшудаи озор додан ва ба амонат хиёнат кардан дарҷ шудааст. Шоир мегӯяд, ки ҳар касе пайи озори касест, ӯ низ озор хоҳад дид. Чунончи:

Хуни дил раҳ ба дида меорад,
Оби дарё зи абр меборад.
Холи он маҳ, ки хирмани ҳусн аст,
Дар дилам тухми меҳр мекорад.
Ғайри озори хотираш нарасад,
Он ки пайваста хотир озорад.
Дар амонат диҳад хиёнат роҳ,
Он ки ҷон дар раҳи ту наспорад.
Чун Саҳобӣ зи дасти ӯ чашмам
Гиря гӯё дар остин дорад [34, с. 281].

Ба таври пароканда вохӯрдани панду андарз дар ашъори шоирони ғазалсарои пешин як амри табиӣ буда, дар эҷоди дигар шоирон низ мушоҳида мешаванд. Масалан, дар ин ғазали Ҳофизи Шерозӣ ҳам мавзуи ишқу ирфон ва панду андарз тавъам мушоҳида мегардад:

Расид мужда, ки айёми ғам нахоҳад монд,
Чунон намонду чунин низ ҳам нахоҳад монд.
Ман арчи дар назари ёр хоксор шудам,
Рақиб низ чунин муҳтарам нахоҳад монд.
Чу пардадор ба шамшер мезанад ҳамаро,
Касе муқими ҳарими ҳарам нахоҳад монд.
Чӣ ҷойи шукру шикоят зи нақши неку бад аст,
Чу бар саҳифаи ҳастӣ рақам нахоҳад монд?!
Суруди маҷлиси Ҷамшед, гуфтаанд, ин буд,

Ки ҷоми бода биёвар, ки Ҷам нахоҳад монд.
Ғанимате шумар, эй шамъ, васли парвона,
Ки ин муомила то субҳдам нахоҳад монд.
Тавонгаро, дили дарвеши худ ба даст овар,
Ки махзани зару ганҷи дирам нахоҳад монд.
Бар ин равоқи забарҷад навиштаанд ба зар,
Ки ҷуз накуии аҳли карам нахоҳад монд.
Зи меҳрубонии ҷонон тамаъ мабур, Ҳофиз,
Ки нақши ҷавру нишони ситам нахоҳад монд [51, с. 178].

Тавре ки мебинем, дар ғазалҳои онҳо ҳам андешаҳои фалсафӣ, ҳам ишқ ва ҳам панду андарз мушоҳида мешаванд. Хусусан, ғазалиёти Саҳобӣ бештар ба ҳамин равиш эҷод шудаанд, яъне, дар як ғазал фақат дар ду-се маврид ба абёти ахлоқиву ҳикамӣ рӯ ба рӯ мешавем. Дигар саропои ғазалҳои ӯ иборат аз мавзуи ишқанд, ки асли ғазал мебошанд. Аз ин сабаб, мо дар ин қисмат абёти пандуахлоқиро аз ғазалиёти шоир ҷудо намуда, мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Саҳобӣ мағрурию худбиниро, ки яке аз хислатҳои пасти инсонист, накӯҳиш ва ворастагиро талқин мекунад. Аз нигоҳи ӯ худбинӣ яке аз сифатҳои разилаву нописандидаи инсонист. Шоир хитобан ба холиқи якто изҳор медорад, ки шахсе аз чашмаш ғубори худбинию такаббурро нашӯяд, ҳазор сол умр бинад ҳам, Худоро намеёбад:

Зи дида он, ки нашӯяд ғубори худбинӣ,
Ҳазор сол бигардад, туро намеёбад [34, с. 351].

Ӯ ба ҳамин мазмун дар ҷойи дигар мегӯяд:

Мабин худро, Саҳобӣ, дар миён, гар ошиқи ёрӣ,
Ки пеши ӯ набошад эътиборе марди худбинро [34, с. 351].

Таъна задан ба шахсони эҳтиёҷманду дардманд ва муҳтоҷу бечора аз аъмоли бади инсонӣ маҳсуб мешавад. Ин ахлоқи разила дар ҷомеа аз ҷониби бархе ашхос содир мегардад, ки аз пастфитратӣ ва ноодамӣ хабар

медиҳад. Саҳобӣ ин хислати бади инсониро ба воситаи санъати талмеҳ, яъне, ишора ба қиссаи «Фарҳод ва Ширин» маҳкум менамояд:

Туро манзил чу дар кӯйи саломат шуд, мазан таъна,
Агар кӯйи маломат шуд ватан Фарҳоди мискинро [34, с. 42].

Дар адабиёти тоҷик гӯш додан ба панди пирони бохираду ботадбир зиёд талқин карда мешавад, зеро пирони рӯзгордидаву хирадманд бо истифода аз таҷрибаи зиёди рӯзгор метавонанд барои ҳалли мушкилоту муаммоҳои зиндагӣ машваратҳои хуб ва созанда диҳанд. Вале дар ҳар ҷамъияту ҳар давру замон кам нестанд ашхосе, ки панди шахсони рӯзгордидаро гӯш намекунанду бо амри дили худ рафтор менамоянд. Албатта, онҳо дар охир аз саркашии хеш пушаймон мегарданд, аммо пушаймонӣ суд надорад. Ин ҳолатро шоир чунин ба қалам додааст:

Бисӯзад з-оташи ғам тирарое,
Ки панди пухтагонро хом гирад [34, с. 320].

Саҳобӣ хитобан ба худ як масъалаи хеле мубрамро, ки дар ҷомеаи имрӯза низ зиёд ба чашм мерасад, баён мекунад, ки ин айбҷӯйӣ мебошад. Воқеан, касе, ки аз дигарон нақсу гуноҳ меҷӯяд, дар асл, худ беҳунар аст:

Мабин ба айб, Саҳобӣ, агар ҳунар дорӣ,
Ки ҳар кӣ кард назар сӯи айб, беҳунар аст [34, с. 197].

Дар байти поин Саҳобӣ масъалаи фақр ва дороиро бо истифода аз санъати талмеҳ мавриди баён қарор додааст. Ӯ аз як сӯ ба онҳое, ки нодору фақиранд, ҳушдор медиҳад, ки аз фақирӣ ва қаноатпешагӣ малул ва нороҳат нашаванд, аз сӯи дигар, шахсони ҷоҳталаб, танпарвару баднафсро дарси қаноату хештандорӣ медиҳад. Аз ин рӯ, талмеҳан ба «Қиссаи ҳазрати Одам» ишора мекунад, ки маҳз нафси бади инсонӣ буд, ки ҳазрати Одам биҳиштро ба донаи гандум фурӯхт, яъне, бо хӯрдани як дона гандум биҳиштро, ки беҳтарин неъмат барои инсонҳост, барои ҳамеша аз даст дод:

Онон, ки фақрро ба танаъум фурӯханд,
Фирдавсро ба донаи гандум фурӯхтанд [34, с. 336].

Воқеан, бисёр иттифоқ меафтад, ки рози дарун ва асрори фошгардидаи шахсе боиси маргу бадбахтиҳои ӯ мегардад. Байти зер талмеҳан ба рӯзгори Мансури Ҳаллоҷ ишора мекунад. Чунонки Мансури Ҳаллоҷ ба сабаби ба забон овардани «Анал-Ҳақ» (яъне, ман Ҳақам) ба дор овехта шуд ва ҳатто хуни рехтаи ӯ дар замин нақши «Анал-Ҳақ» кашид. Шоир дар ашъораш ба мо панд медиҳад, ки ҳар розеро, ки гуфтанӣ нест, набояд гуфт, вагарна, ба ҳоли Мансур гирифтор хоҳӣ шуд:

Пунбаи ғафлат бурун овар зи гӯшу гӯш кун,
Қиссаи дори балову ҳолати Мансурро [34, с. 66].

Маълум аст, ки ҳам дар адабиёти тоҷик ва ҳам адабиёти ҷаҳон дунёталабӣ ва баднафсӣ сахт мазаммат гардида, зеро ин ду аъмоли ношоиста метавонад инсонро хору залил созад ва ҳатто ба марг бикашад. Бино бар ин, ашхоси дунёталаб, ҷоҳталаб ва баднафсро мардум намеписанданд ва онҳоро ҳамеша мавриди муҳокима ва мазаммат қарор медиҳанд:

Дунё маҷӯву аз сухани халқ раста бош,
Кам гир луқмаеву сагонро даҳон бибанд [34, с. 328].

Саҳобӣ шоири ориф ва сӯфиманиш аст. Аз ин рӯ, чун соири шоирони ин мактаб ба дунёи воқеӣ дил намениҳад. Ӯ дунёро «куҳанхона», «вайрона» медонад ва дил бастан ба дунёи фонӣ, абадӣ донистани дунё, ғами сарвату молро хӯрдан ва аз охират ғофил шуданро сахт мазаммат мекунад. Чунончи:

Манзил макун, эй дил, ба куҳанхонаи олам,
Чун ҷуғд машав сокини вайронаи олам.
Монанди ту дар хоби адам бурда басеро,
Зинҳор макун гӯш бар афсонаи олам.
Эй мурғи дил, аз домгаҳи даҳр ҳаво гир,
Парҳез кун аз доми ғаму донаи олам.
Равшан маталаб базми худ аз ишқ, ки ҳаргиз
Ин шамъ набудаст ба кошонаи олам.

Ҷуз хуни ҷигар нест насиби ту, Саҳобӣ,
Мастӣ маталаб аз майю паймонаи олам [34, с. 440].

Дар ғазали дигар низ ба мо панд медиҳад, ки аъмоли тамоми мавҷудоту махлуқот ва олами ҳастӣ пеши он хулоса мешавад, Офаридгор аст:

Шамъ дар базми фалак, гар чӣ рафеъ аст, якест,
Нуктаи доира ҳарчанд васеъ аст, якест.
Сар ба сар халқи ҷаҳон гӯш бар овози ҳаманд,
Гуфтугӯи ҳамаро он кӣ самеъ аст, якест.
Хотири ҷамъу парешон ба ҷон бисёр аст,
Он кӣ пайваста нигаҳдори ҷамеъ аст, якест.
Ҳар кас имрӯз ба домони касе дар зада чанг,
Лек фардо ҳамаро он кӣ шафеъ аст, якест.
Ҳар тараф гарчӣ паричеҳра басе ҷилвагар аст,
Он ки ӯро дили девона мутеъ аст, якест.
Шакли мавзуъ басе ҳаст дар ин мавзеи хок,
Эй Саҳобӣ, ҳамаро он кӣ вазеъ аст, якест [34, с. 160].

Дар ҳама давру замонҳо дурӯғгӯёну фитнагарон мавҷуданд. Шоир таъкид мекунад, ки ошиқ набояд аз балои ишқ андеша кунад ва аз фитна гурезад, балки ӯ бояд бо фитнагарон мубориза барад, то аз сафи мардон хориҷ нашавад. Шоир ба мо дар ин байташ андарз медиҳад, ки инсон вазифадор аст, ки дар баробари ҳама аъмоли ношоиста қарор гирад ва мардона мубориза барад, вагарна, ӯро наметавон мард номид:

Набошад ошиқ, он к-ӯ аз балои ишқ андешад,
Бурун аст аз сафи мардон, касе, к-аз фитна бигрезад [34, с. 268].

Дар воқеъ, ҳар шахс мехоҳад, ки дар ҷомеа обрӯву эҳтиром ва нуфузу манзилат дошта бошад. Аммо, ба қавли шоир, барои обрӯ ва эҳтироми халкро ба даст овардан бояд дар тоқи дили эшон макон пайдо кард:

Эй ки дорӣ шишасон бим аз шикасти хештан,
Боз кун бар тоқи дил ҷои нишасти хешро [34, с. 492].

Саҳобӣ ба он назар аст, ки мо бояд ба сурат таваҷҷуҳ надошта бошем, балки бештар ба сират диққат намоем:

Шоҳон гадолибосу ҳакимон гилемпӯш,
Маънишинос бош, ба сурат назар макун [34, с. 497].

Зиндагӣ саропо аз дарду ғаму ҳиҷрон иборат аст. Онҳоро бояд таҳаммул кард. Ягона роҳи рафъи ин мушкилот сабру таҳаммул аст. Агарчи сабру таҳаммул, дарду ранҷ кашидан сахт аст, аммо ба ақидаи шоир, шахси сабур оқибат ба мақсад хоҳад расид:

Бе савти ғам, эй дил, ба навое нарасидӣ,
То дард надидӣ, ба давое нарасидӣ [34, с. 522].

Тавре ки мебинем, дар ғазалиёти Саҳобӣ риёкорӣ, фиребгарӣ, ноаҳлӣ, дурӯғу буҳтон, пурхӯрӣ, баднафсӣ, айбҷӯӣ, таъна задан, худбинӣ, хиёнаткорӣ, мардумозорӣ ва дигар амалҳои бади инсонӣ мазаммат шуда, хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, аз қабили ростгӯӣ, сабру таҳаммул, ҳунармандӣ, амин будан, мардонагӣ, росткорӣ, ростқавлӣ, некиву накукорӣ, ҳурмату эҳтироми инсонҳо ситоиш карда мешаванд.

Хулоса, аз баррасии андешаҳои пандуахлоқии Саҳобии Астарободӣ бармеояд, ки ӯ дар ин самт аслан анъанаи шоирони пешинро идома додааст. Алалхусус, аз афкори ахлоқиаш пайдост, ки дорои ҷаҳонбинӣ ва ҷаҳоншиносии васеъ мебошад. Инчунин, аз баррасии ашъори пандуахлоқии ӯ метавон хулоса кард, ки шоир дорои таҷрибаи зиёди зиндагист. Ҷаҳонгардӣ ва таҷрибаи зиндагӣ ба шоир имкон фароҳам овардааст, ки ашъори пандуахлоқии мондагоре дар қолаби сухани мавзун рехта, ба ояндагон мерос гузорад. Албатта, афкори пандуахлоқӣ дар ғазалиёти шоир мақоми хос дошта, имрӯз низ аҳаммияти тарбиявию маънавии худро гум накардаанд, баръакс онҳо метавонанд барои тарбияи маънавию ахлоқии ҷомеа хидмат намоянд.

### 2.2.3. Мавзуъҳои дигар

Саҳобии Астарободӣ дар баробари мавзуъҳои ишқ ва панду ахлоқ, ки мо мавриди баррасӣ қарор додем, инчунин ба масъалаҳои худогоҳию худшиносӣ, шиква аз рӯзгор, бемурувватӣ, беқадрӣ, қашшоқӣ ва дигар мавзуъҳо таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардааст. Масалан, дар байти зерини шоир масъалаи бемеҳрию адами муҳаббату дӯстӣ дар ҷомеа матраҳ гардида, аз набудани дӯсти ҳақиқӣ дар рӯзгори худ шиква карда ва даст ба дарду ҳасрат задааст:

Саҳобӣ аз ҳама з-он гаштааст бегона,
Ки дар замона касе ошно намеёбад [34, с. 351].

Мушкилот, факр, ҷавру ситами амалдорон дар ҳар давру замон қабл аз ҳама синаи аҳли адабро ба дарду сӯз меоварад. Саҳобӣ аз камбудию костагиҳои рӯзгор, саргардонии халқ, харобию беназмӣ, алалхусус, аз беқадрии аҳли илму адаб ба танг омада, фиғон мекашад:

Ё Раб, сари ниёз ба пои кӣ афканам?
Тадбири кори хеш барои кӣ афканам?
Дилро, ки унс нест ба ақлу ба офият,
Ишқи кӣ варзаму ба балои кӣ афканам?
Ҷон бе ҷамоли оинарӯе мукаддар аст,
Чашми талаб ба рӯи сафои кӣ афканам?
Рӯи ниёз бар раҳи нози чӣ кас ниҳам?
Гӯши вафо ба ҳарфи ҷафои кӣ афканам?
Абнои рӯзгор чу дармондаи худанд,
Ман кори дарди худ ба давои кӣ афканам?
Ишқ аст, ҳар чӣ ҳаст, Саҳобӣ, муроди ман,
Ман меҳри худ ба моҳлиқои кӣ афканам? [34, с. 472].

Дар ҷои дигар, ҳамин масъаларо чунин матраҳ месозад:

Шуд баландафғон, чу дил сарви равони хеш ёфт,
Дид булбул шохи гул, ҷои фиғони хеш ёфт.

Шарҳи сӯзи хеш гӯяд дил, чу бинад шамъро,
Дар сухан ояд касе, к-ӯ ҳамзабони хеш ёфт [34, с. 120].

Шоир гоҳ-гоҳе аз бебарориҳо дар ишқ ва бенавоии худ низ ба танг омада, фарёди ҷонкоҳ менамояд ва намедонад бо кӣ роз гӯяд. Чунончи:

Бути ман сангдил, ман бенаво в-ин дард бедармон,
Мусулмонон, чӣ созам, бо кӣ гӯям мушкили худро? [34, с. 24].

Шикоят аз ғаму дард низ дар ашъори шоир бисёр ба чашм мехӯрад:

Дард тухмест, ки дар синаи мо коштаанд,
Ғам гиёҳест, ки парварда ба обу гили мост [34, с. 121].

Шоир аъмоли риёкорона ва авомфиребонаи баъзе воизону зоҳидонро дида ба танг меояд. Бино бар ин, кирдори ношоистаи онҳоро дар ашъораш фош менамояд ва ба сарзаниши онҳо мепардозад, то мардум огоҳ шаванд, ҳақро аз ботил бишносанд ва хусусан пайи воизони беҳудагӯ, риёкору фиребгар нараванд:

Воиз, зи ваъзи хеш пушаймон наӣ, чӣ суд?
Дорӣ забон, валек забондон наӣ, чӣ суд?
Аз зиндагӣ чу ҳаст ғараз бандагии дӯст,
Ҷон дорию ба хидмати ҷонон наӣ, чӣ суд?
Дар каъбаи висол ҳазорон фароғат аст,
Аммо ту марди роҳи биёбон наӣ, чӣ суд?
Дил ҷамъ мешавад зи хамӯшӣ, вале даме
Фориғ зи гуфтугӯи парешон наӣ, чӣ суд? [34, с. 329].

Саҳобӣ чун дигар шоирон зоҳидонро дар ашъораш сахт мазаммат мекунад. Ба андешаи ӯ, мақоми зоҳидон, ки дуруғгӯ ва риёкоранд, баробар бо орифону сӯфиён нест, зеро эшон бо афкору андешаи авомфиребона ва ваъдаҳои подарҳаво мардумро гӯл зада, гумроҳ месозанд. Аз ин хотир, шоир ба зоҳид чунин хитоб менамояд ва мегӯяд:

Пеши мо дигар магӯ, эй зоҳид, аз ҷаннат сухан,

К-остони ҳиммати мо, з-он чи гӯйӣ, бартар аст [34, с. 190].

Саҳобӣ шоире инсондӯст буд. Бино бар ин, бедодгарии ҳокимони давр нисбат ба халқ ӯро озурда мекард, зеро онҳо барои манфиати худ ба мардум зулму истибдод мекарданд ва хостаҳои худро амалӣ менамуданд. Шоир бо таҳайюр худ ба худ мегӯяд, ки «гӯё хабар зи ҳукми қазо надошта бошанд», ки чунин корҳои бадро ба анҷом мерасонанд. Ӯ мубориза бо ин тоифаи золимонро бефоида медонад:

Гӯё хабар зи ҳукми қазое надоштанд,
Бо халқ он касон, ки таҳаккум фурӯхтанд.
Рӯ нeҳ ба роҳи аҷз, Саҳобӣ, ки суд нест
Он фирқаро, ки уҷбу тааззум фурӯхтанд [34, с. 336].

Дар таърихи адабиёти классикии форсии тоҷикӣ шояд шоире набошад, ки васфи Худову паёмбарон накарда бошад. Дар ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ низ чун дигар шуаро васфи Худову паёмбарон ба мушоҳида мерасад:

Ба дил оташ ниҳодам, то ба Тури ишқ Мӯсо шуд,
Чу Мӯсо ҷони ман оинаи нури таҷалло шуд.
Насиме аз баҳори ишқ то омад Саҳобиро,
Ғано аз чашмаи Хизру дами ҷонбахши Исо шуд [34, с. 300].

Ё:

Дар ин оташ қадам нeҳ чун Халилуллаҳ ба ёди дӯст,
Ки ҳар кас ошиқ аст, аз оташи сӯзон напарҳезад [34, с. 268].

Ё ин ки:

Дар раҳи сарви равоне мурдаму ҷон ёфтам,
Ё Алӣ омад, таҷаллӣ бар насире карду рафт [34, с. 159].

Ҳамин тариқ, ашъори Саҳобӣ бисёре аз паҳлуҳои ҳаёти маънавию фарҳангӣ ва иҷтимоиро дар бар гирифтааст. Ӯ аз як ҷониб ишқу муҳаббат, шодию нишот, одобу ахлоқи шоистаи инсониро васф намуда, аз ҷониби дигар, зулму ситам, инсонбадбинӣ, кинаварӣ, ҷангу низоъ ва даҳҳо амали

зиштро мавриди накӯҳиш қарор медиҳад. Мутолиа, судҷӯӣ аз ин афкору андеша, ки дар ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, барои хонандагон аз ҳар ҷиҳат фоидабахш мебошад. Аз онҳо метавон барои худшиносӣ, хештандорӣ, ворастагӣ ва як зиндагии бошарафонаву босаодати инсонӣ истифода намуд.

## 2.3. Бархе аз вижагиҳои ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ

Ғазалиёти Саҳобӣ дорои вижагиҳои зиёд мебошанд. Яке аз хусусиятҳои ғазалиёти шоир дар он аст, ки онҳо аз 4 то 10 байтро ташкил менамоянд. Агарчи бархе аз муҳаққиқон хурдтарин ғазалро аз 5 байт иборат медонанд, вале дар девони Саҳобӣ ғазали 4-байтӣ низ ба мушоҳида мерасад [34, с. 477]. Дар аксари ғазалҳо шоирон тахаллус ва ё номи худро дар мақтаъи он зикр мекунанд. Аксари ғазалҳои ӯ тахаллус доранд. Бо ин ҳама, дар девони Саҳобии Астарободӣ ғазалҳое мушоҳида мегарданд, ки дар онҳо номи шоир зикр намегардад, яъне, бидуни зикри тахаллус ба анҷом мерасанд. Дар баъзе ғазалҳо тахаллуси ӯ ду бор низ зикр карда мешавад:

Хоки кӯят ба ҳавас бистари мо мегардад,
В-арна, аз бистари роҳат сари мо мегардад.
Ҳамчу хуршед, к-аш афтода бувад акс дар об,
Нақши рӯйи ту ба чашми тари мо мегардад.
Ҳарфи шодӣ ба забон бе ту наёяд ҳаргиз,
Баски ғам дар дили ғампарвари мо мегардад.
Подшоҳона сарафрози ҷаҳон мегардем,
Хоки кӯйи ту агар афсари мо мегардад.
Тири ту ҳаст, Саҳобӣ, ки қабулаш зи ҷаҳон
Устухони бадани лоғари мо мегардад.
Роҳ, бешак, ба сари оби бақо меёбем,
Хизри лутфи ту агар раҳбари мо мегардад.
Офарин бод, Саҳобӣ, ки ба бозори ғамаш
Ашку рухсори ту симу зари мо мегардад [34, с. 241].

Ба андешаи мо, сабаби ду бор зикр гардидани тахаллуси ӯ дар ғазали фавқ дар он аст, ки худи шоир ду ғазали ҳамвазну ҳамқофияро таҳрир карда, як ғазал кардааст, ки дар натиҷа ду бор тахаллуси ӯ зикр ёфтааст. Дар баъзе ғазалҳо тахаллуси шоир дар мисраҳои миёна зикр мегардад.

Чунончи:

То ҳумои ишқ бар фарқи мани Маҷнун нишаст,
Шоҳбози ҳимматам бар кунгури гардун нишаст.
То насиме аз баҳори ишқ омад дар димоғ,
Шаҳриёри ҷони ман аз шаҳри тан берун нишаст.
То намоён шуд, зи ҷоми бода акси холи ӯ,
Мардуми чашми Саҳобӣ дар миёни хун нишаст.
Ҳеҷ кас нашносадам дар водии андуҳу ғам,
Гарди ғам аз баски бар рӯйи мани маҳзун нишаст.
Гар ба фарёдам чу най дар базми ғам айбам макун,
Ман чӣ созам, даври ҳоли ман бад-ин қонун нишаст? [34, с. 162].

Вижагии дигари ғазалиёти Саҳобӣ корбурди зиёди талмеҳ дар онҳо мебошад. Албатта, дар ашъори шоирони дигар низ талмеҳ ба мушоҳида мерасад, аммо дар ғазалиёти ӯ ба ин санъат бештар во мехӯрем. Аслан шоирони ин давра талмеҳоти динию сӯфиёнаро барои исботи андешаҳои худ зиёд ба кор бурдаанд.

Доир ба санъати талмеҳ аввалин бор дар китоби «Ал-муъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ, ки дар асри XIII милодӣ иншо намудааст, маълумот дода шудааст. Дар асари мазкур омадааст: «Талмеҳ он аст, ки алфози андак бар маънии бисёр далолат кунад ва «ламҳ» ҷастани барқ бошад ва ламҳа (лаҳза, дам) як назар бувад. Ва чун шоир чунон созад, ки алфози андаки ӯ бар маънии бисёр далолат кунад, онро талмеҳ хонанд» [30, с. 301]. Тӯрақул Зеҳнӣ дар китоби «Санъати сухан» доир ба ин санъат чунин гуфтааст: «Талмеҳ нигоҳи сабук кардан ба сӯи чизест. Агар «талмеҳ»-ро қалбан «тамлеҳ» қарор диҳем, ба маънои милҳ кардан - намакин кардан меояд, ки ин ҳам дуруст аст» [96, с. 92]. Дар «Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ» гуфта мешавад, ки талмеҳ «аз санъатҳои маънавист ва он иборат аз ин аст, ки шоир бо як ишора маънии чуқур ва баландро ифода мекунад» [162, с. 105]. Ҳамчунин, дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» ба маънои ишора, нигоҳи сабук ба сӯи чизе, ишора кардани шоир дар шеъри худ ба қисса ё масали маъруфе ташреҳ шудааст [152, с. 300]. Дар «Энсиклопедияи

адабиёт ва санъати тоҷик» низ талмеҳ ба маънои назар андохтан, нигоҳи сабук кардан ба сӯи чизе ва як навъ санъати бадеие зикр шудааст, ки зимни он шоир ба воқеаҳои таърихӣ, асотирӣ ва қиссаву афсонаҳо ишора мекунад [177, с. 165].

Лозим ба ёдоварист, ки шоир санъати талмеҳро на танҳо дар рубоиҳояш, балки дар ғазалиёташ ҳам фаровон истифода бурдааст. Аммо дар ин қисмат сухан дар бораи талмеҳоти ғазалиёти шоир меравад. Албатта, талмеҳоти рубоиёти шоир таҳқиқоти вижаро талаб мекунад, зеро дар рубоиёти ӯ нисбат ба ғазалиёташ бештар ба қиссаҳо ва оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавию рӯзгори паёмбарон ишора шудааст. Дар ғазалиёти ӯ аслан ба ривоятҳои динӣ, қаҳрамонҳои осори адабию асотирӣ ва паёмбарон ишора шуда, ба ояҳои қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ хеле кам истинод шудааст.

Қобили зикр аст, ки адабиётшиносон талмеҳоти адабиёти классикии тоҷикро аз нигоҳи пайдоиш ба чанд гурӯҳ ҷудо кардаанд. Аз ҷумла:

1. Қиссаву ривоятҳо ва шахсони асотирӣ;
2. Тасаввури гузаштагон дар бораи пайдоиш, сохти кайҳону ситораҳо;
3. Афсонаву ривоятҳои динӣ;
4. Рӯйдодҳо ва шахсони таърихӣ;
5. Воқеаҳои фарҳангӣ, аҳли илму адаб ва осори онҳо;
6. Қаҳрамонҳои асарҳои адабӣ;
7. Маконҳои ҷуғрофӣ, ки воқеаҳои асотирӣ ва ё таърихие, ки он ҷо рӯй додаанд ва ғайра.

Истифодаи талмеҳ дар шеър ба он далолат мекунад, ки шоир ҳамон асотир, қисса ё ривояту достонро хуб медонад ва талмеҳан дар шеъри худ ба он ишора мекунад, яъне, метавон гуфт, ки истифодаи талмеҳ дар шеър то андозае аз дониши таърихӣ, асотирӣ, динӣ, адабӣ ва фалсафӣ бархурдор будани шоирро нишон медиҳад. Масалан, байтҳои зер нишон медиҳанд, ки Саҳобӣ аз қисса ё достонҳои зикршуда огоҳии хуб доштааст:

Ишқро гар рутбаи олӣ бувад, Фарҳодро
Ҳамсарӣ бо Хусрави Парвиз кардан мушкил аст [34, с. 137].

****

Ғанӣ шудам чу Саҳобӣ зи ишқу дар сари ман
Ҳавои тоҷи Кайю афсари Сулаймон нест [34, с. 170].

Албатта, Саҳобии Астарободӣ дар ғазалиёти худ санъати талмеҳро хеле бамаврид истифода кардааст ва дар адабиёти гузашта яке аз шоирони моҳир дар ин замина ба ҳисоб меравад. Ӯ ҳатто дар як ғазал ба чандин қисса ва ин ё он шахсияти динию таърихӣ ишора менамояд. Чунончи:

Гар наӣ воқифи маънӣ, чӣ асар даъвиро,
Ҳеҷ сурат набувад даъвии бемаъниро.
Ёр то аз лаби ҷонбахш даромад ба сухан,
Дод бар бод дами ӯ нафаси Исиро.
Бар дари майкада май бо дафу най чун нахӯрам,
Ман, ки сад чок задам пираҳани тақвиро.
Гарчи Маҷнун накунад ёди худ аз ишқ, вале
Нест мумкин, ки фаромӯш кунад Лайлиро.
Ошиқон бок надоранд зи афсуни рақиб,
Чӣ ғам аз ҷодуи Фиръавн бувад Мӯсиро.
Бас ки кардӣ ба раҳи ишқ, Саҳобӣ, афғон,
Сохтӣ бохабар аз ҳолати худ халқеро [34, с. 40].

Ё ки:

Бияфкан соябони сурату бигзор даъвиро,
Ки афтад бар ту партав офтоби авҷи маъниро.
Ба Тури ишқ рав, оинаи дилро ҷилое деҳ,
Ки дарёбӣ чу Мӯсо партави нури таҷаллиро.
Маро мақсуд аз чашми ҷаҳонбин дидани ёр аст,
Нахоҳад дид Маҷнун, гар набинад рӯйи Лайлиро.
Зи ҳарфи лаъли ӯ ҳар дам тани фарсуда ҷон ёбад,
Бале, бошад асар дар мурдагон анфоси Исиро.

Саҳобӣ, гар ҳадиси ишқ гӯйӣ, дард пайдо кун,

Ки набвад эътиборе бе гувоҳе қавли даъвиро [34, с. 55].

Шоир дар ғазалҳои зикршуда ҳам ба қиссаҳои маъруфи адабиёт ва ҳам ба қиссаҳои динӣ таваҷҷуҳ зоҳир намудааст ва суннати талмеҳгароии адибони орифро густариш бахшидааст. Тавре ки гуфтем, талмеҳоти истифодакардаи Саҳобии Астарободиро метавон чунин тақсимбандӣ намуд:

1. Талмеҳоти динӣ, ки ба қиссаҳои қуръонӣ ва паёмбарон мансуб мебошанд;

2. Ишора ба достонҳо ва қаҳрамонҳои осори адабӣ;

3. Ишора ба маконҳои ҷуғрофӣ, ки воқеаҳои динӣ, асотирӣ ва ё таърихӣ, ки дар он ҷойҳо рӯй додаанд.

Зимнан бояд гуфт, ки дар ғазалҳои шоир талмеҳоти динӣ, ки ба қиссаҳои қуръонӣ ва паёмбарон мансуб мебошанд, нуфуз доранд. Хусусан, талмеҳоти доир ба қиссаи Юсуф, Исои Масеҳ, қиссаи Сулаймон ва ғайра. Дар ин ҷо ҳар як қисса дар алоҳидагӣ мавриди баррасӣ қарор мегиранд:

1.Ишораҳо ба «Қиссаи Юсуф». Дар байти зер шоир маъшуқа ё мамдуҳи худро ба Юсуф ташбеҳ дода, талмеҳан ишора мекунад, ки аз он рӯзе, ки аз рӯйи ту дур шудем, ҳамчун Яъқуб, ки аз фироқи Юсуф дар «Кулбаи аҳзон» ранҷ мекашид ва месӯхт, мо низ дар фироқи ту месӯзем ва кунҷи танҳоию малол ихтиёр кардаем:

Эй Юсуф, аз ҷамоли ту то дур мондаем,

Яъқубвор кунҷи малол аст ҷойи мо [34, с. 36].

Дар ҷойи дигар шоир ба маъшуқаи худ хитобан мегӯяд, ки рухи зебои худро ба ман нишон додӣ ва ҳамчун Юсуф бозори маро гарм намудӣ ва ман боз харидори ту гаштам. Шоир дар ин байт талмеҳан ба қиссаи ҳазрати Юсуф, ба он лаҳзае, ки аз ҷониби Молик ибни Зағр фурӯхта мешавад, ишора кардааст:

Рух намудӣ ҳамчу хуршед аз сипеҳри дилбарӣ,

Юсуфи ман, гарм кардӣ боз бозори маро [34, с. 67].

Дар байти дигар шоир занахдони маҳбубаи худро, ки қисмати зеботарини чеҳраи занон аст, тавсиф намуда, ба маҳбубаи худ хитобан мегӯяд, ки Юсуф зеботарин махлуқи рӯйи замин мебошад ва садҳо кас ҳамчун Юсуф гирифтори ишқи туанд. Яъне, Саҳобӣ барои тақвияти сухани худ ба қиссаи Юсуф ишора намуда, сухани худро пуробуранг баён менамояд:

Эй он ки асири зақанат моҳвашонанд,
Сад Юсуфи мисрист дарафтода ба чоҳат [34, с. 119].

Ба ҳамин монанд Саҳобӣ дар ғазалиёташ маҳбубаи худро тавсиф намуда, талмеҳан ба Юсуф ишора мекунад:

Ҳаст моҳи рӯйи ӯро ҳар тараф сад муштарӣ,
Рафт даври хубии Юсуф, кунун бозори ӯст [34, с. 127].

****

Рафт даври ҳусни Юсуф, моҳи ман акнун туӣ,
Бар сари бозори хубӣ фитнаву ғавғои туст [34, с. 132].

****

То ҳамчу Юсуф аз сари бозор рух намуд,
Бозори гул аз он бути гулпираҳан шикаст [34, с. 129].

Дар «Қиссаи Юсуф» пурсӯзтарин лаҳзаҳо нобино гаштани Яъқуб ва шифо бахшидани пироҳани меросмонда аз Иброҳим (а) -ҷадди Юсуф (а) мебошад, ки чашмони заифгаштаи Яъқубро бино мегардонад. Яъқуб агарчи аз Юсуф фарсаххо дур буд, аммо гоҳ-гоҳ бӯйи хуше аз фарзандаш истишмом мекард. Хусусан, баъди он ҳама ҳиҷрон, ҳангоме ки Юсуф азизи Миср мешавад ва пироҳанашро аз Миср барои бино гардонидани чашмони падараш – Яъқуб сӯйи Канъон мефиристад, дар Канъон бӯйи пироҳан ба машоми Яъқуб мерасад. Шоир ба ҳамин нуктаи қисса ишораҳои зиёде дорад, ки чанде аз онҳоро ин ҷо меоварем:

Яъқубсифат дидаи ҷон равшанӣ андохт,
Дар боди сабо бӯйи гули пираҳани кист? [34, с. 96].

****

Боз шуд чун дидаи Яъқуб чашми ҷони ман,
То аз он Юсуф насиме дар машоми ман вазид [34, с. 357].

****

Ҳар диле, к-аз Юсуфи худ бӯйи пироҳан шунид,
Ғунчасон сар дар гиребон, пой дар доман кашид [34, с. 357].

****

Сабо бӯе зи ҷайби Юсуфи ман сӯйи боғ овард,
Ки чун Яъқуб чоки ҷомаи гул то ба домон шуд [34, с. 280].

Қобили зикр аст, ки қиссаи Юсуф дар адабиёти форсии тоҷикӣ хеле маълуму машҳур аст. Ҳатто шоирони бузург бо номи ӯ асарҳои махсусе иншо кардаанд. Хусусан, маснавии панҷуми «Ҳафт авранг»-и Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ «Юсуфу Зулайхо» унвон гирифтааст.

2. Ишорот ба «Қиссаи Исои Масеҳ». Агарчи талмеҳоти Саҳобӣ ба саргузашти Исои Масеҳ нисбат ба саргузашти Юсуф камтар аст, аммо хеле ҷолибу моҳирона корбаст шудаанд. Чунончи:

Мурдаеро гар Масеҳо зинда мекард аз дуо,
Зинда месозад ба дашноме лабат сад мурдаро [34, с. 30].

****

Чун Саҳобӣ мешавад ҷони наве рӯзӣ маро,
Гар Масеҳои лабаш як дам табиби ман шавад [34, с. 348].

Тибқи маълумоти сарчашмаҳои динӣ Исои Масеҳ ҳамчунон қудрате дошт, ки мурдаро бо дами ҷонбахши худ зинда кунад. Аксари талмеҳоти шоир низ ба ҳамин нукта равона гаштаанд, агарчи бо шаклҳои гуногун гуфта шудаанд. Дар ин байт шоир наргиси маъшуқаашро беморкунанда хонда, аммо лаби ёри худро чун Масеҳ табибу ҷонбахш медонад:

Шукр лиллаҳ, ки табиб аст Масеҳои лабат,
Наргиси масти ту гар сохта бемор маро [34, с. 2].

Дар ин абёт талмеҳан ба ҳазрати Исо ишора шудааст, ки мавзуъҳои гуногунро дар бар мегиранд:

Сар баровардам чу Исо аз гиребони фалак,
Ишқ то аз гарди тан афшонд домони маро [34, с. 26].

****

Ба он исонафас дарди дили худ сар ба сар гуфтам,

Ки бемор аз табиб аҳволи худро кам ниҳон дорад [34, с. 246].

****

Ҳамчун Масеҳ боз тавонад баланд сохт,

Моро касе, ки ҷой дар ин хоки паст дод [34, с. 293].

****

То ба он хуршед дар оинаи ҷон нозирам,

Гар Масеҳо дам занад, бошад ғубори хотирам [34, с. 461].

****

Зи хоки роҳи он исонафас гарде, ки бархезад,

Шавад абреву оби зиндагӣ бар мурдагон резад [34, с. 267].

3. Ишораҳо ба «Қиссаи ҳазрати Сулаймон». Тибқи қиссаву ривоятҳои динӣ, бо ҳазрати Сулаймон тамоми ҳайвоноту парандаҳо, деву парӣ тобеъ буд ва ӯ бо онҳо сухан мегуфт. Ин ҳолатро шоир чунин баён кардааст:

Ғайри он кас, ки ёфт мантиқи тайр,

Воқифи ин забон намедонам [34, с. 425].

Дар байти поин ишора ба суҳбати Сулаймон (а) бо подшоҳи мӯрон аст, ки ӯ худро дар сарварӣ аз Сулаймон кам намедонист:

Овардаем раҳ чу Саҳобӣ ба мулки дӯст,

Монанди мӯр назди Сулаймон расидаем [34, с. 434].

Ҳамин тариқ, пажуҳиш нишон медиҳад, ки аксари талмеҳоти Саҳобӣ ишора ба паёмбарону орифон ва ривояту қиссаҳои динию адабӣ мебошанд. Ин як ҳолати табиист, зеро дар замони Саҳобӣ ва пеш аз ӯ рӯҳи мазҳабӣ ва афкору орои ирфонӣ дар ҷомеа нуфузи зиёд пайдо карда буд ва аксари адибон ба осори динӣ, асотирӣ, образу персонажҳои қиссаҳои мазҳабӣ мурочиат мекарданд ва бад-ин васила фикрашонро тасдиқ ва тазйин мебахшиданд. Воқеан, Саҳобӣ яке аз орифони маъруфи замони худ ба ҳисоб мерафт. Инро мо аз талмеҳоти ӯ низ равшан дида метавонем.

Бояд зикр намуд, ки шоир аз қиссаҳои қуръонӣ бештар ба қиссаҳои Ҳазрати Юсуф, Исои Масеҳ, Ҳазрати Сулаймон, Мӯсои Калимуллоҳ,

Ҳазрати Хизр, Ҳазрати Одам, Ҷабраил, Ҳазрати Алӣ, Ҳазрати Иброҳим, Имом Маҳдӣ, фариштa Ҳорут таваҷҷуҳ доштааст. Масалан, дар «Девони ғазалиёт»-и [34] Саҳобии Астарободӣ 44 бор талмеҳан ба «Қиссаи Ҳазрати Юсуф» ишора шудааст. Аз ин метавон хулоса кард, ки ӯ аз ҳама бештар ба «Қиссаи Ҳазрати Юсуф» таваҷҷуҳ ва дилбастагӣ доштааст.

Албатта, талмеҳоти вобаста ба достонҳо ва қаҳрамонҳои осори адабӣ ва ба маконҳои ҷуғрофӣ, ки воқеаҳои динӣ, асотирӣ ва ё таърихӣ дар он ҷойҳо рӯй додаанд, дар осори Саҳобӣ хеле зиёд ба чашм мехӯранд. Дар ин замина метавон ба ишораҳои ӯ аз қиссаҳои «Лайлию Маҷнун», «Хусраву Ширин», «Маҳмуду Айёз» ва ғайра сухан гуфт, ки ба мақсадҳои гуногун, аз ҷумла ибрози ишқ, офаридани зебоӣ, мазмунофаринӣ ва ғайра, истифода шудаанд. Инчунин, шоир ишораҳои зиёде ба шоирону орифон, хусусан, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Шамси Табрезӣ, Мансури Ҳаллоҷ низ дорад.

Хулоса, яке аз хусусиятҳои хоси ашъори шоир истифодаи зиёди санъати талмеҳ мебошад. Ин санъат дар ғазалиёти Саҳобӣ вазифаҳои гуногун дошта, ба ашъори шоир ҷило ва рангорангии тозае бахшидааст.

## 2.4. Таъсирпазирии Саҳобии Астарободӣ аз пешиниён

Дар таҳқиқи адабиётшиносӣ таъсирпазирӣ ва таъсиргузорӣ яке аз масъалаҳои асосӣ ба шумор меравад. Бидуни муайян кардани таъсирпазирии шоири мавриди таҳқиқ ҷаҳонбинӣ, ҷаҳоншиносӣ, дар кадом сатҳ қарор доштани шоир, ба кадом доираҳои адабӣ таваҷҷуҳ доштани он ва дигар масоили ба ҳамин монандро наметавон дақиқ кард. Мавриди зикр аст, ки дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ангуштшуморанд шоироне, ки аз ин ё он шоири гузашта баҳра набардошта ё бевосита зери таъсири шоирони гузашта қарор нагирифта бошанд. Яъне, таъсирпазирии шоире аз шоирони пешин амри маъмулӣ ва табиӣ буда, аммо таҳқиқи он кушояндаи муаммоҳои рӯзгору эҷодиёти ҳамон шоир мебошад. Аз сарчашмаҳои таърихӣ огоҳ мегардем, ки аксари бузургон маҳз аз мутолиаи осори шахсияти бузурги пешин ба инқилоби фикрӣ дучор гардида, роҳи дурусти амалӣ кардани афкори эҷодии худро пайдо кардаанд. Мавриди зикр аст, ки аксари олимону адибон дар бораи осори якдигар андешаронӣ кардаанд, аммо агар жарфтар назар намоем, шахсиятҳои бузурги илму адаб бо эҷоди ашъор, тадқиқот ё кашфиёти худ дигар шахсиятҳои илму адабро мафтун кардаанд, ки сабаби эҷод ва таҳқиқоти наву тоза гардидааст. Бардошт аз осори оламшумули бузургони гузашта гуногун аст. Масалан, шоир ва нависандаи муосири тоҷик Садриддин Айнӣ бо ин ҳама бузургӣ қоил аст, ки он мушкилотеро, ки бо чашм медид ва ислоҳи онро дарк намекард, пас аз мутолиаи «Наводир-ул-вақоеъ»-и маорифпарвари тоҷик Аҳмади Дониш дарк намуд ва инқилоби фикрие дар ӯ ба вуҷуд омад. Ӯ дар китоби «Ёддоштҳо» мегӯяд: «Ҷойҳои ба ман таъсирбахши «Наводир-ул-вақоеъ» он ҷойҳо буданд, ки ман он ҳодисаҳоро дар зиндагӣ дида будам ва аз он аҳвол дилтанг мешудам, аммо ҳеҷ гоҳ ислоҳ кардан ва ислоҳ шудани он аҳвол дар хотирам намегузашт ва гумон мекардам, ки «дунё ҳамин тарз омадааст, ҳамин тарз ҳаст ва ҳамин тарз ҳам меравад, чӣ бояд кард?»... Аммо, вақте ки ман он аҳволро дар

мундариҷоти «Наводир-ул-вақоеъ» бо тасвири реалӣ бо тасвире, ки худ дар зиндагӣ дида будам, хондам, ба ман ҳолати дигар рӯй дод. Ман дар дили худ гуфтам: «Ин аҳволро ислоҳ кардан лозим аст, модом ки ман ислоҳ карда наметавонам, аз вай нафрат кардан зарур аст...» [61, с. 216]. Ҳамзамон, дар сарчашмаҳои таърихию фалсафӣ гуфта мешавад, ки агарчи дар қиёс бо фалсафаи гуногунпаҳлӯ ва аз лиҳози ҳаҷм басо бузурги Ибни Сино мероси фалсафии Хайём хеле ночиз ва аз ҷиҳати мазмун маҳдуд намояд ҳам, Умари Хайём ба мероси илмию адабии Ибни Сино мароқи беандоза доштааст. Мавлоно Убайди Зоконӣ аз Хайём таъсир ва илҳоми зиёд пазируфтааст. Дар таҳқиқот роҷеъ ба фалсафаи Хайём нахустин шореҳи фалсафа ва илҳомгирандагон аз ӯ мавлоно Убайди Зоконӣ (в. 772 ҳ.) ишорат карда мешавад. Ӯ дар рисолаи «Ахлоқ-ул-ашроф», ки соли 740 ҳиҷрӣ навишта шудааст, хулосаи андешаҳои худро аз рубоиёт аз роҳи эътироз ва киноя ба номи «мазҳаби мухтор» унвон кардааст. Нахустин бахши рисола, ки дар бораи ҳикмат баҳс мекунад, ишора ба ин ҳақиқат аст, ки дар қарни VIII ҳ. рубоиёти Хайём ва фалсафааш бисёр мавриди таваҷҷуҳ ва инояти хосаи Убайди Зоконӣ будааст. Аз тарафи дигар рубоиёт, мутоибот ва ҳазлиёти Убайд, ки саросар перомуни нақди иҷтимоъ мебошанд, мояе аз фалсафаи Хайём доранд [40, с. 26]. Аз ин ҷо метавон чунин натиҷагирӣ кард, ки Убайди Зоконӣ шоир ва дабири асрҳои XIII–XIV аз муътақидони фалсафаи Хайём будааст. Гузашта аз ин, дар сарчашмаҳо аз донишманд ва нависандаи сурияги Адиб ат-Тақӣ ёд карда мешавад, ки ба фалсафаи Хайём таваҷҷуҳ намудааст. Ӯ дар китобаш «Рубоиёти Аҳмад ас-Софӣ ан-Наҷафӣ» доир ба фалсафаи Хайём изҳори андеша кардааст. Аз мутолиаи рубоиёти Мирзо Абдулқодири Бедил низ зоҳир мегардад, ки рубоиёти Умари Хайём ба ӯ ҳам таъсир гузоштаанд.

Шахсиятҳои илму адабӣ Ғарб низ аз якдигар баҳрабардориҳои зиёде кардаанд. Масалан, Исаак Нютон (1642-1726) офарандаи физикаи классикӣ қоил шудааст, ки ӯ ба шарофати мутолиаи осори илмии Галилео Галилей олими италявӣ ба кашфиётҳои тозаи илмӣ соҳиб гаштааст. Таъсири осори

лирикии шоираи юнони қадим Сафо (612-572-и то мелод) ба фаъолияти шоирони римӣ Горасио ва Катулла бузургу бесобиқа аст. Страбон пас аз мутолиаи ашъори Сафо иброз доштааст, ки адиберо аз саҳифаҳои таърих ёфтан ва бо ӯ муқоиса кардан амри маҳол аст. Суқрот бошад пас аз шиносои бо ашъори Сафо ӯро «мураббии муҳаббатварзӣ»-ҳояш номидааст. Солон пас аз шиносой бо лирикаи Сафо дарк кард, ки вай дунёро тарк кардан намехоҳад, то замоне, ки шеърҳои ӯро пурра аз ёд надонад.

Осори олимон ва адибони форсу тоҷик, ки дар шакли китоб мунташир шудаанду дар китобхонаҳо маҳфузанд, дар бедории ҷомеаи ҷаҳонӣ бузург аст. Адиби бузурги рус Чернишевский аз ҷавонӣ ба роҳи мубориза камар баст. Аммо ӯ шарбати заҳри дарди ватан, ишқ ба озодиву истиқлоли ватанро аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ нӯши ҷон кард.

Маврид ба ёдоварист, ки соли 2013 дар Теҳрон китоби яке аз адибони шинохтаи тоҷик Валӣ Самад бо номи «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ва Чернишевский», бознашр шуд. Китоби мазкур аз 11 боб иборат буда, дар он лаҳзаҳои хотирмон аз ҳаёти донишманди рус Чернишевский дарҷ гардидааст, ки чигуна ӯ ба адабиёти форс рӯ овардааст ва Фирдавсӣ аз нигоҳи Чернишевский хеле хуб нақл карда шудааст.

Метавон гуфт, ки «Шоҳномаи»-и безаволи Фирдавсӣ яке аз асарҳое дар ҷаҳон мебошад, ки ба садҳо нафар илҳом ва садҳо андешаро ба таҳрик овардааст. Дар маҷмуъ осори олимону адибони форсу тоҷик ганчинаи бебаҳои рӯйи олам мебошанд. Маҳз бузургии абармардони шарқ ва осори гаронбаҳои онҳо буд, ки адиби олмонӣ Гёте (1749-1832) пас аз мутолиаи осори адибони машриқзамин асари оламшумулаш «Девони ғарбию шарқӣ»-ро таълиф намуд. Ҳамин тариқ, Лев Толстой нависандаи бузурги рус бошад, иброз медорад, ки ӯ дар қироат намудани осори Ҳомер сарчашмаи ҳақиқии ҳавасмандиро ба эҷод кардан дарёфта буд.

Ин ҳама далели нақши бузург доштани осори адибони гузашта дар рушди адабиёту фалсафа ва илму маърифати пасояндагон мебошад. Саҳобии Астарободӣ низ чун дигар шоирон аз пешиниён баҳра бардоштааст. Аммо қабл аз рӯ овардан ба матлаби асосӣ бояд гуфт, ки вай дар баробари ғарқ буданаш дар баҳри улуми динию дунявӣ, инчунин ба адабиёти бадеӣ низ мароқи зиёд дошта, аз осори Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Умари Хайём, Шамси Табрезӣ, Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, Камоли Хуҷандӣ, Бадриддини Ҳилолӣ баҳра бурдааст. Масалан, дар як ғазалаш аз Мавлонои Балхӣ ва Шамси Табрезӣ чунин ёдоварӣ намудааст:

Шуд чун дили Мавлоно офоқ зи ман равшан,

Набвад аҷаб, ар гӯйӣ, Шамсулҳақи Табрезам [34, с. 446].

Байти мазкур агарчи ҳамчун фахрия аст, ки дар ашъори аксари шоирон мушоҳида мегардад, вале зикри номи Мавлоно ва Шамси Табрезӣ далели муҳаббат, самимият ва пайравӣ ба онҳо ва огоҳӣ аз осору зиндагияшон мебошад. Дигар ин ки дар маснавии ба шоҳ Аббос бахшидааш як байт аз маснавии Мавлоно Ҷалолуддини Балхиро тазмин низ кардааст, ки далели гуфтаҳои болост:

Ғайри ин маънӣ надорад, гар шавӣ

Воқифи мазмуни байти Мавлавӣ:

«Бишнав аз най, чун ҳикоят мекунад

В-аз ҷудоиҳо шикоят мекунад» [38, с. 14 а].

Акбари Беҳдорванд дар муқаддимаи девони Саҳобӣ зери сарлавҳаҳои «Саҳобӣ ва хайёмгунаҳо», «Саҳобӣ ва Саъдӣ» ва «Саҳобӣ ва Ҳофиз» доир ба таъсирпазирии Саҳобӣ аз шоирони мазкур ишораҳо кардааст. Масалан, доир ба баҳрабардории Саҳобӣ аз Хайём бо як ҷумла ишора карда мегӯяд: «Гоҳ-гоҳе тафаккуроти хайёмӣ дар шеъри Саҳобӣ дида мешавад...» [34, с. 50]. Ӯ аз Саҳобии Астарободӣ ин байтҳоро, ки воқеан хайёмгуна ҳастанд, мисол меоварад:

З-ин сон, ки масту бехуд аз ин дайр меравем,

Даврон ба ҷуз пиёла насозад зи хоки мо.

****

То бад нашавад ҳоли ту аз давр, замоне
Аз даст мадеҳ ҷоми майю рӯйи накуро.

****

Ҳарчанд дилу ҳастии мо ҳодиса фарсуд,
Ё Раб, ки шикасте нарасад ҷому сабуро.

****

Рехт аз ҳам қолаби фарсуда баҳри май, хушам,
Давр агар хоки маро хишти сари хум мекунад [34, с. 50].

Дар робита ба шоироне, ки пас аз Хайём рубоӣ сурудаанд, бояд гуфт, ки қариб ҳамагӣ аз Хайём суд ҷустаанд. Дар мавриди Хайём ва Саҳобӣ метавон гуфт, ки Саҳобӣ дар рубоисароӣ аз Хайём баҳра бурда, ҳатто таъсири рубоиёти Хайём дар ғазалиёташ низ мушоҳида мегардад:

Ба махмурӣ, Саҳобӣ, лаззате аз зиндагӣ набвад,
Магар соқии даврон пур кунад паймонаи моро [34, с. 47].

Инчунин, таъсирпазирии Саҳобӣ аз Хайёмро ин ду рубоӣ низ метавонад бозгӯ намояд:

Хайём:

Ҳаргиз дили ман зи илм маҳрум нашуд,
Кам монд зи асрор, ки маълум нашуд.
Ҳафтоду ду сол фикр кардам шабу рӯз,
Маълумам шуд, ки ҳеҷ маълум нашуд [41, с. 29].

Саҳобӣ:

Тақдири азалро Ҳабашу Рум шуданд,
Мавҷуд шуданду боз маъдум шуданд,
Халқи олам дар ин назар, ки чизе
Маълум накарданд, ки маълум шуданд [38, с. 205 б].

****

Бас чаҳд намудем, Ҳабаш Рум нашуд,
Яъне, фалаки саркаш маҳкум нашуд.
Фарёд, ки ҳарчанд бар ин раҳ рафтем,

Фаръ абтар монду асл маълум нашуд [38, с. 264 б].

Муҳаққиқ А. Ҳабибов бар он назар аст, ки аз шоироне, ки баъд аз Саъдӣ пой ба арсаи суханварӣ ниҳодаанд, касеро натавон ёфт, ки ашъори нағзу суханҳои дилпазири ӯро нахонда ва ё ба онҳо таваҷҷуҳ надоштаву ашъораш аз намаки гуфтаҳои Саъдӣ холӣ бошад [155, с. 39]. Ашъори Саҳобии Астарободӣ низ аз мазмун ва намаки гуфтаҳои Саъдии бузургвор орӣ нест. Беҳдорванд дар мавриди таъсирпазирии Саҳобӣ аз Саъдӣ низ бо як ҷумла: «Саҳобӣ чун аз пешгомони тарзи тоза аст, дар мафоҳим ва ҳатто радифу қавофии шеърӣ сахт зери таъсири шоирони мутақаддими хеш мебошад» [34, с. 51] иктифо карда, чанд байт аз Саъдӣ ва Саҳобӣ мисол меоварад:

Саъдӣ:

Дар он замон, ки бимирам, дар орзуи ту бошам,
Бад-ин умед диҳам ҷон, ки хоки кӯи ту бошам.

Саҳобӣ:

Агар ба бод равам, рӯи дил ба сӯи ту бошам
В-агар ғубор шавам, дар ҳавои кӯи ту бошам.

Саъдӣ:

Дарахт ғунча бар оварду булбулон мастанд,
Ҷаҳон ҷавон шуду ёрон ба айш биншастанд.

Саҳобӣ:

Ту қад кашидию хубон зи пой биншастанд,
Чу офтоб баланд аст, сояҳо пастанд [34, с. 51].

Акбари Беҳдорванд ба он назар аст, ки ғазали «Агар ба бод равам, рӯи дил ба сӯи ту бошам»-и Саҳобӣ дар зери таъсири ғазали «Дар он замон, ки бимирам, дар орзуи ту бошам»-и Саъдӣ иншо гардидааст. Аммо ба назари ин ҷониб, дар ғазали мазкур таъсири ғазали Ҳилолӣ низ ҳаст, зеро монандиҳои он ба ғазали Ҳилолӣ низ ба мушоҳида мерасад:

То умр бувад, дар ҳаваси рӯйи ту бошам
В-ар хок шавам, хоки сари кӯйи ту бошам [49, с. 113].

Дар мавриди таъсирпазирии Саҳобӣ аз Ҳофиз, Беҳдорванд бидуни шарҳу тавзеҳи илмӣ зери сарлавҳаи «Саҳобӣ ва Ҳофиз» ин абётро мисол овардааст:

Ҳофиз:

Камоли сирри муҳаббат бибин, на нақси гуноҳ,
Ки ҳар кӣ беҳунар афтад, назар ба айб кунад.

Саҳобӣ:

Мабин ба айб, Саҳобӣ, агар ҳунар дорӣ,
Ки ҳар кӣ кард назар сӯи айб, беҳунар аст.

Ҳофиз:

Тарсам, ки ашк дар ғами мо пардадар шавад
В-ин рози сарбамуҳр ба олам самар шавад.

Саҳобӣ:

Зи мардум сӯзи дил ҳамчун Саҳобӣ менуҳуфтам, лек
Ба охир боиси расвоиям ин чашми гирён шуд [34, с. 52].

Бо ҳамин чанд мисоле, ки ин ҷо зикр шуд, Акбари Беҳдорванд доир ба таъсирпазирии Саҳобии Астарободӣ суханро ба итмом мерасонад. Бояд гуфт, ки ғолибан Беҳдорванд ҳангоми таҳия ва таҳрири ғазалиёти Саҳобӣ мисраъҳои ҳаммонанд ба мисраъҳои дигар шоиронро, ки ба онҳо рӯ ба рӯ шуда, зикр кардааст, зеро, чунонки дар боло қайд кардем, зери сарлавҳаи «Саҳобӣ ва хайёмгунаҳо» танҳо аз Саҳобӣ мисолҳо оварда, аммо ба сабаби камии вақт ё дигар иллат мисраъҳои монандро аз рубоиёти Хайём ҷустуҷӯ ва иқтибос накардааст. Яъне, метавон хулоса кард, ки Акбари Беҳдорванд танҳо доир ба таъсирпазирии Саҳобии Астарободӣ дар муқаддимаи «Девони ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ» ишораҳо кардааст. Аммо аз пажуҳиш дар ғазалиёти Саҳобӣ бармеояд, ки дар воқеъ ӯ аз Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз ва Бадриддини Ҳилолӣ баҳрабардориҳои зиёде намудааст. Ҳамон тавре ки Ҳофиз аз Хоҷуву Носири Бухорой ва Ҳилолӣ аз Амир Хусрави Деҳлавию Ҳасани Деҳлавӣ баҳраҳо бардоштаанд.

Мавриди зикр аст, ки суд гирифтанҳои Саҳобӣ аз Ҳофизу Ҳилолӣ ва Саъдӣ дар ҷойи аввал аст. Дар мавриди таъсирпазирии Ҷомӣ аз Рӯдакӣ ҳаминро бояд гуфт, ки Ҷомӣ ба осори бозмондаи устод Рӯдакӣ хуб ошно будааст ва аз он дар мавридҳои зарурӣ суд ҷустааст ва бад-ин тартиб меросбари бузурги гузаштагон, аз ҷумла, Рӯдакӣ, будани худро исбот намудааст. Дар ин маврид ҳақ бар ҷониби адабиётшинос А. Сатторов аст, ки гуфтааст: «Инкишоф ва равнақи минбаъдаи адабиёту санъат бошад, бе омӯхтани таҷрибаи эҷодии гузаштагон амри маҳол буд. Аз тарафи дигар, дар таърихи адабиёте, ки мисли Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, Низомӣ, Саъдӣ ва Ҳофиз барин шоирони гений дорад ва онҳо дар назму наср асарҳои бағоят зебо ва нодире офаридаанд, дар ҳар як давру замон, хусусан, дар асри XV ривоҷ гирифтани назирагӯйиву тазминнависӣ як амри қонунист. Аз ин рӯ, ба эҷодиёти гузаштагони худ рӯ овардани гӯяндагони асри XV, аз ҷумла, Ҷомӣ низ табиист» [136, с. 80].

Баҳрабардориҳои Саҳобӣ дар радифу қофия, мазомин ва истифодаи таркибҳо аз Ҳофизу Ҳилолӣ ва Саъдӣ бамаврид буда, меросбари ниёгони хеш будани шоирро мефаҳмонад. Масалан, Саҳобӣ ғазали зерро дар татаббуи Ҳофиз навиштааст:

Аз Саҳобӣ:

Дар раҳи ишқ мурданам ҳавас аст,
Ҷон ба ҷонон супурданам ҳавас аст.
Гаштам аз шайху ҳарфи зуҳд малул,
Соқиё, бода хӯрданам ҳавас аст.
Баҳри ганҷу висоли симбаре
Муттасил ранҷ бурданам ҳавас аст.
Бе маҳи рӯйи ӯ зи қатраи ашк
Ҳар шаб ахтар шумурданам ҳавас аст.
Дар шаби ҳаҷр бас, ки бадҳолам,
Чун Саҳобӣ ба мурданам ҳавас аст [34, с. 156].

Аз Ҳофиз:

Ҳоли дил бо ту гуфтанам ҳавас аст,
Хабари дил шунуфтанам ҳавас аст.
Тамаъи хом бин, ки қиссаи фош
Аз рақибон нуҳуфтанам ҳавас аст.
Шаби қадре чунин азизу шариф
Бо ту то рӯз хуфтанам ҳавас аст.
Ваҳ, ки дурдонае чунин нозук
Дар шаби тор суфтанам ҳавас аст.

Эй сабо, имшабам мадад фармой,
Ки саҳаргаҳ шукуфтанам ҳавас аст.
Аз барои шараф ба нӯги мижа
Хоки роҳи ту руфтанам ҳавас аст.
Ҳамчу Ҳофиз ба рағми муддаиён
Шеъри риндона гуфтанам ҳавас аст [51, с. 57].

Дар ғазалиёти дигари Саҳобӣ низ таъсири Ҳофизро метавон дучор шуд. Наметавон гуфт, ки абёти ҳаммонанди Саҳобӣ ба Ҳофиз дар мазмуну муҳтаво аз ғазалиёти Ҳофиз бартарӣ доранд, аммо бо тобишҳои маъноӣ ва тасвирҳои бадеӣ аз Ҳофиз ба куллӣ фарқ мекунанд. Чунончи:

Аз Саҳобӣ:

Он ки ӯ асрорро махфӣ надорад, оқибат
Бар сари дори бало мансурваш расво шавад [34, с. 344].

Аз Ҳофиз:

Гуфт он ёр, к-аз ӯ гашт сари дор баланд,
Ҷурмаш он буд, ки асрор ҳувайдо мекард [52, с. 84].

Байти зерини Саҳобӣ, бидуни шак, зери таъсири Ҳофиз эҷод шудааст, аммо мавзуъ ва муҳтавои ин ду байт аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ мекунанд:

Аз Саҳобӣ:

Шеъри ту, эй Саҳобӣ, муҳтоҷи хатти хуш нест,
Рӯйи наку чӣ ҳоҷат бо хатту хол дорад?! [34, с. 342].

Аз Ҳофиз:

Зи ишқи нотамоми мо ҷамоли ёр мустағнист,
Ба обу рангу холу хат чӣ ҳоҷат рӯи зеборо?! [51, с. 43].

Гарчанде дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ Бадриддини Ҳилолӣ ҳамчун шоири мутасаввиф ном бурда намешавад, аммо Саҳобӣ бо вуҷуди сӯфимашраб буданаш ӯро пайравӣ намудааст. Ин аз он далолат мекунад, ки шоир новобаста ба ҷойгоҳи шоирони пешин ба эҷоди онҳо мароқи зиёд доштааст.

Саҳобӣ дар ғазалиёташ аз санъати тазмин низ истифода кардааст. Тазмин як навъ санъати бадеист, ки дар он шоир фикрашро бевосита баён накарда, балки барои тасдиқи он аз дигарон мисол меорад, шеъри худро ба вазну қофияи он мувофиқ месозад [70, с. 342]. Дар ғазали поин Саҳобӣ мисраи «В-ар мекунӣ, барои Худо, пеши ман макун»-ро аз ғазали машҳури «Аз рашк сӯхтам, ба рақибон сухан макун»-и Ҳилолӣ тазмин кардааст. Мавриди зикр аст, ки худи Ҳилолӣ низ ғазалҳои Ҷомиро татаббуъ кардаву мавриди тазмин қарор додааст. Чунонки Саҳобӣ дар пайравии ғазали Ҳилолӣ:

Аз рашк сӯхтам, ба рақибон сухан макун,
Гар мекунӣ, барои Худо, пеши ман макун.
Дар орзуи як суханам ҷон ба лаб расид,
Ҷоно, туро кӣ гуфт, ки бо ман сухан макун?
Ҳар ҷо, ки шамъи ҷамъ шудӣ, сӯхтам зи рашк,
Баҳри Худо, ки рӯй ба ҳар анҷуман макун.
Ошиқ манам, ҳикояти Фарҳод то ба кай?
Ҷон канданам бибин, сухани Кӯҳкан макун.
То чанд баҳри қатли ман озурда мешавӣ?
Сулҳ аст бар ман ин ҳама, бар хештан макун.
Эй, к-аз диёри ақл фитодӣ ба мулки ишқ,
Ҳоли ғарибии мо нигар, ин ҷо ватан макун.
Гуфт, аз лабат Ҳилолию қадри шакар шикаст,
Номаш ба ғайри тӯтии шаккаршикан макун [49, с. 138].

Саҳобӣ ин ғазалро суруда ва ҳамзамон як мисраи онро тазмин низ кардааст:

Паҳлуи ғайр ҷо, бути бадкеши ман, макун
«В-ар мекунӣ, барои Худо, пеши ман макун».
Теғи ту марҳам асту бар осудадил ҳаром,
Онро ҳавола ҷуз ба дили реши ман макун.
Магшо ба ғайр он лаби ширин, маро макуш,
Чизе, ки ҷумла нӯш бувад, неши ман макун.
Эй гул, агар ба рағми ман андеша мекунӣ,
Гӯши ризо ба қавли бадандеши ман макун.
Султони ман, гарат ба Саҳобӣ тараҳҳум аст,
З-ин гуна ҷавр бар дили дарвеши ман макун [34, с. 501].

Монандии мазмуну муҳтаво дар эҷоди ҳар ду шоир низ аҳёнан мушоҳида мегардад:

Саҳобӣ:

Ҳарчанд зи ёр ноз бошад,
Аз ҷониби мо ниёз бошад [34, с. 332].

Ҳилолӣ:

То аз тарафи ту ноз хоҳад будан,
Аз ҷониби мо ниёз хоҳад будан [49, с. 196].

Саҳобӣ:

Мурдам аз орзуи як суханат, баҳри Худо,
Бикушо як нафас он лаъли масеҳосоро [34, с. 10].

Ҳилолӣ:

Дар орзуи як суханам ҷон ба лаб расид,
Ҷоно, туро кӣ гуфт, ки бо ман сухан макун? [49, с. 138].

Монандӣ дар дигар паҳлуҳои эҷодиёти Ҳифиз, Саъдӣ, Хайём, Ҳилолӣ ва Саҳобӣ дида мешавад, минҷумла дар корбурдӣ талмеҳот, ибораҳо ва ташбеҳҳо низ ба назар мерасад.

Таъсири оятҳои қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ низ дар ашъори Саҳобӣ бисёр ба мушоҳида мерасад. Ғуломризо Мустаълии Порсо ва Ҳиво Ҳасанпур дар мақолаи худ «Таҷаллии оёту аҳодис дар рубоиёти Саҳобии Астарободӣ» муайян кардаанд, ки ӯ аз 43 сура дар рубоиёти худ баҳрабардорӣ кардааст. Аз ин 43 сура дар 128 рубоии худ ба 78 оят ишора кардааст [123, с. 166 -194]. Нуктаи шоёни зикр ин аст, ки Саҳобӣ ба сурати ошкоро аз Қуръон таъсирпазирӣ карда, вале ба аҳодиси набавӣ ба таври пӯшида ишораҳо намудааст.

Масъалаи таъсирпазирӣ ва ё таъсиргузорӣ дар адабиёт яке аз масъалаҳои доманадор ва камтаҳқиқшуда аст. Дар воқеъ, ҳанӯз муайян нагардидааст, ки баъзе шоирони бузург аз кӣ баҳрабардорӣ кардаанд ва дар навбати дигар ба кадом шоирон таъсири худро гузоштаанд. Алалхусус, лозим аст, ки дар оянда шеваҳои таъсирпазирӣ таҳқиқ карда шаванд. Зеро таъсирпазирӣ танҳо ба маънӣ нест, балки тарзҳои гуногун дорад.

Аз таҳлилу таҳқиқи ашъори Саҳобии Астарободӣ бармеояд, ки ӯ аз шоирони мазкур баҳраҳои зиёде гирифтааст, аммо тақлид накардааст, балки бо тобишу маонии дигаргуна ва ҳатто гоҳе содатару хубтару нозуктаре мафҳуму маъниҳоро ба риштаи назм кашидааст. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки Саҳобии Астарободӣ шоири огоҳу пурмутолиа будааст ва ба осори пешиниёну ҳамзамонони худ ба қадри кофӣ ошноӣ доштааст. Албатта, дар мавриди таъсири шеъри Саҳобӣ ба шоирони пасин низ метавон изҳори назар намуд, аммо ин кори оянда мебошад.

# БОБИ III.
# РУБОИЁТИ САҲОБӢ ВА МАВЗУВУ МУҲТАВОИ ОНҲО

## 3.1. Мавзуъ ва муҳтавои рубоиёти Саҳобӣ

Тавре ки дар боло зикр карда шуд, Саҳобӣ дар таърихи адабиёти тоҷикӣ шоире шинохта шудааст, ки нисбат ба дигар шоирон рубоиёти бештар сурудааст. Дар рубоиёти шоир, ки ба ҷиҳатҳои гуногуни зиндагӣ бахшида шудаанд, кас зуҳуроти рангини воқеаҳои рӯзгорро равшан мебинад ва ҳис мекунад. Аслан дар ҳар як рубоӣ гардиши амиқи тахайюлот ё муҳимтарин лаҳзаи ҳаёти шоир, аз қабили ишқ, муҳаббат, дарду ранҷ, беадолатӣ, ҳасби ҳоли шоир ва ғайра, инъикос меёбад. Аз ин рӯ, рубоиёти Саҳобӣ паҳлуҳои гуногуни ҳаёти одамонро дар бар мегиранд. Алалхусус, онҳо мавзуъҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ, ишқӣ ва пандуахлоқиро фаро гирифта, қаҳрамони лирикии шоир ҳамеша дар ҳаракату ҷустуҷӯ буда, мардумро ба некию накукорӣ, дӯстию рафоқат, ростиву сидқ, қаноату фурӯтанӣ, покиву иффат ва дигар хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ҳидоят мекунанд. Бояд махсус қайд кард, ки аксари рубоиёти шоир мазмуну муҳтавои ирфонию фалсафӣ ва ахлоқӣ доранд. Ҳ. Ҳасанпур доир ба мавзу ва муҳтавои рубоиёти шоир менависад: «Онҷи ба унвони асл дар рубоиёти Саҳобӣ матраҳ аст, ҷанбаи муҳтаво ва андешаи ҳоким бар он аст, ки бахши умдаи онро тафаккуроти ирфонӣ дар бар мегирад ва матолибу мазомини ахлоқӣ, фалсафӣ ва динӣ аз дигар андешаҳое ҳастанд, ки бар рубоиёти ӯ партав афкандаанд» [159, с. 55].

Дар осори дигар муҳаққиқон низ Саҳобии Астарободӣ ҳамчун шоир, ориф ва файласуф зикр гардида, бешак шоири машҳури рубоисаро мавриди эътирофи ҳамзамонон ва шоирони баъдӣ будааст. Аллома Шиблии Нуъмонӣ ва Сируси Шамисо дар таҳқиқоти илмии худ дар радифи дигар шуаро ба Саҳобӣ низ баҳои баланд медиҳанд. Муҳаққиқони мазбур, хусусан, Шиблии Нуъмонӣ дар «Шеър-ул-Аҷам», ки аз ҷониби

олимони Ғарбу Шарқ таҳқиқоти пурарзиш эътироф гардидааст, Саҳобиро дар радифи Мавлавӣ, Ироқӣ, Аттор, Саноӣ, Авҳадӣ, Урфӣ, Назирӣ, Носири Хусрав ва дигар бузургон зикр карда, баҳои баланд медиҳад. Ҳамчунин, Шиблӣ дар «Шеър-ул-Аҷам» масъалаҳои гуногуни фалсафиро мавриди баҳсу баррасӣ қарор дода, дар чанд маврид аз рубоиёти Саҳобӣ барои исботи фикраш оид ба ин ё он масъала далелҳо низ пеш меоварад, ки баёнгари таваҷҷуҳ доштани ин олим ва адабиётшиноси машҳур ба ашъори вай мебошад. Масалан, ӯ масъалаи ҷабру қадарро мавриди баҳс қарор дода, онро бо як байти фалсафии Саҳобӣ ҷамъбаст намудааст. Чунончи: «Дар масъалаи ҷабру қадар арбоби ихтиёр баъд аз ғавру фикри зиёд чунин истидлол кардаанд, ки ирода чун феълест ихтиёрӣ, лизо наметавон инсонро маҷбур донист, вале Саҳобӣ пардаи ғалат будани ин истидлолро чунин фош кардааст:

Бе ҳукмаш нест ҳарчи сар зад аз мо,
Маъмураи ӯст нафси аммора» [26, 211].

Ҳамин тариқ Шиблии Нуъмонӣ дигар масъалаҳои фалсафиро ба баҳс кашидаву ба ашъори шоир муроҷиат кардааст. Дар боби «Шоирии файласуфона» ва бахши «Аз миён рафтани ҷангу низоъ бар асари тарки худӣ» андешаҳояшро баён намуда, байте аз Саҳобӣ истинод мекунад: «Дар миёни афроди инсон ё милалу ақвом ҷанг ва низоъе, ки дида мешавад, иллати аслии он дар аксари мардум худхоҳӣ ва худпарастист. Як нафар бад-ин чиҳат бо душман меҷангад, ки барои ӯ сар фуруд намеоварад, аз нуктачинӣ барои ин норозӣ ва ранҷидахотир мешавад, ки дар камолаш хадша меояд. Дигаронро барои ин таҳқир мекунад, ки то азаматаш собит бишавад. Бинобар ин, агар инсон аз худӣ ва шахсият бозбиёяд, тафриқаи байни дӯсту душман, ягонаву бегона ё неку бад бакуллӣ аз миён меравад, Саҳобӣ ин нуктаро чунин адо кардааст:

Рафтам зи миён ману яке шуд ду ҷаҳон,
Девор фитод, он сӯю ин сӯй намонд» [26, 570].

Тавре ки Шиблӣ дар ин бобат аз Саҳобӣ мисол овардааст, шоир дар дигар рубоиҳояш низ такаббурӣ, худхоҳӣ ва ҷоҳталабиро сахт мазаммат кардааст. Ҳатто дар ғазалиёташ низ ин аъмоли нописандида сахт накӯҳиш мегардад.

Шиблии Нуъмонӣ дар бахши «Таҳқири фуқаро ва мазаммат аз давлатмандӣ» низ пас аз таҳлилу баррасиҳо як байт аз Саҳобӣ мисол оварда, чунин хулоса кардааст: «Ин ки умаро бенавоёнро таҳқир мекунанд, шакке нест, ки ба воситаи нахват ва ғурури онҳост, лекин фуқаро, ки сарват ва давлатро ҳақир мешуморанд ва ин корро ҳамчу тасаввур мекунанд, ки бар асари назари баланд ва улувви ҳиммати онҳост, ин ҳам саҳеҳ нест ва ҳақиқат ин аст, ки инсон ҳар чиро, ки фоқид аст, бар он ҳасад мебарад ва ин зоҳир аст, ки неъмату иззат, айшу ишрат ё ҷоҳу ҳашмате, ки барои умаро ҳосил аст, фуқаро аз он маҳрум ва бебаҳраанд ва лизо табиати инсонӣ худ ба худ омода мешавад, ки ин чизҳоро ҳақир собит кунад, то аз садама ва ранҷи фуқдони он худро халосӣ бахшад. Саҳобӣ ин нуктаро дар як рубоӣ адо карда, ки шеъри дувумаш ин аст:

Алқисса, ки ағроз агар бишносӣ,
Бар фақр зи кибру бар ғано аз ҳасад аст» [26, 562].

Масъалаи «Таҳқири фуқаро ва мазаммат аз давлатмандӣ» масъалаи ҳаётӣ аст. Аз ин ҷиҳат дар адабиёт мавзуи муҳимму меҳварӣ ба шумор меравад. Саҳобӣ дар рубоиёташ мавзуҳоеро ба миён гузоштааст, ки аз нигоҳи аввал одӣ менамоянд, вале жарфтар андеша намоем, дар воқеъ яке аз масъалаҳои рӯзмарра ба шумор мераванд. Аз ҷмула, мавзуҳои баҳснок ба монанди «ғараз», «кибр» ва «ҳасад», ки дар байти фавқ матраҳ гардидаанд.

Ҳамчунин, Шиблӣ дар бахши «Дар баёни умури олами ғайб» дар баробари истифода аз ашъори Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, инчунин аз Саҳобӣ низ истифода кардааст: «Аммо ҳазароти сӯфия он чӣ аз умур ва вақоеъ марбут ба олами ғайб аст, мегӯянд фаҳму идроки мо дар он роҳ

надорад ва аз фаҳми ҳақиқати он оҷизем. Зеро ки ақли инсонӣ сивои маҳсусот чизеро наметавонад тасаввур кунад ва ҳарф ин ҷост, ки олами ғайб ва бад-ин ҷиҳат вақоеъ ва умур он ҷо дар перояи маҳсусот адо шудааст. Румӣ онро чунин ташбеҳ мекунад:

Чунки бо кӯдак сару корат фитод,
Ҳам забони кӯдакӣ бояд кушод.
Кам нагардад фазли устод аз улӯ,
Гар «алиф чизе надорад», гӯяд ӯ.

Яъне, агар як нафар устоди олимақом ба бачча ҳангоми омӯхтан бигӯяд, «алиф холӣ», ба фазлу камолаш садама намерасад. Саҳобӣ чунин мегӯяд:

Гар з-он ки падар забони кӯдак гӯяд,
Оқил донад, ки он падар кӯдак нест» [26, 540].

Аз иқтибосоти боло маълум мегардад, ки Шиблӣ бо ашъори Саҳобӣ ошноии амиқ дошта, барояш писандида будааст, ки ҷиҳати исботи афкори фалсафиаш аз онҳо ба маврид истифода кардааст. Таърифу тавсифаш низ нисбат ба ӯ бардошт аз навиштаи дигарон набуда, балки шоирро аз мутолиаи худ ва қазоваташ баҳо додааст. Ҳамзамон, Шиблӣ дар масъалаҳои хеле печида ва баҳснок ба монанди «Дар баёни умури олами ғайб», «Аз миён рафтани ҷангу низоъ бар асари тарки худӣ» ва дигар масоили баҳснок дар баробари дигар орифону файласуфон аз Саҳобӣ мисраҳоро интихоб намудаву далел овардааст, ки аз маънии баланди ашъори Саҳобӣ ва эътирофаш аз ҷониби Шиблӣ хабар медиҳад. Ҳамзамон, мароқ зоҳир намудани Шиблӣ ба рубоиёти шоир баёногари он аст, ки дар шеъри Саҳобӣ ҷаззобияти махсусе нуҳуфтааст. Дар воқеъ пас аз мутолиа ва таҳлилу баррасии амиқи шеъри ӯ таҳаввулоти фикрие дар хонанда ба вуҷуд меояд. Хусусан рубоиёташ хонандаро ба дунёи хаёлот мебарад, ӯро ба тафаккур кардан водор менамояд. Аз ҷиҳати дигар, рубоиёти ӯ тавлидгари

андешаи наванд. Ба назари мо маҳз ҳамин хусусияти рубоиёти адиб диққати Шиблиро ба худ ҷазб кардааст.

Асоси адабиёти классикӣ ва муосири тоҷикиро мавзуи ишқ ташкил мекунад. Аз ин рӯ, дар рубоиёти шоир мавзуи ишқ бештар ба мушоҳида мерасад. Шоир нисбат ба дигар мавзуъҳо ба мавзуи ишқ бештар таваҷҷуҳ зоҳир кардааст, ки албатта, чунонки дар бобҳои гузашта ишора рафт, аз шоири ошиқу ориф будани Саҳобӣ сарчашма мегирад ва хабар медиҳад. Тавре ки дар бобҳои гузашта зикр шуд, гарчанде Саҳобӣ ғазал низ гуфтааст, аммо бо рубоиёти ҷаззобу шӯрангез ва орифонаву ошиқонааш шуҳратёр гардидааст. Ин нуктаро гуфтори шоири бузург Соиби Табрезӣ, ки дар мақтаъи як ғазалаш омадааст, тасдиқ ва таъйид менамояд:

Ғазалгӯӣ ба Соиб хатм шуд аз нуктапардозон,
Рубоӣ гар мусаллам шуд зи мавзунон Саҳобиро [39, с. 164].

Тавре ки мебинем, ин бузургвори олами шеър барҳақ, бидуни шакку шубҳа, маҳорати баланди худро дар ғазал таъкид мекунад, аммо чирадастии Саҳобиро дар рубоӣ медонад, ки ин нукта далели шуҳрат ва маъруфияти Саҳобӣ ва рубоиёташ дар олами шеъру шоирист. Худи шоир низ дар мавриди рубоисароияш ишораҳо дорад. Чунончи:

Ҳақ дод ҷавоби ҳар суоле бекост,
З-он пеш, ки буд расми ҳар доде хост.
З-ин ёд диҳад рубоии ман, ки дар ӯ
Байти охир зи байти аввал пайдост [38, с. 111 б].

Саҳобӣ дар рубоиёташ ба ҳама мавзуъҳо аз даричаи ишқ назар мекунад. Дар рубоии дигар масъалаи ишқ матраҳ шудааст. Шоир ишқро таъриф мекунад, ки инсонро аз қаламрави хирад то ба қаламрави ҷунун мебарад, зеро ба қавли ӯ:

Ишқ аз ками хеш дар фузун омадан аст,
Аз кӯйи хирад сӯйи ҷунун омадан аст.
Пироҳани тан дар бари ҷон чок задан,
Аз ҷомаи тақлид бурун омадан аст [34, с. 549].

Ва ё:

Ишқ омаду роҳу расми ӯ вайронист,
Хайлу ҳашамаш зи олами рӯҳонист.
Мулки дили мо ба зарби шамшер гирифт,
Ин таблу алам аломати султонист [34, с. 548].

Рубоиёти Саҳобӣ на фақат мутааллиқ ба ишқи ирфониянд, балки дар онҳо ишқи заминӣ низ матраҳ шудааст. Масалан, рубоии зер аз ҷиҳати маъно ва сохту таркибҳо бештар мутааллиқ ба ишқи заминист:

Шӯхе, ки назар ба рӯйи ҳамчун маҳи ӯст,
Ӯ дафтари ҳусну ҷони ман огаҳи ӯст.
Ҳар ҷо, ки равад, дилам аз ӯ нест ҷудо,
Монанди гуле, ки ғунчае ҳамраҳи ӯст [34, с. 554].

Шоир аз ишқу ошиқии худ қаноатманд аст. Ба андешаи ӯ ишқ ҳамдаму ҳамроз ва аз ғаму андӯҳ раҳонандаи ӯст:

Гар ёд на з-он узор мекардам ман,
Чун сабр аз он нигор мекардам ман?
Гар фикру хаёли ӯ намешуд ёрам,
Дар гӯшаи ғам чӣ кор мекардам ман? [34, с. 590].

Масъалаи некию накукорӣ низ дар ашъори шоир бисёр ба мушоҳида мерасад. Шоир ба хонанда таъкид менамояд, ки ҳамеша пайи некию накукорӣ бояд буд ва барои манфиати ҷомеа ва мардум талош бояд кард:

Ҳар ҷо, ки фитодаест, рофеъ мебош,
Ҳар сӯ, ки фитандаест, дофеъ мебош.
Гар умри дароз хоҳию аҷри азим,
Дар халқ музир мабошу нофеъ мебош [34, с. 580].

Шоир дар тамоми навиштаҳояш, аз ҷумла, дар рубоиёти пуршӯри худ ростиву росткорӣ, аз кина дур буданро тарғиб намуда, дар зиндагӣ ва ҳатто дар ишқу ошиқӣ низ онро шарти асосӣ мешуморад:

Эй ишқи ту дар синаи бекинаи мо
В-эй дарду ғами ту бори деринаи мо.

Ҷуз доғи ту, ки тамоми оламро сӯхт,

Чизи дигаре намонд дар синаи мо [180, с. 101].

Саҳобӣ дар мавриди суханчинию айбҷӯйӣ бо Саъдии Шерозӣ ҳамфикр аст. Дар рубоии зер андешаи Саъдӣ «Ҳар кӣ айби дигарон пеши ту оварду шумурд, Бегумон айби ту пеши дигарон хоҳад бурд»-ро бо шаклу услуби дигар баён гардида, шоир суханчиниро мазаммат карда, таъкид менамояд, ки одамоне, ки аз айбу ҳунари каси дигар ҳарф мезананд, онҳоро бояд шинохт, зеро эшон аҳволи худро мегӯянд ва сирату сурати худро менамоёнанд:

Чун мард аз ину он хабар мегӯяд,

Ҳар чиз, ки аз айбу ҳунар, мегӯяд.

Дарёб, ки он сурати аҳволи вай аст,

Ҳарчанд, ки аз ҷойи дигар мегӯяд [34, с. 571].

Дар рубоиёти шоир ба масоили худшиносӣ, худошиносӣ ва сулҳу ваҳдат бисёр дучор меоем:

Аз Ҳақ эҳсон бар аҳли ҳақ меояд,

Ҳар лутф ба ҷамъи муттафақ меояд.

З-ин гуна, ки раҳм мустаҳиқ мехоҳад,

Раҳмам бари ғайри мустаҳақ меояд [180, с. 98].

Зимнан бояд гуфт, ки рубоиёти Саҳобӣ асрҳо қабл суруда шуда бошанд ҳам, имрӯз низ аҳаммияти маънавӣ-эстетикии худро гум накардаанд, зеро инсонҳоро пайи некию накукорӣ, ваҳдату худшиносӣ ва дурӣ ҷустан аз ҳама гуна ихтилофоту таассуботи динию мазҳабӣ ҳидоят мекунанд. Беҳуда нест, ки Мир Тақиюддин Муҳаммадҳусайни Кошӣ, соҳиби тазкираи «Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор» рубоии зерини Саҳобиро ба девоне баробар кардааст:

Марди мухтор агарчи номуъмин нест,

Модом, ки музтар нашавад, муқин нест.

Тарки ҳама кардем дар ин дори ғурур,

Илло он кас, ки тарки ӯ мумкин нест [34, с. 19].

Аввалин таҳқиқоти илмӣ доир ба рубоӣ ба қалами олим ва шарқшиноси рус В.А. Жуковский «Омар Хайям и странствующие четверостишия» тааллуқ дорад. Ин таҳқиқоти ҷиддӣ бевосита ба таҳқиқи рубоӣ чун жанри мустақил бахшида шуда, соли 1897 дар Санкт-Петербург дар маҷмуаи «Ал-Музаффария» ба табъ расидааст [94, с. 327 ]. Муҳаққиқ бори нахуст дар ин асар табиати сайёрӣ ва аз девон ба девони дигар интиқол ёфтани рубоиро чун яке аз хусусиятҳои асосии жанрии рубоӣ муайян кардааст. Ҳамзамон, вай нахустин бор истилоҳи «рубоиёти сайёр»-ро ба адабиётшиносӣ ворид кардааст. Баъдан доир ба рубоӣ ва «рубоиёти сайёр» муҳаққиқон А. Кристенсен, В. Розен, Г. Ремпис, Муҳаммадалии Фурӯғӣ, Сируси Шамисо ва дигарон таҳқиқот анҷом додаанд. Муҳаққиқи тоҷик Б. Мақсудов доир ба «рубоиёти сайёр» андешаронӣ карда, ташхис кардани онҳоро амри муҳол медонад. Аслан дар таърихи шеъри форсии тоҷикӣ навъи рубоиро ба иллати кӯчакиву хотирмонӣ ва аксаран бидуни зикри тахаллус омаданаш, котибону нусхабардорон ба сайр андохтаанд. Рубоиёти бисёреро метавон дарёфт, ки дар шумули рубоиҳои Абусаиди Абулхайр, Бобо Афзалуддини Кошонӣ, Умари Хайём, шайх Аттор ва дигарон муштараканд ва ҳоло гӯяндаи аслии онҳоро ташхис додан амри муҳол аст [104, с. 265]. Албатта мо ба андешаи адабиётшинос Б. Мақсудов мувофиқ ҳастем ва танҳо дар натиҷаи муқоисаи дастхатҳо ва соли китобати онҳо то андозае метавон ба кӣ тааллуқ доштани ин ё он рубоиро мушаххас кард, аммо ин заҳмати ниҳоят сангинро талаб менамояд.

Дар мавриди он ки оё рубоиёти Саҳобиро ба Умари Хайём нисбат додаанд ё баръакс, бояд дар асоси дастхатҳо ва соли китобати онҳо пажуҳиш намуд, вале ба назари мо, дар рубоиёти ин ду шоири бузурги классик омезиш вуҷуд дорад, зеро дар баъзе мавридҳо андешаронӣ ва тарзи баёни онҳо хеле ба ҳам монанд аст. Дар ин хусус Сируси Шамисо бо такя ба «Тарабхона»-и Ҳумоӣ ишораи ҷолибе дорад: «Рубоиёти Саҳобӣ ба тарзу услуби рубоиёти Ҳаким Умари Хайём мебошанд. Ба ин ҷиҳат ҷамъе аз маҷмуанависони мутааххир ба иштибоҳ афтода ва қисме аз гуфтаҳои

ӯро ба Хайём нисбат додаанд» [169, с. 108]. Тибқи таҳқиқоти Сируси Шамисо чанд рубоии Аҳлии Шерозӣ ва Саҳобии Астарободӣ ба номи Хайём шухрат ёфтаанд [169, с. 194]. Баъзе рубоиёти Саҳобиро ҳатто дар миёни рубоиёти Абусаиди Абулхайр ва Бобо Афзалуддини Кошонӣ низ дучор шудан мумкин аст. Масалан, рубоии зер ҳам дар «Девони ғазалиёт»-и Саҳобӣ ва ҳам дар «Девони ашъор»-и Ибни Ямин бо каме тағйирот дар мисраи якум, сеюм ва чорум сабт гаштааст.

Аз девони Саҳобӣ:

Як лаҳза чароғи орзуҳо пуф кун,
Қатъи назар аз ҷамоли ҳар Юсуф кун.
З-ин шаҳд як ангушт ба коми ту кашам,
Дар лаззат агар маҳв нагардӣ, туф кун [34, с. 592].

Аз девони Ибни Ямин:

*Якчанд* чароғи орзуҳо пуф кун,
Қатъи назар аз ҷамоли ҳар Юсуф кун.
З-ин шаҳд як ангушт ба *комат даркаш*,
*Аз* лаззат агар маҳв нагардӣ, туф кун [17 , с. 697].

Саид Нафисӣ рубоии зайлро, ки дар китоби «Рубоиёти Бобо Афзали Кошонӣ» мавҷуд аст, мансуб ба Умари Хайём, Шоҳ Санҷони Хофӣ ва Саҳобии Астарободӣ медонад:

Хоҳӣ, ки туро рутбаи аброр расад,
Мапсанд, ки касро зи ту озор расад.
Аз марг маяндешу ғами ризқ махӯр,
К-ин ҳар ду ба вақти хеш ночор расад [22, с. 130].

Бояд тазаккур дод, ки мансуб донистани баъзе «рубоиёти сайёр» ба Саҳобӣ аз ҷониби муҳаққиқон, аз рубоисарои машҳур будани ӯ шаҳодат медиҳад.

Акбари Беҳдорванд, ки ба кӯшиши ӯ девони шоир аз чоп баромадааст, баҳои тазкиранависонро нисбат ба Саҳобӣ ситоишӣ медонад, вале ба ҳар

ҳол, шоироне мисли Соиби Табрезӣ, Муҳаммад Иқбол ва тазкиранигорон ҳунари баланди рубоисароии ӯро таъкид кардаанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Саҳобӣ дар замони худ, яъне, охирҳои асри XVI ва аввалҳои қарни XVII ҳамчун рубоисаро машҳур будааст. Аммо ба назари мо то ба имрӯз шоиреро наметавон ном бурд, ки рубоиёташ монанди рубоиёти Хайём шуҳратёр гардида бошанд. Зеро дар ҷомеаи имрӯзаи мо на фақат дар миёни аҳли адабу равшанфикрон, балки миёни мардуми омма низ рубоиёти ӯ шуҳрати беандоза доранд ва қарнҳо инҷониб барои баланд бардоштани маънавиёти башар хизмат менамоянд. Дигар ин ки, фасоҳату балоғати шеър аслан аз он равшан мегардад, ки дар баробари равшанфикрон мардуми одӣ низ онро истиқбол намоянд ва дар ҳаёти худ аз он баҳра бардоранд. Ҳамзамон, пазируфта шудани рубоиёти Хайём аз ҷониби омма аз он гувоҳӣ медиҳад, ки мардум на шеъри омиёна, балки хайёмонаро меписанданд, онро аз бар менамоянд, дар рӯзгори худ аз он истифода мебаранд.

Аз мутолиаи рубоиёти Саҳобӣ маълум мешавад, ки аз ҷиҳати нигориш ва ҳунари шоирӣ рубоиёти ӯ аз Хайём бартарӣ надошта бошанд ҳам, дар зоти худ аз онҳо кам нестанд:

Аз Саҳобӣ:

Май нӯш, ки маслиҳат дар ин аст туро,
Май васвасашӯи куфру дин аст туро.
Аз ҳушёрӣ ҳама гумон мехезад,
Мастист, ки сар ба сар яқин аст туро [34, с. 541].

Аз Хайём:

Моему майю мутрибу ин кунҷи хароб,
Ҷону дилу ҷому ҷома пур дурди шароб.
Фориғ зи умеди раҳмату бими азоб,
Озод зи хоку боду аз оташу об [42, с. 31].

Ба далели наздикии сабки ӯ бо Хайём аксари рубоиёти ӯро метавон аз ҷиҳати муҳтаво фалсафӣ маҳсуб намуд.

Нусхаҳои зиёди рубоиёти Саҳобӣ дар китобхонаҳои муътабари дунё маҳфузанд. Аз ҷумла, дар китобхонаҳои Покистон, Ҳиндустон, Эрон ва осорхонаҳои Британия шумораи зиёди онҳо нигаҳдорӣ мешаванд. Ҷустуҷӯҳо нишон дод, ки мутаассифона, дар Тоҷикистон нусхаҳои ашъори Саҳобӣ мавҷуд нестанд. Аз ин хотир, ҷустуҷӯи мо барои дарёфти ашъори ин шоир ва орифи ҳанӯз барои шеърдӯстони тоҷик ноошно идома дорад. Албатта, мо кӯшиш менамоем, то паҳлуҳои норавшани ҳаёт ва эҷодиёти ин шоири гумномро ҳароина равшан бикунем ва ҷойгоҳу мақоми ӯ ва шеърашро дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ муайяну мушаххас намоем.

### 3.1.1. Андешаҳои иҷтимоӣ дар рубоиёти шоир

Дар рубоиёти Саҳобӣ мо афкору ақидаҳои иҷтимоӣ, вазъи сиёсии замонеро, ки шоир зистааст, яъне, асри XVI ва аввали асри XVII, бармало мебинем. Агарчи 95 дарсади рубоиёти Саҳобии Астарободиро мавзуи ишқу ирфон ва панду ахлоқ дар бар мегирад, аммо ба ҳар ҳол, дар рубоиҳои ӯ мо бо мавзуъҳои иҷтимоӣ, шикоят аз рӯзгори тираву тор ва танқиди замон низ рӯ ба рӯ мешавем. Сабаби дар эҷодиёти шоир бештар матраҳ шудани мавзуъҳои ишқию ирфониро мо дар боби гузашта баррасӣ намудем ва ба натиҷае расидем, ки он марбут ба сиёсати мазҳабии аҳди Сафавиён буд. Дигар ин ки асрҳои XVI ва XVII бо хусусиятҳои иқтисодию сиёсӣ, илмию адабӣ, фарҳангию иҷтимоияш дар сафҳаҳои таърих нисбат ба давраҳои пешин ва баъдии инкишофу такомули ҳаёти иҷтимоӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Бояд тазаккур дод, ки дар адабиёти он замон рӯ овардани шоирон ба мавзуъҳои ишқӣ-ирфонӣ амри маъмулӣ гардида ва ҳамзамон адабиёт то андозае аз ҳаёти иҷтимоӣ ба масоили динию тасаввуфӣ майл карда буд. Ба ҳарфи дигар, дар ин давра асосан ҷаҳони маънавиётро фалсафаи дин ташкил дода, ашъори марбут ба дину оин сурудан як навъ ифтихор ва донишмандӣ дар миёни шоирон шумурда мешуд. Таъсири чунин вазъияти замона буд, ки дар афкору ақидаи шоирон нисбат ба

тамоми соҳаҳои ҳаёт, аз ҷумла, ҳаёти иҷтимоии мардум, гоҳ-гоҳ ғалатфаҳмиҳо низ ба чашм мерасад. Ҳамин аст, ки дар эҷодиёти шоирони қаламрави Сафавия масоили иҷтимоӣ нисбат ба дигар давраҳо кам матраҳ гардидаанд. Аммо раванди мазҳабӣ шудани эҷодиёти шоирони қаламрави Шайбониён нисбат ба Сафавиён, ки ҳукуматашон ба як давра рост меояд, кам ба мушоҳида мерасад ва адабиёти ин қаламрав то андозае бозгӯкунандаи ҳаёти ин марҳалаи таърихист. Дар ин замина афкору ақидаҳои шоирони қаламрави Шайбониён оид ба ҳаёти иҷтимоӣ, ки ба назар мерасанд, ҷолиби диққатанд.

Албатта, имрӯз бо нав гаштани муносибатҳои ҳаёти иҷтимоӣ мазмуну мундариҷаи рубоиҳои адибон аз рубоиҳои шоирони гузашта фарқ мекунанд. Вале рубоиҳои марбут ба масоили иҷтимоии Саҳобии Астарободӣ ҳанӯз ҳам арзиши худро аз даст надодаанд ва муаррифи масоили ҳаёти иҷтимоии имрӯз мебошанд ва ба дарди мардум мехӯранд ва аз сӯи дигар, моро бо масоили иҷтимоӣ ва ҳаводиси он рӯзгор ошно менамоянд. Ҳ. Ҳасанпур дар хусуси ашъори иҷтимоии шоир мегӯяд: «Ончи ба унвони асл ва асосӣ аз миёни рубоиёти Саҳобӣ қад алам мекунад, андешаҳои гуногуну зебоест, ки сар то сари рубоиёти ӯро фаро гирифтаанд. Ба дигар сухан, Саҳобӣ аз он даста шоиронест, ки ҳунарро дар хидмати иҷтимоъ гирифтааст» [159, с. 51].

Тавре ки аз ашъори худи Саҳобӣ пайдост, ӯ як зиндагии фақирона ва орӣ аз лаззатҳои дунё доштааст. Аммо бо ин ҳама шоир гоҳ-гоҳ аз бесарусомонии халқ ва он рӯзгори печида дар рубоиҳояш қисса мекунад, аммо он ҳама шӯру шар ва ҷӯшу хурӯши халқро дар назди шӯру оташи худ шарорае беш намедонад:

Офоқравон ситорае беш наянд,
Авсофи маро шуморае беш наянд.
В-ин халқ, ки дар ҷӯшу хурӯш омадаанд,
Аз оташи ман шарорае беш наянд [34, с. 556].

Дар рубоии дигар ҳасби ҳоли худи шоир баён мешавад. Воқеан, шоир сайру саёҳатҳои зиёде анҷом додааст. Таҷриба андӯхтаву омӯхтааст,

мушаххас намудааст ва андак-андак ба шуҳрат расидааст. Акнун ӯ дигар гирди олам намегардад, балки одамон гирди ӯ мегарданд, ба зиёрату дидани ӯ меоянд. Ба қавли шоир:

Ҳар кас, ки гадову беватан мегардад,
Шак нест, ки шамъи анҷуман мегардад.
Гар ман умре ба гирди олам гаштам,
Акнун олам ба гирди ман мегардад [34, с. 557].

Шоир ҳаргиз нисбат ба ҳаёти мардум бетараф набудааст. Бино бар ин, ӯ золимону хунхорони даврро мавриди маломат қарор дода, теғи онҳоро резандаи хуни ду дунё дониста, неши хунхори онҳоро ба раги дили ҳалқи заҳматкаш медонад:

Қавме, ки раҳи қавофили мо задаанд,
Як дам ҷарасе зи маҳмили мо задаанд.
Теғе, ки аз ӯ ду кавн ғарқ аст ба хун,
Нешест, ки бар раги дили мо задаанд [34, с. 570].

Дар воқеъ, дар ҳар давру замон кам нестанд шахсоне, ки зери пардаи инсофу адолат, ҳақиқату ҳақпарастӣ аъмоли хилофи гуфтаи худро анҷом медиҳанд. Саҳобӣ айнан аъмоли ин шахсонро ба риштаи назм кашидааст:

Қавме зи майи хаёл мастӣ карданд,
Номаш ҳасаноту ҳақпарастӣ карданд.
Он расму раҳе, ки нестӣ мехонанд,
Ороиши рӯзгори ҳастӣ карданд [34, с. 575].

Шоир аз зуҳури тазкира ва девони шоирони маддоҳу ҳарзагӯ ва нолоиқ, ки ба шеъру шоирӣ иснод оварда, даъвои шоирӣ мекунанд, вале дар асл беҳунаранду наметавон онҳоро шоир хонд, изҳори таассуф ва дард карда, мегӯяд:

Омад ба зуҳур беадад тазкирае,
Омехт ба ҳам бесараву носарае.
Ҳар як бишитофт то фанояш, гӯё
Шамъе бигузашт аз паси panҷарае [34, с. 598].

Маълум аст, ки намояндагони барҷастаи адабиёти форсии тоҷикӣ ҳар кадоме мувофиқ ба ҷаҳонбинию ҷаҳоншиносии худ оид ба ин ё он мушкилоти ҳаёти мардум: маишат, оила, кор, касбу ҳунаромӯзӣ ва зисту зиндагӣ фикру ақидаҳои хешро дар ашъорашон баён кардаанд. Аммо Саҳобӣ тафовути зисту зиндагонии гурӯҳи одамонро бо оҳанги таассуфу дард ба қалам медиҳад, зеро ба қавли ӯ зиндагӣ барои гурӯҳе ҳамвор ва барои иддаи дигар ноҳамвор аст:

Сокин дигар асту рахшронанда дигар,
Бандӣ дигар асту ҷонраҳонанда дигар.
Қавме гӯёву қавми дигар хомӯш,
Хонанда дигар бошаду донанда дигар [34, с. 577].

Қисмате аз рубоиёти Саҳобии Астарободиро мазаммати таассуботи динӣ ва рафтори номатлуби мазҳабиёни замонаш ташкил медиҳад. Ба ақидаи мо, маҳкум намудани ихтилофоти мазҳабӣ аз ҷониби шоир ду сабаб дорад. Сабаби аввал ин аст, ки ӯ яке аз орифони замони худ ба шумор меравад ва орифону сӯфиён ҳамаи мазҳабҳоро барҳақ медонанд. Сабаби дуюм дар он аст, ки дар давраи зиндагонии Саҳобӣ ихтилофоти мазҳабӣ байни сулолаҳои Сафавиёни шиамазҳаб ва Шайбониёни суннимазҳаб хеле вусъат ёфта буд, ки адибон ва олимони зиёде дар ин фитна кушта гардиданд. Алалхусус, шоири тоҷик Камолуддин Биноӣ соли 1495 аз Ҳирот ба Самарқанд омада, бо намояндаи темуриёни Осиёи Марказӣ-Бобур шинос шудааст. Обрӯ ва нуфузи ин шоир дар дарбори Шайбонихон ба дараҷае буд, ки Шайбонихон нигориши воқеаҳои лашкаркашии худро ба ӯ супурда буд. Аммо бар асари яке аз муноқишаҳо Биноӣ ба қатл расид. Ба қавли А. Мирзоев: шоири ширинсухан Бадриддини Ҳилолӣ аз дасти Шайбониён бо «гуноҳ»-и шиа буданаш ва Камолиддини Биноӣ аз дасти Сафавиён ба қатл расиданд [106, с. 55]. Дар қатори Биноӣ садҳо ҳазор мардуми бегуноҳ кушта шуданд. Дар ин миён таассуб ва низоъҳо ба дараҷае расида буд, ки ҳатто оромгоҳи шоири бузург Абдурраҳмони Ҷомӣ аз ҷониби Сафавиён оташ зада шуд. Ин раванд боис шуд, ки аксари

шуарои Мовароуннаҳр ба Хуросону Эрон ва баръакс, аз қаламрави Сафавиён ба Мовароуннаҳр ҳиҷрат мекарданд. Ҳамин аст, ки Саҳобӣ борҳо дар рубоиёташ ба ин нукта, ки тамоми мазҳабҳо аз як нуқтаи воҳид сарчашма гирифтаанд, ишора кардааст. Шоирро ихтилофоти динию мазҳабии замонаш ноумед карда буд. Хусусан, хотири ӯро ихтилофоти мазҳабии байни Сафавиён ва Шайбониён мушавваш мекард, зеро дар давраи мавриди назари мо дину мазҳабро асосан бо мақсадҳои ғаразнок ва сиёсӣ истифода бурда, бардурӯғ лофи диндорию мазҳабдорӣ мезаданд. Шоирро ин ҷараён ба танг оварда буд. Ӯ аъмоли ин тоифа мардумро маҳкум намуда, оҳу дард аз синаи пурдард кашида ва мехурӯшад:

Халқанд ба ҳам бар сари кибру кинҳо,
Лофи динҳову даъвии ойинҳо.
Ҳақ мегӯяд ба гӯши холисдинон:
Мақсад чу манам, чӣ ихтилоф аст инҳо? [38, с. 69 а].

Ё ин ки:

Дар оинаи ҷаҳон, ки бас оин аст,
Афтода нигоҳ, ар ҳақиқатбин аст.
Ин халқ зи ихтилофи ҳам бехабаранд,
Он ҷост хабар, ки як касу як дин аст [38, с. 135 б].

Чунин ба назар мерасад, ки рубоиёти мазкур айнан барои ҷомеаи имрӯза гуфта шуда бошад, зеро дар ҷомеаи имрӯза рӯз то рӯз ихтилофоти мазҳабӣ шиддат мегиранд, то андозае, ки ин ихтилофот боиси ҳалокат ва беватан гардидани ҳазорон инсон мегарданд.

Аз назари Саҳобӣ далели фирқагароӣ ва ҷангу низое, ки дар ин дунё вуҷуд дорад, бетаваҷҷуҳӣ ба манбаи лоязолӣ ва дур будан аз қонуни ҳақ ва ҳақиқат аст. Ин аст, ки инсонҳо ба фирқаҳо ҷудо шуда, дину оинро сабаби ихтилофот медонанд, дар ҳоле, ки ҳамаи инҳо аз як манбаанд. Воқеан, Саҳобӣ айнан амалҳои даҳшатнокеро, ки имрӯз аз дасти гурӯҳҳои ифротгаро содир мегарданд, ба таври мухталиф дар рубоиёташ маҳкум

менамояд. Рубоиёти Саҳобӣ дар замони ҷаҳонишавӣ, бархӯрди тамаддунҳо ва ихтилофоти мазҳабию динӣ мақоми хос пайдо карда, мардумро ба ҳамгароӣ, ваҳдату якдилӣ фаро мехонанд. Хусусан, даъво ва рафтори гурӯҳҳои тундравро, ки зери шиори дину мазҳаб даст ба қатлу куштор мезананд, аммо дар асл каззоб ва душмани дину мардуми мусулмонанд, ифшо менамояд. Аз ҷумла:

Дар меҳри аҳад сӯхт ҳама кинҳоро,
Он к-ӯ донист муддао динҳоро.
Ҳар фирқа ба ҳам бар сари дунё дар ҷанг,
Оварда баҳона дину оинҳоро [159, с. 47].

Шоир аз адами марҳамату иноят, саховату ҳиммат, кушодадастӣ, ҷавонмардӣ, лутфу карам, меҳрубонӣ ва мурувват дар ҷомеа дар рубоиёташ сухан мегӯяд. Хусусан, аз набудани мардуми босаховат, ҷавонмард ва соҳибэҳсон гиламанд аст. Ӯ бо таассуф зикр мекунад, ки дар замонаш ин сифатҳои неки инсонӣ танҳо дар сафҳаи орзуи мардуми қашшоқу нодор буду бас:

Олам тиҳӣ аз карам, ки ҳақро шон аст,
Ҳамчун Кошону мардуми Кошон аст.
Ҳарфи караму карим акнун гар нест,
Бар сафҳаи орзуи қаллошон аст [38, с. 147 б].

Шоирон дар ҳар давру замон насиҳатгар, ифшокунандаи аъмоли ғайриинсонӣ, фошкунандаи кирдори бади ҳокимону ҳаннотони судхӯр ва дар маҷмуъ муборизони роҳи адолату ҳақиқат маҳсуб мешаванд. Вале дар таърих давраҳое низ зикр мешавад, ки нобаробариҳои иҷтимоӣ ба авҷи аъло расида, ҳатто суханони аҳли адаб ба гӯши касе коргар намешавад. Саҳобӣ низ айнан ба ҳамин ҳол гирифтор шуда, аз он ки дар ҷомеа гӯши насиҳатшунав нест ва ҳама пайи аъмоли худ мераванд ва касе парвои касе надорад, изҳори надомат намуда, худ ба худ мегӯяд:

Макшой забони нуктасозӣ худро,
Манмой ба ин халқи маҷозӣ худро.

Худ мебинӣ, ки аҳли маҷлис кӯранд,
Эй шамъ, чӣ ҳарза мегудозӣ худро? [38, с. 69 а].

Маълум мегардад, ки агарчи Саҳобии Астарободӣ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ҳамчун шоири ориф ва мутасаввиф шинохта мешавад, вале дар эҷодиёташ ба масоили иҷтимоӣ низ зиёд дахл кардааст. Аммо ончи аз андешаҳои иҷтимоии шоир дар ин фасл гуфта шуд, бозгӯкунандаи мазмуну муҳтавои рубоиёти ӯ буда наметавонад, зеро Саҳобӣ аслан шоири ориф ва сӯфимашраб буда, рубоиёти ӯ масоили фалсафиро дар бар гирифта, орифонаву ошиқона ва пандуахлоқӣ мебошанд. Аз ин ҷиҳат мазмуну муҳтавои рубоиёти шоир ва ҳунари рубоисароии ӯро дар фаслҳои дигар ба риштаи таҳлил кашида, ба онҳо ба қадри тавон баҳо хоҳем дод.

### 3.1.2. Андешаҳои ирфонӣ дар рубоиҳои Саҳобӣ

Агар ба таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ назар афканем, дармеёбем, ки шоирони рубоисарои ориф ва файласуф бисёранд. Ин ҷо метавон номи Абусаиди Абулхайр, Хайёми Нишопурӣ, Саноии Ғазнавӣ, Авҳадуддини Кирмонӣ, Бобо Афзали Кошонӣ, Мавлавӣ, Аттори Нишопурӣ, Саҳобии Астарободӣ ва ғайраро зикр намуд. Ҳар яке аз ин шоирони рубоисаро дар замони худ мавриди эҳтироми хоса қарор гирифта буданд. Дар ин маврид Шиблии Нуъмонӣ менависад: «Баъд аз Низомӣ афкор ва хаёлоти фалсафӣ умумият пайдо намуд, лекин ба воситаи ҳамалоти тотору муғул то сесад сол иғтишош ва ноамнӣ дар Эрон ҳукмфармо буда ва лизо ҷараёни шоирии фалсафӣ мутаваққиф гардид. Вақте ки хонадони Сафавия ба рӯи кор омаданд, он вақт фалсафа дар ҳама ҷо бинои ишоат ва интишорро гузашт. Ҳарчанд дар ин вақт касе аз ҳайси фалсафа ба шоирӣ намепардохта, лекин агар шуаро он чӣ мегуфтанд, дар сибғаи фалсафа будааст. Хусусан, дар каломи Саҳобӣ, Урфӣ, Назирӣ ва Ҷалоли Асир дар ҳар маврид ранги фалсафа намоён аст. Алфози фалсафӣ ба касрат дар забонҳо дохил гардид,

ки агар онҳоро ҷамъ кунанд, фарҳанги мухтасаре дар фалсафа хоҳад буд» [23, с. 180]. Имрӯз низ ашъори онҳо мавриди таваҷҷуҳ қарор дошта, аҳли илму адаб ба осори эшон эҳтироми хосае доранд.

Аслан орифон ва файласуфон андешаҳои фалсафию ирфонии худро дар қолаби рубоӣ баён кардаанд. Масалан, Абуалӣ ибни Сино аксари андешаҳои фалсафии худро ба воситаи рубоӣ баён кардааст. Ё ин ки Умари Хайём, ки яке аз симоҳои барҷастаи илм ва адабиёти форсии тоҷикӣ ва аз машҳуртарин намояндагони фарҳангу адаби ҷаҳонист. Ӯ дар баробари риёзидон, файласуф ва ситорашинос будан, инчунин шоири бузург мебошад. Рубоиёти ҷовидонаи вайро аҳли олам чи аз рӯйи матни асл ва чи аз рӯйи тарҷумаҳои сершумор бо шавқу завқ мехонанд. Ӯ дар рубоиёташ ҳамчун як шоири мутафаккир ва пешқадами замони худ ба майдон мебарояд, ки бисёр аҳком ва хурофоти диниро рад карда, одамро дар маркази диққат мегузорад. Хайём нисбат ба ҳар чизе, ки ба бахту саодати одам халал мерасонад, нафрат дорад, вай мехоҳад, ки ҷаҳон аз ғаму алам озод ва одамон хушбахту хуррам бошанд. Шоир ғояҳои асосии худро дар беҳтарин рубоиёташ изҳор кардааст. Дар ин маврид ҳақ бар ҷониби Сируси Шамисо аст, ки навиштааст: «Рубоии сӯфиёна ҳама рамзу ишора аст. Ва дар он гӯйӣ вожаҳо, ки нишонаҳо ҳастанд, фақат ба унвони калидҳое аз барои сандуқҳои маънӣ дар канори ҳам радиф шудаанд. Ба ҳар ҳол бояд таваҷҷуҳ дошт, ки мазомини сӯфиёна нахуст дар рубоиёт рӯй намуд ва он гоҳ ба соири қаволиб роҳ ёфт. Рубоӣ беҳтарин қолаб барои баёни маъонии фалсафӣ будааст. Ва метавон гуфт, ки рубоӣ дар адабиёти форсӣ барои ду навъи мазмун ташхис ёфтааст, нахуст мазомини ирфонӣ ва мазомини фалсафӣ» [169, с. 50].

Саҳобии Астарободӣ низ яке аз он орифонест, ки андешаҳои ахлоқӣ ва ирфонию фалсафии худро ба воситаи рубоӣ пешкаши мардум карда, дар замони худ машҳур будааст. Шиблии Нуъмонӣ ин нуктаро дар китоби «Шеър-ул-Аҷам» тасдиқ мекунад: «Рубоӣ дар асри мазбур тараққиёти басазо намуд, ки ҳатто метавонад он аз ин имтиёз бар худ биболад. Тамоми

масоили фалсафа дар рубоӣ баён шуд. Саҳобии Астарободӣ, муосири Акбаршоҳ ва дар Наҷаф муътакиф буд, дасткам ҳафтод ҳазор рубоӣ навишт, ки саросар мамлу аз фалсафа аст» [24, с. 18].

Агар Саҳобии Астарободӣ бештар андешаҳои ирфониву фалсафӣ дар рубоиёташ баён карда бошад, дар ғазалиёти Урфии Шерозӣ андешаҳои фалсафиро метавон мушоҳида намуд. Шиблии Нуъмонӣ дар мавриди баёни афкори фалсафӣ ба тарзи шоирона андешаи ҷолибе ироа кардааст. Ӯ менависад, ки «Урфӣ дар ғазал он қадар, ки афкору хаёлоти файласуфона баён карда, ҳеҷ шоире накардааст. Бо ин хусусият, ки тарзи адои шоиронаро аз даст надода ва он чӣ гуфта, бар равиши шеъру шоирӣ гуфтааст. Саҳобӣ, Носири Хусрав ва дигарон ҳам масоили дақиқи фалсафиро баён кардаанд, аммо он сирфан фалсафа аст, ки дар назм баён шудааст. Бар хилоф, Урфӣ, ки масоили мазбурро ба қолаби шоирӣ рехтааст» [26, с. 98].

Соли 2015 муҳаққиқони соҳаи фалсафа Назри Яздон ва Алишери Муҳаммадӣ дар маҷаллаи «Садои Шарқ» мухтасаран шарҳи ҳоли шоирро бо 80 рубоияш мунташир карданд. Аксари ин рубоиёт мазмуну муҳтавои фалсафиву ирфонӣ доранд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки диққати муҳаққиқони мазкурро, ки донишмандони соҳаи фалсафа мебошанд, андешаҳои фалсафиву ирфонии шоир ба худ ҷалб кардааст [180, с. 97].

Инчунин, соли 2019 дар таҳияи шоиру муҳаққиқ Иброҳими Наққош ва пешгуфтори Равшани Ҳамроҳ ҷилди аввали китоби «Хиёбони ирфон»-и Сайид Муҳаммадҳасани Билгиромӣ бо ҳуруфи кириллӣ интишор гардид. Равшани Ҳамроҳ дар пешгуфтори китоби мазкур менависад, ки ин «китоб асари Сайид Муҳаммадҳасани Билгиромӣ мебошад, ки соли 1924 таҳти ҳамин унвон дар шаҳри Ҳайдарободи Дакани Ҳиндустон ба табъ расидааст. Лозим ба ёдоварист, ки бо забони урду ба китоби мавсуф сарсухан навиштаанд. Сайид Муҳаммадҳасани Билгиромӣ намунаи ашъори шуарои қарнҳои X – XX-ро дар китоби «Хиёбони ирфон» гулчин кардааст. Яке аз хизматҳои пурарзиши мураттиб дар он аст, ки вай рубоиёту қитъаҳоро аз

рӯйи мавзуъ ва мундариҷаи ирфониашон ҷобаҷогузорӣ намудааст. Ӯ ашъори фарогири мавзуи тавҳид ва маърифатро дар мадди аввал гузошта, баъдан наъту манқабатро овардааст» [7, с. 3]. Мақсад аз зикри ин китоб дар он аст, ки  мураттиб рубоиёти шоирони орифро аз рӯйи муҳтаво бо бахшҳои «Тавҳид ва маърифат», «Наът ва манқабат», «Шарафи инсон ва сифати офариниш», «Илм, ҷаҳл, худшиносӣ», «Кибру пастӣ ва риёву солус», «Бесуботии дунё ва узлат», «Ишқи ҳақиқӣ», «Сухан ва хомӯшӣ», «Озу амал ва тарки ҳавову ҳавас», «Тоату вараъ ва лутфу карам», «Ҷавониву пирӣ ва ҳаёту мамот», «Ҷабру ихтиёр ва гуноҳу тавба», «Охират ва раҳмати илоҳӣ» ва «Муноҷот» тақсимбандӣ намуда, рубоиёти Саҳобиро низ дар чанд бахши он ҷой додааст. Мураттиби китоби «Хиёбони ирфон» дар бахши «Тавҳид ва маърифат» аз Саҳобии Астарободӣ нуҳ рубоӣ, дар бахши «Шарафи инсон ва сифати офариниш» ҳафт рубоӣ, дар бахши «Илм, ҷаҳл, худшиносӣ» даҳ рубоӣ, дар бахши «Кибру пастӣ ва риёву солус» се рубоӣ, дар бахши «Бесуботии дунё ва узлат» шаш рубоӣ, дар бахши «Ишқи ҳақиқӣ» сездаҳ рубоӣ, дар бахши «Сухан ва хомӯшӣ» чор рубоӣ, дар бахши «Озу амал ва тарки ҳавову ҳавас» шаш рубоӣ, дар қисмати «Тоату вараъ ва лутфу карам» ҳафт рубоӣ ва дар қисмати «Охират ва раҳмати илоҳӣ» се рубоӣ овардааст. Аз унвон ва шакли таҳияи китоби «Хиёбони ирфон» бар меояд, ки Саҳобии Астарободӣ дар воқеъ миёни муҳаққиқону донишмандон ҳамчун шоиру ориф маълуму машҳур будааст.

Лозим ба зикр аст, ки дар бахшҳои «Наът ва манқабат», «Ҷавониву пирӣ ва ҳаёту мамот», «Ҷабру ихтиёр ва гуноҳу тавба» ва «Муноҷот» аз Саҳобӣ рубоиёте дар ин китоб дида намешавад, аммо дар «Девони рубоиёт»-и шоир дар ин мавзуҳо низ рубоӣ зиёд ба чашм мерасад.

Дар бахши «Илм, ҷаҳл, худшиносӣ»-и китоби «Хиёбони ирфон» чанд рубоие аз Саҳобӣ ба назар мерасад, ки ифшокунандаи розҳои нуҳуфтаи дунёи ботинии шоир аст. Ба назари мо зикри чанде аз онҳо ба маврид аст:

Гар ҷуръа зи ҷоми маърифат нӯш навад,
В-ин кашмакаши ҳаво фаромӯш шавад.
Қалби ориф зери фалак кай гунҷад?
Кай дарёро ҳубоб сарпӯш шавад? [7, с. 68].

Ва ё:

Ориф сухан арчи мухтасар соз кунад,
Чашмон-т бинои олами роз кунад.
Ҳуш дор, ки ҳарчанд ки хурд аст калид,
Ҳар хонаи бас бузург дар боз кунад [7, с. 68].

Ё ин ки:

Ман робитаи китоби ақл бигсехтаам,
Авроқи фасонаро зи ҳам рехтаам.
Ҳарчанд, ки васфи худ кунам, мешояд,
Ман медонам, ки бо кӣ омехтаам [7, с. 68].

Тавре ки дар боло ишора шуд, Саҳобии Астарободӣ дар баробари рубоӣ, инчунин, ғазал ва маснавии зиёде гуфтааст, аммо андешаҳои ахлоқию фалсафияшро аслан тавассути рубоиёташ баён кардааст. Ин нуктаро Ҳ. Ҳасанпур низ зикр кардааст: «Рубоиёти Саҳобӣ ҳовии ҳама навъ мазомини тасаввуфӣ, ирфонӣ, фалсафӣ ва ахлоқӣ мебошанд» [159, с. 46]. Сируси Шамисо бо истинод ба китоби «Тарабхона»-и Ҳумоӣ менависад, ки Саҳобии Астарободӣ охирин шоири маъруф аст, ки рубоиёти фалсафӣ гуфтааст [169, с. 108].

Дар ин фасл мо ба баррасӣ ва таҳлили рубоиёти ирфонии Саҳобии Астарободӣ мепардозем. Хотирнишон бояд кард, ки рубоӣ нобтарин, асилтарин ва куҳантарин жанри шеърии тоҷик аст. Аз ҳама навъҳои шеърӣ барои шоир сурудани рубоӣ душвор аст, зеро мазмунофарӣ, гуфтани сухани волову таъсирбахш ва андешаи комил дар чаҳор мисраи шеърӣ душвор мебошад. Аслан дар рубоӣ андешаҳое, ки ба ҳаёту рӯзгор, ишқу муҳаббат, ахлоқу хирад, некию накукорӣ марбутанд, бештар дида мешавад. Аммо ба андешаи инҷониб, аслан рубоиёте муҳим ва ҷолиби

диққатанд, ки мазмуни ҳакимонаву ирфонӣ, фалсафӣ ва ахлоқӣ доранд. Назар ва андешаҳои мутафаккирони мо дар рубоиёт дар адабиёти тоҷик гуногун аст. Хусусан, рубоиёти Саҳобии Астарободӣ бештар матраҳкунандаи ғояҳои фалсафӣ, ирфонӣ ва ишқию ахлоқӣ мебошанд.

Маҷмуан, дар осори Саҳобии Астарободӣ масъалаҳои ҷаҳоншиносӣ, аз он ҷумла унсурҳои тафаккури фалсафӣ, масъалаҳои ахлоқ, масъалаи арзишҳо амиқ мушоҳида карда мешаванд. Чунончи:

Бигзор ҷаҳону бигзар аз шӯру шараш,
Мағрур машав чу мардуми бебасараш.
Киштӣ чу шикаст хоҷаро дар дарё,
Машке пури бод беҳ, ки анбони зараш [180, с. 98].

Дар байти дуюми рубоии мазкур таносуби арзишҳои маънавию арзишҳои моддӣ, зарурати арзишҳо дар ҳолати мушаххаси рӯзгори инсон мушоҳида мешавад. Воқеан, ин ҳолат дар рӯзгори инсонҳо борҳо таҷриба шудааст, ки махзани симу зар дар баъзе ҳолатҳо арзиши як пора нон ва ё як коса обро надорад. Дар ин ду мисраъ таносуби бод ва зарф, яъне он чизе, ки дар назари аввал сухан аз бод меравад, арзише надорад. Зарф аз пурарзиштарин ва пурбаҳотарин моддиёт дар рӯзгори инсонҳост. Дар ин пора Саҳобӣ ишора ба он мекунад, ки тақдиру рӯзгори инсон, вобаста ба соату замон аст. Арзишҳо метавонанд мавқеи худро дигар кунанд. Яъне, боде, ки ҳеҷ арзише надорад, дар ин лаҳза ба як ҳақиқати тақдирсози инсон табдил меёбад.

Дар рубоии дигар низ Саҳобӣ айнан арзишҳо, тазодҳои зиндагӣ ва гардиши рӯзгорро бо тобиши дигар ба қалам додааст:

Гаҳ соқии ишқ ҷуз шаробам надиҳад,
Гоҳе кушадам ташнаву обам надиҳад.
Гоҳе давад аз паям ба сад ҷаҳд, гаҳе
Сад наъра кунам, ки як ҷавобам надиҳад [34, с. 562].

Саҳобӣ аз донишҳои фалсафии даврони худ, хусусан, аз донишҳои фалсафии Юнони Қадим ва аз ҷаҳоншиносии Ибни Форобӣ ва Абуалӣ

ибни Сино бохабар будааст, зеро шоир қудратҳои билқувва ва билфеълро хуб мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар рубоии зер дар шакли шоирона ин ду мақулаи фалсафӣ, яъне мақулаҳои билқувва ва билфеълро бисёр зебо матраҳ ва тасвир мекунад. Қиссаи байза ва мурғ дар ин ҷо баррасӣ мешавад. Қудрати билфеъл дар паранда, уқоб, мурғи хонагӣ ва монанди инҳо мушоҳида мешавад, вале қудрати билқувва дар тухм вуҷуд дорад. Аммо қудрати билқувва ҳеҷ гоҳ мисли билфеъл таъсиргузор нест. Рубоии зерин дар пайванди ин ду унсури фалсафӣ, тасвиру истифодаи мақулаҳои фалсафии билқувва ва билфеъл эҷод гардидааст. Албатта, истилоҳи билфеъл дар ин рубоӣ истифода нашудааст, аммо дар таҳти сатрҳо ё дар байни онҳо мо онро бо чашми дил мебинем, мефаҳмем ва ҳоҷати зикри он намемонад. Шоир ба билқувватии қудрати тухм ва билфеълии мурғ такя мекунад ва мегӯяд:

Шарт аст шикаст мардро в-аз худ раст,
То битвонад ба маънии худ пайваст.
Кай ояд кори мурғ аз байзаи мурғ,
Ҳарчанд, ки билқувва дар ӯ мурғе ҳаст [180, с. 98].

Асли рубоии боло он аст, ки агар мард дар ростои марди ҳақиқӣ ҳаракат кунад, ба мақсад мерасад. Ишора ба расидан ба камолоти аҳли тасаввуф аст. Ба дараҷаи инсони комил расидан ишора мекунад ва мегӯяд, ки дар ин росто ин роҳ барои мард шарт аст, ки қоидаҳои маъмулии худро бишканад ва аз худ раҳо ёбад, то хештани дигаре пайдо намояд. Дар ҳамин сурат ӯ метавонад ба муҳтаво ва маънои аслии инсон бирасад, то битвонад ба маънии худ пайвандад. Танҳо дар ҳамин сурат хештанро сохтан аз дигар, дар самти камолоти инсонӣ парвариш кардану риёзат кашидан, мард метавонад мард бишавад, яъне, то битвонад ба маънии худ пайвастан, тавре ки чӯҷаи мурғ, ки билқувват аз як моеъ иборат аст, дар маҳдудаи тухм болу минқор пайдо мекунад ва ба чӯҷа табдил меёбад.

Саҳобӣ дар рубоиёташ таъкид мекунад, ки шахси ошиқу ориф, ки тамоми пардаҳо аз пеши ӯ бардошта шудааст ва ба ҳақ расидааст, агарчи

хатту савод надорад, Худованд ба ӯ сад илм мебахшад. Дар адабиёти ирфонӣ низ аз орифоне ёд мешавад, ки бидуни хатту савод доштан дар натиҷаи зинаҳои ин тариқатро гузаштан ба ҳақ расида, аз тамоми улуми динию дунявӣ бархурдор гардидаанд. Саҳобӣ ин масъаларо чунин матраҳ кардааст:

Гар аз ҳарами ишқ хитобат ояд,
Ворастагӣ аз хаёлу хобат ояд.
Нохонда китоб, бас улумат бахшанд,
Нокарда суол, сад ҷавобат ояд [34, с. 566].

Ё ин ки:

Ишқ омаду роҳу расми ӯ пайдо шуд,
Дар сина ҳазор гуфтугӯ пайдо шуд.
То з-он рухи ороста бардошт ниқоб,
Дар хотири ман сад орзу пайдо шуд [34, с. 567].

Дар рубоии дигар масъалаи офариниши инсонро матраҳ сохтааст. Ӯ таъкид мекунад, ки мақсад аз офариниши инсон хӯрдану нӯшидан нест. Дар он хитобан ба хонанда гуфта мешавад ва хонандаро ба он водор менамояд, ки мақсади зиндагияшро фикр намояд, аз ғафлату ҷаҳолат бадар ояд:

Ҳар дам суханат аз пайи обу нон аст,
Ғофил, ки ин маҳ зи куҷо тобон аст.
Аз нутқи ту ғайр аз ин мақосид, ки турост,
Мақсуди дигар ҳаст, ки мақсуд он аст [38, с. 171 а].

Дар ин рубоӣ шоир андешаҳои рубоии болоро тақвият мебахшад ва қимати вақту соат ва ҳар нафаси умри инсонро ба ҷон баробар медонад:

Ҳар дам, ки задем, нақди ҷон буд, ки рафт,
Аз қофилаи умр ҳамон буд, ки рафт.
Не қофилае, ки манзиле буд ӯро,
Бал хобу хаёл буд, он буд, ки рафт [38, с. 173 б].

Шоир аз ҳама махлуқот дар рӯи олам бартар будани инсонро таъкид карда, ҳама оламро вобаста ба инсон медонад:

Пинҳон моему ошкоро моем,
Дарё моему мавҷи дарё моем.
Пайваста зи ҳар чиз ба худ дар суханем,
Ашё мову забони ашё моем [34, с. 582].

Саҳобӣ андешаҳои ирфонию фалсафияшро бо қудрат ва шавқи беназир баён менамояд. Тарзи баён ва ақидаҳои ирфонии ӯ ба дили хонанда шавқу завқро бедор менамояд ва хонанда ба он ҷалб мегардад. Фалсафа ва ирфони Саҳобӣ сӯзанда набуда, балки созанда ва тарбиятгар аст. Саҳобии Астарободӣ шоири ориф аст. Аз ин рӯ, аксари мазмуну муҳтавои рубоиёташро андешаҳои ирфонӣ ташкил медиҳад. Бархе аз пиндорҳо ва андешаҳои ӯ ба масоили худшиносӣ марбутанд. Ӯ дар рубоиёташ ба ин мавзуъ пардохта, дар баробари ташвиқ ба худшиносӣ тавозуъ, фурӯтанӣ ва худшиканиро махсус тавсиф кардааст.

Мавриди зикр аст, ки «яке аз паҳлуҳои асосии таълимоти ирфон дар роҳи мутаваҷҷеҳ кардани мардум ба ҳақиқат даъвати онҳо ба худшиносӣ будааст, ки албатта, ин навъи нигариш бештар ранг ва ҷанбаи исломӣ дорад ва дар аҳодис ба он ишора шудааст. «Ман арафа нафсаҳу, фақад арафа раббаҳу», ки Саҳобӣ низ дар яке аз рубоиёташ ба он ишора мекунад:

То мард ба худ фурӯ нашуд, кор нахост,
Ҷуз ваҳму гумон наёфт, ҳар сӯ, ки шитофт.
Яъне, ки набуда нафси худро ориф,
Кас қоили қавли «ман араф»-ро нашинохт» [159, с. 48].

Дар рубоии дигар мегӯяд:

Гар мард шаҳи вилояти «Лавлок» аст,
Дар маънии хеш аз такаббур пок аст.
Зебу фари халқро зи хулқ аст мадад,
Ҳар шаҷра, ки ҳаст, асли ӯ дар хок аст [159, с. 49].

Яке аз роҳҳои худшиносӣ дурӣ ҷустан аз вобастагӣ ва дилбастагиҳои моддист. Дар таълимоти орифон ҳамвора бетаваҷҷуҳӣ ба молу сарвати дунявӣ таъкид карда мешавад. Саҳобӣ молу сарватро садди роҳи

худшиносӣ ва худошиносӣ дониста, мардумонро ба дурӣ ҷустан аз сарватпарастию ҷоҳталабӣ ташвиқ карда, худ бар ин андеша аст, ки инсонҳо новобаста ба он ки дар факр ё дорой зиндагӣ мекунанд, оқибат роҳ сӯи Худо пеш мегиранд. Дар рубоиёти шоир пайваста таъкид мегардад, ки дунё фонист, мо бояд пайваста пайи некию накукорӣ ва пок кардани ботини хеш бошем. Ҳар кас, ки дар ин дунё пайи ҷамъ намудани сарвату мол мешавад, бешак, фиреб мехӯрад, зеро касе дар дунё зода мешавад, яқинан миранда аст:

Ҷуз он ки фиреби даври айём нахӯрд,
Дар базми амал нахӯрд не софу на дурд.
Дар даҳр касе назод, к-ӯ боз намурд,
З-ин дашт хасе нараст, к-аш бод набурд [180, с.100].

Ё ин ки:

Олам ба раҳу кеши ту хоҳанд омад,
Шоҳон ҳама дарвеши ту хоҳанд омад.
Эй баҳри Худо нишаста фориғ зи ҳама,
Биншин, ки ҳама пеши ту хоҳанд омад [180, с. 98].

Шоир расидан ба маъбуд ва маҳбуби ҳақиқӣ, ҳамчунин худшиносиро дар тарки ҳавову ҳаваси дунявӣ донистааст:

Хуршеди вуҷуд рӯ ба рӯ нест туро,
То пушт ба кому орзу нест туро.
Ҳамчун маҳи чордаҳ на дар ҳадди камол
З-онӣ, ки тамом рӯ ба рӯ нест туро [159, с. 49].

Рубоиёти Саҳобӣ сар то по ҳикмат буда, инсонҳоро барои расидан ба камолоти инсони ҳақиқӣ ҳидоят мекунанд. Дар рубоии дигар шоир инсонҳоро барои дурӣ ҷустан аз ҳавову ҳавас даъват мекунад:

Як лаҳза чароғи орзуҳо пуф кун,
Қатъи назар аз ҷамоли ҳар Юсуф кун.
З-ин шаҳд як ангушт кашам дар комат,
Аз лаззат агар маҳв нагардӣ, туф кун [34, с. 592].

Дар аксари сарчашмаҳо зикр мегардад, ки Саҳобӣ чиҳил сол дар масҷиде гӯшанишинӣ карда, ҳамзамон, дар он масҷид ба ҷорӯбкашӣ машғул будааст. Агарчи дар сарчашмаҳо доир ба сабабҳои ҳиҷрати Саҳобии Астарободӣ ба шаҳри Наҷафи Ироқ маълумот дода нашудааст, аммо аз ашъори шоир ҳувайдо мегардад, ки ӯ низ эътирозан зодгоҳашро дар ҷавонӣ тарк карда, ба қавли баъзе тазкиранигорон, сӣ сол ва ба қавли дигар чиҳил сол дар Наҷафи Ироқ зиндагӣ кардааст. Вале аз мутолиаи ашъораш бармеояд, ки шоир дорои донишҳои динӣ, ҷаҳонбинии васеъ, донандаи илми кимиё ва фалсафа буда, ҳамчунин аз набзи ҷаҳон дар замони худ огоҳии хуб доштааст. Ӯ ин нуктаро чунин таъкид мекунад:

Ҳар кас, ки муқими гӯшаи дори фаност,
Донад, ки мақоми раҳравон то ба куҷост.
Аҳволи замона гӯшагирон донанд,
Бозӣ зи канори арса беҳтар пайдост [180, с. 100].

Дар рубоиёти Саҳобӣ панду андарз низ мақоми хос дорад. Шоир таъкид мекунад, ки соҳибкараме, ки аз карами худ хушнуд нест, ҳаргиз ба дастархони ӯ даст мабар, зеро ба ту ғам меорад:

Даври фалаке, ки бешу кам меорад,
З-он бешу кам оинаи ҳам меорад.
Соҳибкараме, ки аз карам хуррам нест,
Ноне ту аз ӯ махӯр, ки ғам меорад [180, с. 100].

Дар рубоии дигар шоир рӯзи охиратро тасвир намудааст, ки Яздони пок ба парҳезгорону бечорагон лутф мекунад, вале ба шахсони ғофил аз азоби уқбо ғазаб хоҳад кард:

Рӯзе, ки аён шавад Худованди ҷаҳон,
Лутфаш ба кеҳон бошаду қаҳраш ба меҳон.
Хуршеди ҷаҳонфурӯз чун дартобад,
Зарра шавад ошкору сайёра ниҳон [180, с. 100].

Саҳобӣ мазмуну муҳтавои рубоиёти Умари Хайёмро ба шаклу тасвири дигар баён кардааст:

Он кас, ки бади ман аз накӯ медонад,

Асрори маро мӯй ба мӯ медонад.

Ман нестам огаҳ, ки бадам ё некам,

Он кас, ки маро сохта, ӯ медонад [38, с. 301 а].

Ба андешаи Саҳобӣ, тамоми мавҷудоти олам аз ягонагӣ ва мавҷудияти Худо далолат мекунанд. Ба пиндори ӯ, дар ҳар як ашё, новобаста ба мусбату манфӣ буданаш, ҷилваи офаридгор намоён аст:

Ҳарчанд аъолию асофил бошад,

Бар ваҳдати зоти Ҳақ далоил бошад.

Ҳар чиз, ки ҳаст, ҷилваи Ҳақ бо ӯст,

Ҳарчанд, ки дар сурати ботил бошад [34, с. 563].

Саҳобӣ гоҳ-гоҳ чун Хайём масоили офариниши олам ва ҳастии офаридгорро мавриди баҳс қарор дода, ба ин васила моро ба андешидан доир ба офариниши оламу одам водор мекунад:

Дар пардаи рози мо ҷаҳонороист,

К-оинаи ӯст, ҳар куҷо зебоист.

Чун ӯ бо мост, мо киро меҷӯем,

Ҳар лаҳза агар на партаваш бар ҷоест? [34, с. 555].

Шоир дар иртибот ба ишқ баъзе масоили фалсафию ирфониеро баён кардааст, ки воқеан ҷолиби диққат аст. Дар байти аввали рубоие масъалаи ақлу идрок ва ишқ матраҳ шуда, аммо дар байти дуюми он масъалаи тазоду инкор дар фалсафа баррасӣ гардидааст:

Ҳарчанд, ки ақл нафйи ину он кард,

Як шамма камоли ишқ кай нуқсон кард?

Шаб пардаи оламе тавонад будан,

Аммо натавонад шараре пинҳон кард [38, с. 226 б].

Саҳобӣ дар рубоиёташ масъалаи қазову қадарро зиёд матраҳ кардааст. Ӯ аслан ба он назар аст, ки тақдир аз ҷониби Худованд аст ва касе онро наметавонад дигар намуд:

Кас пеши касе саҷдаи таслим накард

В-ар кард, ба ҷуз Ҳақро таъзим накард.

Яъне, онро, ки дилбарӣ натвонист,

Маъшуқи азал карашма таълим накард [38, с. 215 б].

Дар рубоии дигар низ шоир қазову қадарро марбут ба Худо медонад. Аммо ӯ ин масъаларо ба баҳс мекашад, ки чаро Худованд некиҳоро ба худ марбут гардонид, вале гуноҳ карданро ба гардани омма ниҳод? Ҷаҳонбинии Саҳобӣ ба мисли ҷаҳонбинии Хайём нест, ки инсонҳоро ҳамеша ба шодию нишот ташвиқ намояд, аммо гоҳ-гоҳ мушоҳида мешавад, ки дар рубоиёташ ба ҷаҳонбинии Хайём такя мекунад. Дар ин рубоии Саҳобӣ тарзи тафаккури Хайём низ мушоҳида мегардад:

Устоди азал, ки кому ноком ниҳод,

Коре ду бикарду неку бад ном ниҳод.

Ҳар кор, ки нек буд, хоси худ хонд

В-он кори бад ба гардани ом ниҳод [38, с. 210 а].

Саҳобӣ дар тариқати инсони комил қадам мезад. Ӯ таъкид мекунад, ки моили олам нестам, аммо дар ин олам, ки ҳастам, зарурати ногузирест, ки инсон наметавонад аз қоидаҳои ҷамъият ва табиат берун зиндагӣ кунад. Ба қавли дигар, он чи дар рӯзгори моддиву маънавии ҳар инсон ҳаст, барои ӯ писанд ва мувофиқ нест, аммо наметавонад берун аз доираи қоидаҳои моддиву маънавии ҷаҳони ҳастӣ умр ба сар барад:

Не аҷзи гадо, на нахвати шаҳ дорам,

Ҳарчанд, ки гаҳ надораму гаҳ дорам.

Ман моили олам наяму оинаш,

Аммо чӣ кунам, гузар бар ин раҳ дорам [180, с. 98].

Хулоса, Саҳобӣ чун дигар шоирони ориф ва файласуфи адабиёти форсии тоҷикӣ андешаҳои ирфониву фалсафии худро бештар дар қолаби рубоӣ рехтааст, ки мо ин ҷо ба таври мухтасар доир ба онҳо андешаронӣ намудем. Он чи дар ин фасл баррасӣ гардид, аслан қадами нахустин ба таҳқиқи андешаҳои ирфонӣ ва фалсафии шоир мебошад. Чунки рубоӣ жанри адабиест, ки бештар масоили фалсафию ирфониро дар бар мегирад. Аксари рубоиҳои Саҳобӣ зоҳиран ошиқона намоянд ҳам, дар онҳо масоили мубрами ирфонию фалсафӣ матраҳ гардидааст. Дар баробари

баёни розҳои орифона, изҳори муҳаббат ва дӯстдорӣ ба инсон низ дар онҳо мушоҳида мегардад. Аз ин рӯ, ҳақ бар ҷониби Сируси Шамисо аст, ки мегӯяд: «Бисёре аз рубоиётро, ки зоҳири ошиқона доранд, таъвили орифона кардаанд ва иттифоқан зеботарин рубоиёти ошиқонаро низ бояд дар рубоиёти сӯфиёна ҷуст» [169, с. 50]. Зарур аст, ки дар оянда андешаҳои ирфонӣ ва фалсафии шоир дар шакли диссертатсияи алоҳида мавриди таҳқиқ қарор бигиранд, зеро Саҳобӣ баъзе масоилеро ба таҳқиқ кашидааст, ки дар осори дигар шуарои ориф ва файласуфи пешин дида намешаванд.

### 3.1.3. Андешаҳои ахлоқӣ дар рубоиёти шоир

Равшан аст, ки панду ахлоқ яке аз мавзуъҳои муҳимми адабиёт маҳсуб мешавад. Ин мавзуъ дар ашъори Саҳобии Астарободӣ низ ҷойгоҳи хос дорад. Бозтоби панду ахлоқ дар шакли рубоӣ ва тарғиби некию накукорӣ ва соири ахлоқи ҳамидаи инсонӣ суннати қадимӣ дорад. Аксари рубоисароён зимни баёни мавзуоти дигар дар рубоиёти хеш ин мавзуъро матраҳ менамоянд. Саҳобӣ яке аз ҳамин гуна адибони рубоисаро ба ҳисоб меравад. Агарчи андешаҳои пандуахлоқии ӯ дар рубоиёташ дар муқоиса бо ақидаҳои фалсафиаш камтар ба назар мерасанд, аммо шоир тавонистааст, ки мавзуи панду ахлоқро то ҷое, ки имконпазир аст, дар рубоиёташ хеле хуб ва ҳамаҷониба баён намояд. Сайид Муҳаммадҳасани Билгиромӣ мураттиби китоби «Хиёбони ирфон» дар бахшҳои «Тавҳид ва маърифат», «Шарафи инсон ва сифати офариниш», «Илм, ҷаҳл, худшиносӣ», «Кибру пастӣ ва риёву солус», «Сухан ва хомӯшӣ», «Озу амал ва тарки ҳавову ҳавас», «Бесуботии дунё ва узлат», «Тоату вараъ ва лутфу карам» ва «Охират ва раҳмати илоҳӣ» рубоиҳое аз Саҳобӣ овардааст, ки муҳтавои пандуахлоқӣ доранд. Дар воқеъ, мураттиби китоб ҳангоми таҳияи он заҳмати зиёд кашидааст. Зеро дар китоб на танҳо рубоиҳои баландмазмуну пандуахлоқии Саҳобӣ ба чашм мерасад, балки аз дигар шоирони

рубоисаро низ мисраҳои волову таҳрикдиҳандаи андешаро интихоб намудааст. Масалан, дар бахши «Тоату вараъ ва лутфу карам» ба чунин мазмун аз Саҳобӣ рубоиҳо овардааст:

На ҳар кӣ накӯст, дӯст мебояд буд,
Бадро бар мағз пӯст мебояд буд.
Яъне, саҳл аст дӯст будан бо дӯст.
Бо душман низ дӯст мебояд буд [7, с. 181].

Ё ин ки:

Гар халқи ҷаҳон ҳама ба тоат хезанд,
Сад гуна ато кунанду хайр ангезанд.
Чун нек назар кунӣ, набинӣ ҷуз ин,
К-аз баҳр ба баҳр мушти обе резанд [7, с. 181].

Рубоиҳои пандухлоқии бахши «Сухан ва хомӯшӣ» низ ҷолиби диққатанд:

Ҳазл асту фасонае туро қадршикан,
Ҷуз он ки зарурат аст, онро гуфтан.
Дар халқ нифоқу шайну ғавғову фитан,
З-он аст, к-аз андоза бурун рафт сухан [7, с. 161].

Дар воқеъ, бисёр иттифоқ меафтад, ки ҳазлу шӯхии бемавқеъ ва аз андоза зиёд боиси ранҷишу нифоқ ва бадбинии байни инсонҳо дар ҷомеа мегардад. Аз мазмуни рубоиёти шоир маълум мегардад, ки Саҳобӣ аз ҳолати руҳию равонии мардум огоҳии комил доштааст, зеро шоир миёни мардуми одӣ мезист, ҳамдарду ҳамнафаси онҳо буд. Тавре дар сарчашмаҳо ишора мешавад, аз гӯшаву канори олам ба зиёраташ меомаданд.

Ба ҳамин монанд осори Саҳобӣ мамлу аз ашъори пандуахлоқист. Шоир дар байти аввали рубоии зер ба арҷгузории қавли мардона ва эҳтироми дардмандону бенавоён таъкид намуда, дар байти охир мегӯяд, ки инсон дар ҳар соҳае, ки кору фаъолият намояд, бояд самимона ва бо виҷдони пок кор кунад. Агар фаррош ҳам бошад, ончунон ҷорӯб занад, ки боиси озори касе нагардад:

Ҳон, то ки хилофи ройи мардӣ накунӣ,
Мастона сухан ба аҳли дарде накунӣ.
Ин дам, ки ба роҳи подшаҳ фаррошӣ,
Ҷорӯб зан ончунон, ки гарде накунӣ [34, с. 601].

Шоир дар рубоиёташ ба масоилу хулқу атвор, илму адаб, хидматгузорӣ ба мардум дахл карда, хонандаро ба риояи аъмоли неки инсонӣ ҳидоят мекунад. Хусусан, дар рубоии зайл ба он таъкид мекунад, ки «дар хидмат кӯшу дар адаб», то дар ин дунё ва охират бароят муфид бошад. Ба ақидаи шоир, ҳар кӣ ин ду сифати некро дошта бошад, ӯро дарвешон дуо ва ағниё эҳтиром хоҳанд кард:

Бишнав сухане, к-аҳли ҳидоят кунадат,
Дар ҳар ду ҷаҳон кору кифоят кунадат.
Дар хидмат кӯшу дар адаб, то ҳама ҷо
Дарвеш дуо, ғанӣ риоят кунадат [38, с. 111 б].

Дар ҳама кор чашми хираду ҳақиқатбин лозим аст. Саҳобӣ ба он таъкид мекунад, ки дар ҳама кор асли онро бояд ёфт. Ӯ мисол меорад, ки бе калид мо наметавонем вориди хона шавем. Аз ин рӯ, барои кушодани дар ҳатман бояд калидро пайдо намоем, то вориди он шавем:

Касро нашавад кор ба афсона дуруст,
Рав, дида талаб, ки дида ободии туст.
Гирди девори хона гаштан то чанд?
Фатҳи дарро калид мебояд чуст [38, с. 135 а].

Тавре ки дар боби ғазалиёти шоир зикр карда шуд, Саҳобӣ зидди ҷоҳталабӣ, баднафсӣ ва дунёталабист. Ӯ ба он назар аст, ки шахси дунёталаб аҳмақе беш нест:

Ғайр аз дунё муроди ҳар аҳмақ нест,
Доно зи пайи муроди худ мутлақ нест.
Яъне, пайи ҳар чӣ ботилонро ҷаҳдест,
То мард накарда тарки он, барҳақ нест [38, с. 146 а].

Шоир дар рубоии дигараш ҳам таъкидан мегӯяд, ки фитодагон ва муҳтоҷонро ҳамеша дастгирӣ мебояд. Ба қавли ӯ, ҳар кӣ дар ин дунё умри

дароз ва аҷру савоб мехоҳад, бояд аз зарар расонидан ба халқ парҳез намояд ва нафърасону хайрхоҳи халқ бошад:

Ҳар ҷо ки фитодаест, рофеъ мебош,
Ҳар сӯ, ки фитандаест, дофеъ мебош.
Гар умри дароз хоҳию аҷри азим,
Бар халқ музир мабош, нофеъ мебош [34, с. 580].

Саҳобӣ дар рубоиёташ пайваста некию накукорӣ, бо якдигар дӯст будану дӯст доштанро таъкид менамояд. Дар рубоии зер ноаҳлонро ба хаси саҳро монанд кардааст:

Ноаҳл чу раҳ бар қадами мо фиканад,
Саргаштагии ҳудусаш аз по фиканад.
Ҳарчанд, ки хасро ба сари чашма барӣ,
Бодаш бибарад бозу ба саҳро фиканад [34, с. 576].

Ҳамчунин, шоир башариятро ба адлу инсоф, лутфу карам, дур будан аз бухлу кина ва инояту раҳмат ба якдигар даъват менамояд:

Эй гашта бузург, хурда бар хурд магир,
Инсоф бидеҳ, лутф намо, узр пазир.
Бар халқи ҷаҳон инояту раҳмат бош,
Ҳамчун назари падар ба фарзанди сағир [180, с. 101].

Назари Саҳобӣ ба парастиши Худо башардӯстона ва некбинона аст. Ӯ дар он ақида аст, ки парастиши Худо ҳар гунае, ки бошад, бояд боиси тафриқаву фитна нагардад, зеро ҳадафи инсонҳо, ҳар гунае, ки Худоро парастиш накунанд, танҳо як Худост ва мақсади ҳар як инсон ҳам аз раҳмати офаридгор дар ҷаннат шарафёб гардидан аст:

Бо зот ба ҳар сифат гароянд, хуш аст,
Нағма ба ҳар оҳанг сароянд, хуш аст.
Аз бахри Худо ҳеҷ амал зоеъ нест,
Дар хулд зи ҳар дар, ки дароянд, хуш аст [180, с. 98 ].

Дар рубоии дигар низ ҳамин маъниро таъкидан ба офаридгор мегӯяд:

Васли ту ба ҳар сифат, ки ҷӯянд, хуш аст,

Роҳи ту ба ҳар қадам, ки пӯянд, хуш аст.
Рӯйи ту ба ҳар чашм, ки бинанд, накуст,
Номи ту ба ҳар забон, ки гӯянд, хуш аст [180, с. 100].

Дар сарчашмаҳои илмӣ, бавижа тадқиқоте, ки ба тасаввуфу ирфон бахшида шудаанд, хеле зиёд ба мавзуи фирқагароӣ пардохта шудааст, зеро орифону сӯфиён яке аз мушкилоти диниву дунёиро фирқагароӣ ва таассуботи кӯркӯрона донистаанд [159, с. 48]. Саҳобӣ низ зидди фирқагароӣ ва таассуби динист. Ӯ аз оятҳои қуръонӣ далелҳо пеш оварда, таассуботи диниро мазаммат мекунад. Шоир тибқи фармудаи Қуръони карим «Ваътасиму би ҳаблил-лоҳи ҷамиъан ва ло тафарраку» (яъне, ба ресмони худовандӣ чанг бизанед ва пароканда нашавед) роҳи ҳалли онро дар парҳез аз тафриқа ва таваҷҷуҳ ба асл ва руҷуъ ба асоси динҳо ва оинҳо медонад, ки дар воқеъ, аз як маншаъ ибтидо мегиранд. Рубоии зер бозгӯкунандаи гуфтаҳои болост:

Аз як қалам аст дил ба ӯ муъталифат,
Гар дол дар ин сафҳа бувад в-ар алифат.
Тавҳид гузину муттафиқ шав ба ҳама,
То раҳ назанад мазоҳиби мухталифат [159, с. 48].

Дар баъзе рубоиёти шоир ҳам масоили ирфонӣ ва ҳам масоили пандуахлоқӣ тавъам матраҳ гардидаанд. Масалан, дар ду мисраи аввали рубоии поин мунаввар будани ҷаннат аз нури лиқои офаридгор ва инъикоси одамон, ки дар рӯйи Замин зиндагӣ мекунанд ва асоси дунёро ташкил мекунанд, баён намудааст. Аммо байти охири рубоӣ аслан ба мо панд медиҳад, ки болидаву хандон буданро дар худ парвариш намоем ва чин аз ҷабин бизудоем, зеро табассуму чеҳракушод будани мард сурати хуши ӯст. Он гуна, ки гул баҳорро зебу зинат мебахшад ва аз омадани баҳор хабар медиҳад:

Ҷаннат зи лиқои дӯст партавгир аст,
Ҳар фаръ, ки ҳаст, аслро тафсир аст.
Хандидани мард сурати хушнудист,
З-он гуна, ки гул баҳорро таъбир аст [38, с. 135 а].

Дар эҷодиёти Саҳобии Астарободӣ чун дигар орифону шоирони ринд зоҳидон танқиду мазаммат карда мешаванд. Дар рубоии зер шоир орифро бобаракот ва зоҳидро бадҳаракот мешуморад ва ба ин восита ба мо таъкид мекунад, то ҳамнишину ҳамсуҳбати шахсони некухисолу нексиришт ва хушсухан бошем:

Гуфтор гузин ба орифи бобаракот,
Хомӯш нишин ба зоҳиди бадҳаракот.
Олист сухан бо яке завқе ба яке,
Самъи дараҷот ояду самъи даракот [38, с. 152 б].

Дар ашъори шоир мавзуи ҳамнишинӣ бо афроде, ки воқеан дар вуҷудашон ҷавҳари мардӣ ҳаст, хеле зиёд ситоишу таблиғ карда мешавад. Шоир ба он таъкид мекунад, ки дар ҷомеа бояд аз назари ин гуна мардон дур набошем, зеро дар лаҳзаҳои душвор онҳо метавонанд дастгиру мададгори беминат бошанд:

Ҳар кас, ки ҷудо аз назари мардон монд,
Дар пастии хештан зи бедардон монд.
Ҳарчанд ки гашт гирди олам чу фалак,
Оромгаҳе наёфту саргардон монд [38, с. 213 б].

Дар адабиёти тоҷик бо шаклу тобишҳои гуногун ва хеле зиёд дар мавзуи интихоби ёру ошно ақидаронӣ шудааст. Аз ҷумла, дар рубоиёти Саҳобӣ. Чунончи, дар ин рубоии ӯ, ки дар байти аввал ёри номусаллам ва бо дигарон ҳамдамро нолозим медонад, дар байти дуюм интихоби ёреро тавсия медиҳад, ки бигзор бо аҳли ҷаҳон ҳамнишин бошад, аммо таъкид мекунад, ки он ҷуз ба ту бо дигар кас ёр набошад:

Ёре чӣ кунӣ, ки номусаллам бошад,
Бо ҳар касе аз ту беш ҳамдам бошад.
Он ёр гузин, к-ӯ набувад ҷуз ба ту ёр,
Ҳарчанд, ки бо тамоми олам бошад [38, с. 214 а].

Шоир ба он назар аст, ки мардони ҳақшинос аз зиндагӣ дар ҳаросанд, зеро дар раванди зиндагӣ эҳтимоли ҳаққи касеро нашинохтану муртакиби гуноҳ шудани онҳо аз эҳтимол дур нест. Аз ин ҷиҳат, шоир «Аз ҳастии

хештан ҳаросон бошад» – мегӯяд. Дигар аз масоиле, ки дар ин рубоӣ матраҳ аст, камхӯрию камгӯию зикри Ҳақ мебошад, ки воқеан аъмоли неки инсонӣ ба шумор меравад, классикони мо онро бисёр ситоиш кардаанд:

Гар мард зи хайли ҳақшиносон бошад,
Аз ҳастии хештан ҳаросон бошад.
Кам хӯру кам гӯю зикри Ҳақ кун,
То зистану мурданат осон бошад [38, с. 220 а].

Саҳобӣ ғуруру такаббурро аз бехирадӣ медонад. Ӯ таъкид мекунад, ки аз шахсони мутакаббиру мағрур ҳама фосила мегиранду дурӣ меҷӯянд. Воқеан, дар рубоии поин ин масъаларо шоир хуб баррасӣ кардааст:

Кибру нахват на аз хирад доштан аст,
Бал халқеро ба хеш бад доштан аст.
Халқи олам тамом миръоти ҳаманд,
Таъзими ҳама ҳурмати х(в)ад доштан аст [27, с. 785].

Аз баррасиҳо дар ин бахш метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки Саҳобӣ чун дигар шоирон аз набзи ҷомеа огоҳии комил доштааст. Мушоҳидаҳои нозуки шоирона, ки марбут ба ҳаёти ҳаррӯзаи инсонҳост, ашъори шоирро ҳусну таровати дигар бахшидаанд. Ашъори ӯ бисёре аз паҳлуҳои ҳаёти инсониро дар бар гирифтааст, вале доир ба ҳама ҷанбаҳои ашъори ӯ сухан гуфтан дар ин ҷо имкон надорад. Аммо аз ҳамин мисолҳои дар боло зикршуда маълум мегардад, ки ашъори Саҳобӣ дар ҳама давру замонҳо қимати худро нигоҳ дошта, имрӯз низ онҳо аҳаммияти худро гум накардаанд. Хусусан, масоили ахлоқӣ дар ашъори ӯ ҷойгоҳи воло доранд, зеро инсонҳоро пайи некию накукорӣ, ваҳдату худшиносӣ ва дурӣ ҷустан аз ҳама гуна ихтилофоту таассуботи динию мазҳабӣ ҳидоят мекунанд. Ӯ мубаллиғи инсони комил аст. Аз ин рӯ, баргардонии ашъори Саҳобӣ ба хатти кириллӣ ва нашри он барои мардуми адабпарвари тоҷик яке аз корҳои муҳимми илм ва адабиётшиносии тоҷик мебошад.

### 3.2. Забон ва услуби баёни адиб

Дар накд ва адабиётшиносӣ ба назар гирифтани забон ва услуби баёни адиби таҳқиқшаванда яке аз масъалаҳои асосӣ ба шумор меравад. Бавижа чигунагии забони ашъори ҳар як шоир хеле муҳим мебошад. Воқеан, шоир ҳангоми иншои шеър бояд шавқу завқи хонандаро ба ҳисоб гирад ва сари ҳар як вожаву ибора ҷиддан биандешад. Дар ин бора суханони устод Айнӣ басо омӯзандаанд: «Шоир бояд дар иншо кардани шеъре на танҳо робитаи сар то пои шеърро, на танҳо ҳар банд ё байт ва ё мисраъро мулоҳиза намояд ва дар болояш кор кунад, дар айни замон бояд ҳар калимаи ҷудогонаро ҷудо-ҷудо аз назар гузаронад ва робитаи маънавӣ ва оҳанги лафзии онро ба мулоҳиза гирад, на танҳо як бор, балки борҳо ин корро такрор намояд. Дар он сурат шеър нағз мешавад, шоир пеш меравад, қобилияти шеърияш ба камол мерасад...» [58, с. 100]. Ҳақ бар ҷониби устод Айнӣ аст, зеро забон афзору силоҳи асосии ҳар адиб аст. Адиб ба воситаи забон ба хонанда мақсаду мароми худро мерасонад, хонандаро ба дунёи зебои хаёлот мебарад. Забонро хуб надониста шеър ва ё ҳатто асари насрии хуб офаридан имконнопазир аст. Албатта, хусусияти забонию услубии шеъри имрӯз аз шеъри гузашта билкул фарқ мекунад. Ҳатто забони ашъори адибони ҳар як аср низ махсусиятҳои худро дорад. Масалан, дар асри XVI ва XVII забони форсии тоҷикӣ, хусусан, тарзи баён, бо сабаби ҷанбаи динӣ гирифтани адабиёт ва рӯ овардани адибон ба масоили тасаввуфӣ печидаву мураккаб гардида буд. Адибон бештар дар шеърҳои худ ба оятҳои қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ ишора мекарданд ва ё аз онҳо иқтибос меоварданд. Ин ҳолат аслан дар назму насри адибони қаламрави Сафавиён бештар ба назар мерасад. Аз тарафи дигар, сабки ҳиндӣ низ дар шеъри шоирони қаламрави забони форсӣ дар асри XVI ва XVII рушду такомул меёфт. Аз ин сабаб, то андозае калимоту ибороти забони номафҳуми арабӣ дар назму наср мақоми воло пайдо кард. Вале дар баробари ин ҳама адибоне буданд, ки ба забони модарии хеш эҳтироми

зиёд доштанд ва асарҳои хешро бо забони содаи оммафаҳм эҷод карда, ба ин восита муносибати боэҳтиромонаи хешро нисбат ба гузаштагон зоҳир менамуданд. Саҳобии Астарободӣ яке аз ҳамин гуна адибон мебошад, ки забони шевою шоиронаи модарияшро пос доштааст. Ашъорашро бо забони ширину фасеҳи модарияш эҷод кардааст. Шоир дар хотимаи як ғазал аз забони фасеҳаш ёд меорад. Ӯ таъкид мекунад, ки маҳз бурроии забонаш буд, ки миёни мардум маъруфият пайдо кардаву иқлими дилҳоро фатҳ намудааст:

Ҳар куҷо омадаам ҳамчу Саҳобӣ ба сухан,
Фатҳи иқлими дил аз теғи забон ёфтаам [34, с. 412].

Албатта, мақсад аз истифодаи ибораи «теғи забон» киноя аз бурроии забон, тезии забон аст, ки чун дигар шоирони классики форсу тоҷик хоси каломи Саҳобӣ низ ҳаст.

Оид ба фасоҳату салосати ашъори Саҳобӣ муҳаққиқ Ҳиво Ҳасанпур менависад: «Саҳобӣ чун Мавлоно (Ҷалолиддини Балхӣ.–Б.М.) андешаҳои худро дар паси забони муғлақ ва печида пинҳон намесозад, балки бо забони сода ва ҳамафаҳм онро баён мекунад» [159, с. 46] Дар воқеъ, рубоиёт, ғазалиёт ва маснавиҳои Саҳобӣ бо як забони содаву шево, бо як тарзи баёни шоирона эҷод шудаанд. Масалан, дар ин рубоӣ шоир ҳусну малоҳати ёр ва зебоиҳои диёрро бо забону баёни содаву равон васф кардаст:

Эй ишқи ту борони баҳору ман гард,
Ҳар кас, ки туро дид, шуд аз ҳастӣ фард.
Вораста шавам зи худ, чу ёди ту кунам,
Эй ман ҳама дарду ту давои ҳама дард [27, с. 573].

Тавре ки гуфтем, шеъри Саҳобӣ сода, равон ва дилписанд аст. Аммо гуфтори мо маънои онро надорад, ки дар кулли эҷодиёти адиб содагию равонӣ ва калимоти фаҳмои форсии тоҷикӣ истифода шудааст, зеро шоир забони арабӣ ва Қуръонро хеле хуб медонист ва табиист, ки дар баъзе мавридҳо аз оёту ҳадис ва калимоту ибораҳои забони арабӣ истифода

мебурд ва талмеҳан ба қиссаҳои қуръонӣ ишора кардааст, ки ин тақозои ҳамон замон низ буд. Муҳаққиқон Ғуломризо Мустаълии Порсо ва Ҳиво Ҳасанпур муайян кардаанд, ки «Саҳобӣ аз 43 сура дар рубоиёти худ истифода бурдааст. Аз ин 43 сура дар 128 рубоии худ ба 78 оят ишора кардааст» [123, с. 166-194]. Аммо бо ин ҳама, салосат ва шевоии забони шеърро нигоҳ доштааст. Чунончи:

Дар мурдадиле, ки ғайри кибру кин нест,
Касро хабар аз молики явмуддин нест.
Дил зинда кун аз дамам, бибин шӯриши ишқ,
Бе нафхаи сур кас қиёматбин нест [38, с. 123 а].

Ба андешаи мо, дар рубоии фавқ ғайр аз ибораи «молики явмуддин» калимоти душворфаҳм ба назар намерасад. Илова бар ин, ибораи «нафхаи сур», яъне, ба маънои сури Исрофил, ки аз фаро расидани рӯзи маҳшар хабар медиҳад, барои оммаи мардум то ба имрӯз фаҳмост. Аз ин ҷиҳат, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар замони шоир дар забони адабӣ ин гуна калимаву ибораҳо роиҷ ва мавриди истифода карор доштаанд. Дар маҷмуъ, шоир дар рубоиёташ аз аҳодиси набавӣ ва ояҳои қуръонӣ зиёд ба кор бурдааст:

Олим ба хурӯши «Ло илаҳа, илло ҳуст».
Ғофил ба гумон, ки душман аст ин ё дӯст.
Дарё ба вуҷуди хеш мавҷе дорад,
Хас пиндорад, ки ин кашокаш бо ӯст [38, с. 106 а].

Саҳобии Астарободӣ аслан пайрави шоирони пешин аст. Дар ашъори ӯ тарзи баёни Саъдӣ, Ҳофиз, Мавлавӣ, Хайём, Ҷомӣ, Ҳилолӣ ва дигарон мушоҳида мешавад. Дар рубоиёт, ғазалиёт ва умуман ашъораш содабаёнӣ, салосати гуфтор хеле писандида ва дилкаш ба назар мерасад. Саҳобӣ кӯшиш кардааст, ки ашъораш, аз ҷумла, рубоиёташ барои хонандагони одӣ қобили фаҳм бошад, то онҳо битавонанд бе душворӣ аз мақсаду мароми шоир воқиф шаванд. Шояд ин ҷо андешае пайдо шавад, ки рубоиёти адибони гузашта бояд аз рубоиёти халқӣ дар мазмуну муҳтаво ва

забону баён тафовут дошта бошанд. Дар бораи рубоиҳои халқӣ устод С. Айнӣ чунин навиштааст: «Рубоиёти халқӣ дар мазмун ва лирика аз классикҳо монданӣ надоранд» [58, с. 104]. Баъзе рубоиёти Саҳобии Астарободӣ низ бо услуби содаву равон эҷод шуда, дар латофату фасоҳат ва салосату малоҳат дубайтию таронаҳои халқиро ба хотир меоранд.

Масалан:

Рӯйи ту, к-аз ӯ чашми фалак ҳайрон аст,
Моҳест, ки хуршед дар ӯ пинҳон аст.
Зулфе, ки дар ӯ гирифта дилҳо ором,
Куфрест, ки сармояи сад имон аст [34, с. 553].

Дар қисме аз рубоиёти шоир, ки ба масоили мазҳабӣ ё ҳасби ҳолу васфи табиат ихтисос дода шудаанд, сухани ӯ ҷаззобияти дигар дорад, зеро каломаш аз дил бармехезад ва ба дил менишинад:

Дар миллати ишқ дину оинҳо чист?
Он ҷо, ки бувад меҳри Худо, кинҳо чист?
То чанд зи васлу ҳаҷр хоҳӣ гуфтан,
Ман бо туаму ту бо манӣ, инҳо чист? [34, с. 551].

Аз таҳлилу тадқиқ ва ҷустуҷӯ дар ашъори Саҳобии Астарободӣ дарёфтем, ки шоир дар сурудани ашъораш анъана ва услуби шуарои гузаштаро риоя кардааст. Чунонки дар бобҳои гузашта зикр карда шуд, шеъри Саҳобӣ миёни сабки ироқӣ ва сабки ҳиндӣ буда, аз вижагиҳои ҳар ду сабк бархурдор мебошад. Як нуктаро ёдовар шуд, ки аз нимаи дуввуми асри XVI ба сабаби муҳоҷирати форсзабонон, алалхусус, аҳли адаби Мовароуннаҳр ба Ҳиндустон, сабки ҳиндӣ ташаккул ёфт. Ин сабк баъдтар дар асрҳои XVII-XVIII дар Мовароуннаҳр, Хуросон ва Эрони Ғарбӣ пайравони зиёд пайдо кард. Намояндагони ин сабк Толиби Омулӣ, Соиби Табрезӣ, Абдулқодири Бедил ва дигарон бо мушоҳидаҳои орифонаву файласуфонаи худ ин сабкро рушду такомул бахшиданд. Бояд тазаккур дод, ки сабки Саҳобӣ нисбат ба дигар шуарое, ки пайравӣ кардааст, сода аст. Яке аз хусусиятҳои хоси шеъри ӯ ирсоли масал аст, ки асли сабки ҳиндист. Масалу ибора ва таркибҳои рехта, ки аслан хоси сабки ҳиндӣ

мебошанд, дар рубоиёт ва ғазалиёти шоир бисёр истифода шудаанд. Чунончи:

Гар зи оҳучашми худ сад тирборон дидаем,

Дар намеоем аз ҷо, гурги борондидаем [34, с. 428].

Ё ин ки:

Надорад ҷони ман рӯйи халосӣ з-он лаби ширин,

Магас парвоз натвонад, чу пояш ангубин гирад [34, с. 327].

Дар мавриди истифода аз санъати ирсоли масал ё ирсол-ул-масал дар рубоиёти шоир муҳаққиқ Ҳ. Ҳасанпур як нуктаро хуб таъкид карда, ҳамзамон, як рубоии шоирро мисол оварда ва гуфтааст: «Дар ҳавзаи бадеӣ-маънавӣ низ чун Саҳобӣ дар даврае мезиста, ки дар адвори адабӣ ба сабки ҳиндӣ мавсум аст ва наметавониста аз хасоиси сабки ин давра барканор буда бошад. Аз санъати ирсол-ул-масал бисёр зиёд истифода кардааст:

Раббулиззат Худост маъниҷӯро,

Аз меҳри падар чӣ суд нонекӯро?

Гӯсола намешавад ба ҷуз гӯсола,

Ҳарчанд, ки гов дӯст дорад ӯро» [159, с. 52].

Муҳаққик Ҳ. Ҳасанпур ирфон ва фалсафаи Саҳобиро ситоиш карда мегӯяд: «Матолибу мазомини ахлоқӣ, фалсафӣ ва динӣ аз дигар андешаҳое ҳастанд, ки бар рубоиёти ӯ (Саҳобӣ.–Б.М.) партав афкандаанд» [159, с. 55]. Аммо бо вуҷуди ин, зикр мекунад, ки шеъри ӯ аз лиҳози зебоӣ ва гироӣ ба пояи дигар шоирони сабки ҳиндӣ намерасад [159, с. 52]. Дар ҳақиқат, шеъри Саҳобӣ бо нозукхаёлони сабки ҳиндӣ, аз ҷумла, Назирӣ, Урфӣ, Толиб, Калим, Салим, Соиб, Сайидо ва дигарон қобили муқоиса нест, аммо ба ҳар ҳол ба назари мо дар миёни ашъори Саҳобӣ, бавижа рубоиёташ, байтҳое ба мушоҳида мерасанд, ки ҳам аз ҷиҳати зебоӣ ва ҳам аз ҷиҳати фалсафа аз ашъори дигар шоирони сабки ҳиндӣ кам нестанд. Албатта, ин қазоват дар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи мост, зеро дар сарчашмаҳои илмӣ ҳатто бепироя будани рубоиёти Хайём низ ишора шудааст. Масалан, Забеҳуллоҳи Сафо дар мавриди рубоиёти Умари Хайём менависад: «...рубоиҳое, ки битавон гуфт аз ӯст (Умари Хайём.–Б.М.),

бино бар дақиқтарин таҳқиқот аз миёнаи 150 то 200 рубоӣ таҷовуз намекунад. Ин рубоиҳо бисёр содаву беороиш ва дур аз тасаннуъу такаллуф. Ва бо ин ҳол мақрун ба камоли фасоҳату балоғат ва шомили маонии олию ҷазил дар алфоз мӯҷазу устувор аст» [142, с. 149]. Айнан ҳамин гуна баҳодиҳиро мо нисбат ба рубоиёти Саҳобӣ низ мебинем, ки дар боло зикр шуд. Аммо шеъри Саҳобӣ зебоӣ, оҳанг ва ҷаззобияти махсусро дорост, ки фақат хоси ашъори худи ӯст. Дигар ин ки дар баробари андешаҳои бикри ирфонию фалсафӣ дар таҳти сатрҳои ашъори шоир як навъ ҷаззобият ва танзи зебое низ нуҳуфтааст, ки таваҷҷуҳи хонандаро ҳар оина ба худ ҷалб менамояд:

Касро зи мақомаш хабаре мебояд,
К-аз сайри фалак мухтасаре мебояд.
Бар дӯши падар ба гиря тифле мегуфт:
К-эй бобоҷон, маро харе мебояд [38, с. 209 б].

Агарчи Саҳобӣ дар ашъори хеш масоили ирфониро бо истифодаи ифодаҳои гуногуни ирфонӣ ва аксаран пӯшида баён карда аст, аммо дарку фаҳми ашъори ӯ барои хонанда душвориҳои зиёд ба бор намеоварад. Ба ақидаи муҳаққиқ С. Ҳалимов: «Забони ашъори аввалини сӯфиёна хеле сода менамояд, сабабаш ин аст, ки шунавандагони маҷлисҳои онон асосан одамони бесавод, аҳли савдо ва ҳунармандони камсавод буданд. Бинобар ин, сӯфиён ва пирон аз забони модарӣ ва воситаҳои содаи тасвири он фоида бурда, ба ҳиссиёти шунавандагон таъсир мерасониданд. Аз ин ҷост, ки суфизм дар ҷамъияти феодалии асри миёна дар инкишофи забон ва семантикаи калимаҳо роли калон бозид» [158, с. 32-39]. Дар воқеъ, метавон ба андешаи муҳаққиқ С. Ҳалимов розӣ шуд, зеро аслан орифону сӯфиён эҷодиёти худро қабл аз ҳама дар хонақоҳҳо ва масҷидҳо ба самъи мардуми одӣ, ки иборат аз косибону савдогарон ва ҳунармандон буданд, мерасониданд. Аз таҳқиқ дар осори Саҳобӣ бармеояд, ки ашъори ирфонии Саҳобӣ, алалхусус, рубоиёташ, барои оммаи мардум хеле қобили фаҳм мебошанд. Агарчи гоҳ-гоҳ масоили фалсафию ирфонӣ бо баёни links мармуз ба

намоиш гузошта мешаванд, аммо ба дараҷаи муаммосароёни сабки ҳиндӣ нестанд. Чунончи:

Ҷамъе, ки ба қавли ҳам тарабнок шаванд,
Аз нури дилафрӯзии он пок шаванд.
Акнун ба вуҷуди ӯ ба ҳам муттафиқанд,
То ҳар яке охир ба куҷо хок шаванд [38, с. 222 б].

Шоир дар баробари рубоиёти фалсафию ирфонӣ, ҳамчунин рубоиёти ошиқона низ иншо кардааст, ки хеле дилчасп ва равон ҳастанд:

Эй шохи набот, аз куҷо меоӣ?
Ширинҳаракот, аз куҷо меоӣ?
Ту меоию мурда ҷон меёбад,
Эй оби ҳаёт, аз куҷо меоӣ? [34, с. 602].

Саҳобӣ бо вуҷуди талаботи замонаш барои мардумӣ кардани забони ашъораш саъю кӯшиши зиёде намудааст. Дар баробари истифодаи оёти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ ва баъзан калимоти арабӣ аз халқ гирифтани образ ва сюжетҳои рангоранг дар ашъори ӯ мушоҳида мегардад. Инчунин, ӯ аз забони рӯз, яъне, забони зиндаи халқ, калимаҳои содаву равон ва хушоҳанг, зарбулмасалу мақолҳои халқӣ баҳрабардорӣ кардааст. Хусусан, аз ганҷинаҳои ҳикмати мардумӣ фаровон истифода намудааст. Забоншинос Р. Ғаффоров бамаврид таъкид кардааст: «Яке аз муҳимтарин сарчашмаҳое, ки шоир барои афзоиши фасоҳат ва халқияти асарҳояш ҳамеша аз он истифода мебарад, сарвати бепоёни забони халқ, аз ҷумла, воҳидҳои фразеологист» [88, с. 105]. Дар рубоиёти Саҳобӣ зарбулмасалу мақолҳои намакину нишонраси халқӣ хеле зиёду бамаврид корбаст гардида, сабаби ҷаззобу дилпазир ва равону ҳамагир шудани шеърҳояш шудаанд. Масалан, дар рубоии зер ибораи рехтаи «ба ҳам ширу шакар будан» хеле хуб корбаст шудааст:

Мову ту ҳамеша ошиқи якдигарем,
Омехта хуш ба ҳам чу ширу шакарем.
Бо пойи ту сӯйи хештан меоем,

В-аз чашми ту дар ҷамоли худ менигарем [34, с. 585].

Таъбирҳои рехта ва зарбулмасалу мақолҳои мардумӣ агар, аз як тараф таъсири ашъори ӯро афзуда ва барҷаста карда бошад, аз сӯи дигар ба хонандагон завқи зебоишиносӣ бахшидааст. Гузашта аз ин, шоир тавассути санъатҳои бадеӣ моҳияти ҳодисаҳоро равшану шоирона ифода кардааст.

Ҳамзамон, дар ашъори Саҳобӣ калимот ва ибораҳои омиёнаро зиёд во мехӯрем, ки зебо ва бамаврид истифода шудаанд. Ҳасанпур дар мавриди корбурди калимоти омиёна дар рубоиёти Саҳобӣ чунин менигорад, ки дар ҷанбаи луғавии рубоиёти ӯ низ калимаҳои омиёна зиёд дида мешавад. Ин муҳаққиқ рубоиётеро мисол овардааст, ки калимаҳои «гов», «гӯсола», «саг», ки воқеан омиёнаанд, истифода шудаанд. Аз ҷумла:

Ҳар нафси баде нек шавад ирфонро,
Гар бишносӣ ҳакими соҳибшонро.
Саг аҳли маҳалларо бувад дарбоист,
Ҳарчанд ки дузд хуш надорад онро [159, с. 54].

Дар баробари ин, шоир барои боз ҳам дилнишин ва хотиррписанд гаштани ашъораш аз сувари гуногуни хаёл ва ороишоти адабӣ низ моҳирона истифода кардааст. Аз ҷумла, аз санъати талмеҳ, ташбеҳ, тамсил, тазод, такрор ва ғайра, ба таври табиӣ суд ҷустааст. Судҷӯӣ аз санъатҳои бадеӣ барои боз ҳам возеҳу барҷаста нишон додани ҷаҳони ботинӣ ва ҳолатҳои рӯҳии шоир ва қаҳрамонони лирикӣ имкон фароҳам сохтааст. Хусусан санъати такрор ин ғазали Саҳобиро шевову дилнишин кардааст:

Манам он нуқта, ки дар ҷумла давоир бошам,
Маҷлиси ҷаҳр шавам, шамъи сароир бошам.
Гаҳ зи ошиқ нигарон, гоҳ ба маъшуқ ниҳон,
Гоҳ оям ба сухан, гоҳ замоир бошам.
Гоҳ чун мӯр шавам бар сари ҳар раҳ помол,
Гаҳ Сулаймону бар ӯ сояи тоир бошам.
Гоҳ аз кисаи исрофи гадо харҷ шавам,
Гоҳ дар махзани шоҳона захоир бошам.

Гоҳ якто шаваму хонаи ваҳдат гирам,

Гоҳ бар гирди ҳарам касрати зоир бошам.

Гоҳ боло раваму рутбаи олӣ гирам,

Гоҳ адно шаваму появу соир бошам.

Чун шаҳиди ту шудам, маслиҳат он аст, ки ман

Карбалое шаваму сокини ҳоир бошам.

Вақти он аст, Саҳобӣ, ки қароре гирам,

Чанд саргаштаи ин гунбади доир бошам? [34, с. 469].

Саҳобӣ аз санъати суолу ҷавоб низ барои ороиши шеъраш истифода кардааст:

Гуфтам, ки чаман, гуфт, чаман, яъне ту,

Гуфтам, ки суман, гуфт, суман, яъне ту.

Гуфтам, ки ману ту чист дар маънии ишқ?

Гуфто, ки ту яъне ману ман, яъне ту [34, с. 595].

Хулоса, ашъори Саҳобӣ бо тарзу услуби хос эҷод шуда, дар ашъори ӯ оҳангҳои ошиқонаву орифона хуб ба ҳам гиреҳ хӯрдаанду зебо ва дилнишин ҷилва мекунанд. Муҳим ин аст, ки вай асосан масъалаҳои муҳимми зиндагӣ, мавзуъҳои панду ахлоқ, танқиди замон, адолатпарварӣ ва инсондӯстии худро ба забони сода, дастрас, оммафаҳм ва хушобуранги адабӣ баён кардааст. Дар ашъори шоир ва забону баёни ӯ дурдонаҳои зиёде ба чашм мехӯранд, ки хонандаро метавонанд ба дунёи зебои шеъру шоирӣ бибаранд. Ба қавли худи шоир:

Саҳобӣ, ҷони пуршӯри ту ҳангоми суханронӣ

Чу дарёе бувад, к-ӯ афканад дурру гуҳар берун [34, с. 491].

## ХУЛОСА

Пажуҳиши рӯзгор ва осори адабии Саҳобии Астарободӣ дар се боби диссертатсия моро ба чунин хулоса овард:

1. Саҳобии Астарободӣ яке аз намояндагони маъруфи адабиёти классикии форсии тоҷикии ҳавзаи адабии Ироқ дар асри XVI буда, ҳамчун шоир ва ориф дар адабиёти ин давр саҳми бориз дорад. Зиндагии шоир асосан ба давраи нобасомон ва хунину фоҷиабори салтанати Шайбониён ва Сафавиён рост меояд [1-М, 3-М].

2. Аҷдоди Саҳобии Астарободӣ аз тоҷикони Астаробод мебошанд, аммо ӯ дар Шуштар ба дунё омада, бо сабаби ҷангҳои хунин дар ҷавонӣ зодгоҳаш – Шуштарро абадан тарк карда, то нафаси охирин дар Наҷафи Ироқ зиндагӣ ва эҷод кардааст. Таҳсилоти ибтидоиро дар Шуштар гирифта, сипас дигар илмҳои замонашро дар Наҷаф аз худ менамояд ва ҳамчун шоир ва ориф машҳур мегардад. Соли 1601 мелодӣ дар Наҷаф вафот мекунад ва ҳамон ҷо дафн гардидааст [1-М, 3-М].

3. Доир ба сабки ашъори Саҳобӣ дар кишварҳои ҳамзабони мо мақолаҳо таълиф шуда, ашъораш низ чоп ва дастраси мардум гардидааст. Дар Тоҷикистон ба сабаби дастрас набудани осораш аз назари таҳқиқ дур мондааст ва барои мардуми мо шоири гумном маҳсуб мегардад [4-М, 5-М].

4. Дастхатҳои осори шоир дар китобхона ва осорхонаҳои Британия, Покистон, Ҳиндустон ва Эрон маҳфуз буда, ба хатти худи шоир ва дигар хаттотон навишта шудаанд. Дар Тоҷикистон танҳо дар нусхаҳои қаламии баёзу тазкираҳо ва дигар маҷмуаҳо ашъори шоирро метавон дастрас намуд [5-М, 15-М].

5. Осори шоир ҷанбаи ирфонию фалсафӣ дошта, асоси эҷодиёти адабии ӯро рубоиёт ва ғазалиёт ташкил медиҳад, ки дар боби дуюм ва сеюми диссертатсия мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Гарчанде ки осори ӯ хеле дер мавриди пажуҳиши илмӣ қарор гирифта бошад ҳам, баргардонии

қисме аз ашъораш бо хаттӣ кириллӣ ва тавассути рӯзномаву маҷаллаҳо пешкаши оммаи хонандагон намудани онҳо фоли нек аст [6-М, 7-М].

6. Саҳобии Астарободӣ аслан пайрави бузургони адабиёти классики форсии тоҷикӣ Умари Хайём, Саъдии Шерозӣ, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Бадриддини Ҳилолӣ ва амсоли инҳо буда, истеъдоди фитрӣ, омӯзиши осори олимону орифон ва бузургони Шарқу Ғарб, саъйю талош дар ҷодаи шеъру шоирӣ ӯро ба дараҷаи баланди шоирию устодӣ расонида, ҳамчун ориф овозадор кардааст [12-М].

7. Ӯ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ адибе ҳисобида мешавад, ки рубоиёти зиёд сурудааст. То замони мо аз ӯ 6 255 рубоӣ ба мерос мондааст. Шоир аслан бо рубоиёти ҷаззоб ва пуршӯри ишқию ирфониаш машҳур гардида, дар аксари тазкираву манобеъи таърихӣ ҳамчун рубоисарои машҳур зикр гардидааст. Ҳамзамон, дар баробари рубоиёт 535 ғазалаш низ имрӯз дастрас аст, ки 2800 байтро ташкил медиҳад [5-М].

8. Саҳобӣ илова бар рубоиёт ва ғазалиёт, маснавие ба шоҳ Аббоси Сафавӣ навиштаву бахшидааст. Инчунин, рисолае бо назму наср бо номи «Урват-ул-всуқо» эҷод кардааст, ки аз 600 байт иборат аст. Маснавие, ки ба шоҳ Аббосӣ I бахшидааст, фарогири мазмуни ирфонӣ аст. Маснавии мазкур дар аввали куллиёти ӯ ҷойгир буда, ба шумори байти тазминшудаи «Бишнав аз най...», аз маснавии Мавлавӣ 343 байтро ташкил медиҳад [15-М].

9. Фаъолияти эҷодии шоир ба давраи охири сабки ироқӣ ва пайдоиши сабки ҳиндӣ рост меояд. Бино бар ин, дар ашъори ӯ вижагиҳои сабки ҳиндӣ низ ба мушоҳида мерасад [5-М, 7-М].

10. Ашъори ӯ ҳунари шоир ва орифи бузург будани ӯро бозгӯ мекунад. Ҷавҳари асосии эҷодиёташро андешаҳои орифона ва ҳакимона ташкил медиҳад [6-М, 7-М].

11. Рубоиёти Саҳобӣ ба меъёрҳои навъи рубоӣ посухгӯ буда, ӯ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ҳамчун шоири пурмаҳсул, моҳир ва

пурҳунар шинохта шудааст. Хусусан, дар замони худ миёни адибон маъруфият доштааст [5-М].

12. Таҳқиқот нишон дод, ки бархе аз рубоиёти Саҳобии Астарободиро ба Умари Хайём, Абусаиди Абулхайр, Ибни Ямин ва Бобо Афзалуддини Кошонӣ нисбат додаанд. Муайян кардани интисоби рубоиёти Саҳобӣ ба шоирони зикршуда кори мушкил аст [5-М, 7-М].

13. Ашъори Саҳобӣ қарнҳо пеш эҷод шуда бошанд ҳам, аммо имрӯз низ онҳо аҳаммияти маънавию эстетикии худро аз даст надодаанд. Башариятро сӯйи некию накукорӣ, ваҳдату худшиносӣ даъват намуда, таблиғгари сифатҳои ҳамидаи инсониянд. Хусусан, рубоиёти шоир дар замони ҷаҳонишавӣ, бархӯрди тамаддунҳо ва ихтилофоти мазҳабию динӣ мақоми хос пайдо карда, хонандаро ба дурӣ ҷустан аз ҳама гуна ихтилофоту таассуботи динию мазҳабӣ ҳидоят мекунанд [3-М, 9-М].

14. Саҳобии Астарободӣ, новобаста ба нобасомониҳои замон, қатлу куштори Сафавиёну Шайбониён дар ашъораш руҳияи шахсии худ ва ҳолати иҷтимоии замонашро ба қалам дода, ҳеҷ гоҳ ба таърифу тавсифи амирону ҳокимони давр даст назадааст. Дар ҳолатҳои яъсу ноумедӣ шоир дар худ фурӯ рафта, ҳолати руҳии худро ба воситаи рубоӣ ва ғазал баён карда, хешро дар хеш ҷуста, бештар ғазали орифонаву ошиқона суруда, аз мадҳу санои ҳокимони замонаш ба куллӣ дурӣ ҷустааст [6-М, 15-М].

15. Агарчи дар ашъораш аз ишқи заминӣ низ сухан меравад, вале асоси шеъри шоирро ирфон ташкил дода, сарчашмаи рубоиёту ғазалиёти ӯ ишқию ирфонӣ, яъне, илоҳист [6-М].

16. Асоси шеъри Саҳобиро худшиносӣ, худошиносӣ, қаноату хештандорӣ, мардонагӣ, сабру таҳаммул, дӯст доштан, ишқи поку беолоиш, муҳаббат варзидан, некию накукорӣ, дар роҳи ҳақ ва ҳақиқат зиндагӣ кардан, дур будан аз бухлу кина ташкил медиҳад. Ӯ суханвари ошиқу орифи дилсӯхта ва вораста буда, дар ашъораш баднафсию дунёталабӣ, худбинию такаббур, таъна задан, дурӯғгӯию фитнагарӣ, мардумозорӣ ва дигар амалҳои бади инсонӣ сахт мазаммат шудаанд [5-М].

17. Саҳобии Астарободӣ бо забони содаю равон асар эҷод кардааст. Шеъри ӯ мисли дигар шоирони гузашта, бавижа адибони асрҳои XVI-XVII аз забони меъёрӣ ва мардумӣ маншаъ мегирад. Шоир дар эҷоди рубоӣ ва ғазал пайрави шоирони сӯфимашраб ва ориф буда, ашъори ӯ барои омма қобили фаҳм аст. Ӯ аз таъбиру иборахои мардумӣ, зарбулмасалу мақол, калима ва иборахои зиндаи гуфтугӯйӣ фаровон истифода бурдааст. Дар ашъораш ширинӣ ва нозукии забони модарияш хеле хуб инъикос гардидааст [4-М].

18. Саҳобии Астарободӣ бо рубоиёт ва ғазалиёти дилнишинаш тавонистааст, ки дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ номи худро ҳамчун рубоисаро ва ғазалсаро сабт намояд. Алалхусус, рубоиёти ӯ бо услуби хоси худ мақому мартабаи намоёнро соҳиб буда, агарчи ба дараҷаи рубоиёти Хайём намерасанд ва нисбат ба рубоиёти вай бепироятаранд, аммо хонандаро ба андеша кашида, ӯро водор месозанд, ки доир ба коинот, яъне оламу одам, ҳаёти иҷтимоӣ, ранҷу дарди рӯзгор ва ҳолати равонии орифону шоирон биандешад [7-М].

19. Ниҳоят, Саҳобии Астарободӣ аке аз шоирони сермаҳсули адабиёти форсии тоҷикӣ буда, дар аксари жанрҳои шеърӣ, аз ҷумла рубоӣ, ғазал, маснавӣ ва наср қувваозмоӣ карда, осори хубу хонданӣ ва мондагор офаридааст. Ин аз шоири тавоно ва истеъдоди баланди шоирии ӯ дарак медиҳад. Аз ин рӯ, месазад, ки осори Саҳобӣ мавриди таҳқиқи ҳамаҷониба қарор бигирад, паҳлуҳои норавшани ҳаёту фаъолияти эҷодии ӯ мавриди пажуҳиш қарор дода шаванд [5-М, 15-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

Аз таҳқиқи мавзуъ ва масъалаҳои баррасигардида бармеояд, ки рӯзгор ва осори Саҳобии Астарободӣ ҳанӯз ҳам пурра омӯхта нашудааст. Зеро ӯ дар илми адабиётшиносӣ як чеҳраи нав маҳсуб мегардад. Аз ин рӯ, дастовард, натиҷагириҳои илмӣ ва дурнамои мавзуи таҳқиқиро ҷамъбаст намуда, барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ба таври зайл тавсияҳо пешниҳод карда мешаванд.

1. Ашъори Саҳобии Астарободӣ дорои афкору орои мутараққӣ буда, шоир дар онҳо ишқи пок, некию накукорӣ, ростию ростқавлӣ, зебоӣ ва дигар сифатҳои неки инсониро васф карда, одамонро ба роҳи рост раҳнамун гашта, аъмоли бади инсониро мавриди мазаммат қарор медиҳад. Аз ин рӯ, дастраси омма гардонидани рӯзгору осори шоир муфид аст;
2. Диссертатсияи мо дар омӯзиши адабиёти асрҳои XVI-XVII, алалхусус дар шинохти Саҳобии Астарободӣ ва мероси адабии ӯ мусоидат менамояд;
3. Рубоиёти Саҳобӣ ба тамоми меъёрҳои жанри рубоӣ посухгӯ буда, ӯ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ҳамчун шоири пурмаҳсул, моҳир ва пурҳунар шинохта шудааст. Хусусан, дар замони худ миёни адибон маъруфияти хоссае доштааст;
4. Таҳқиқоти мо дар сарчашмаҳои гуногун нишон дод, ки зиёда аз 40 дастхатти маҷмуаи осори Саҳобии Астарободӣ бо теъдоди гуногуни рубоиёту ғазалиёт ва ҷойгиршавии маснавию рисолаи «Урват-ул-вусқо» дар китобхонаву осорхонаҳои Ҳиндустон, Покистон, Британия ва Эрон мавҷуданд. Диссертатсия барои муҳаққиқони оянда сарчашмаҳои муътамадро пешниҳод менамояд;
5. Дастовардҳо ва баррасиҳои дар диссертатсия суратгирифта дар омӯзиши таърихи адабиёти классикии тоҷик, дарсҳои махсуси факултетҳои филология, муассисаҳои олии таълимии ҷумҳурӣ, ба магистрантон, унвонҷӯёни дараҷаҳои илмӣ ва муҳаққиқони баъдӣ ёрӣ расонида метавонанд;

6. Мавзуъҳои иҷтимоӣ ва панду ахлоқ дар осори Саҳобии Астарободӣ мавқеи муҳим дошта, муассисаҳои таҳсилоти миёна, касбӣ ва олии кишвар дар дарсҳои тарбиявӣ, маърифати оиладорӣ, педагогика, этика ва эстетика низ ба сифати маводи раҳнамо ва маърифатию тарбиявӣ аз ашъори иҷтимоӣ ва пандуахлоқии шоир метавонанд истифода намоянд;

7. Ҳикматшиносон метавонанд андешаҳои ҳакимонаи шоирро пажуҳиши алоҳида намоянд, зеро сарчашмаҳои таърихӣ шоирро ҳамчун рубоисарои файласуф ва орифи шефтаву маҷзуб васфу сабт кардаанд;

8. Дар маҷмуъ, Саҳобии Астарободӣ бо осори худ дар рушди адабиёти асрҳои XVI-XVII саҳми назаррас гузошта, таълифи ин диссертатсия қадамҳои нахустин дар таҳқиқ ва шинохти рӯзгору осори адиб аст. Албатта, дар доираи як диссертатсияи номзадӣ баррасӣ ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи эҷодиёти ин ва ё он адиб имкон надорад. Аз ин рӯ, таҳқиқи густарда ва фарогири самтҳои дигари фаъолияти эҷодии Саҳобии Астарободӣ аз ҷумлаи мавзуъ ва масъалаҳои мубрами илми адабиётшиносӣ дар оянда маҳсуб мегардад.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## I. Сарчашмаҳо


1. Аттор, Нишопурӣ. Гузидаи Тазкират-ул-авлиё: ҳудуди 540-617 ҳ.қ. [Матн] / Аттори Нишопурӣ; Ба кӯшиши доктор Истиъломӣ М. – Теҳрон: Ширкати сиҳомии китобҳои ҷайбӣ, 2536. – 562 с.
2. Баёз: нусхаи дастнавис. – Маҳфуз дар Маркази мероси хаттии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. –№758.
3. Бедил, Абдулқодир. Мунтахабот [Матн] / Абдулқодири Бедил. – Душанбе, «Адиб», 2018, 480 с.
4. Бедил, Абдулқодир. Осор: Ғазалиёт [Матн] / Абдулқодири Бедил. – Душанбе: Адиб, 2004. – Ҷ.4. – 436 с.
5. Бедил, Абдулқодир. Рубоиёт: Мунтахаб [Матн] / Абдулқодири Бедил. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1961. – 123 с.
6. Бухороӣ, Носир. Мунтахабот [Матн] / Носири Бухороӣ. – Душанбе: Адиб, 1996. – 432 с.
7. Билгиромӣ, Сайид Муҳаммадҳасан. Хиёбони ирфон [Матн] / Сайид Муҳаммадаҳасани Билгиромӣ; Баргардон ва таҳияи Иброҳими Наққош. – Душанбе: Истеъдод, 2019.– Ҷ.1. – 220 с.
8. Биноӣ, Камолиддин. Ҳикоёт ва тамсилот [Матн] / Камолиддини Биноӣ. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – 218 с.
9. Восифӣ, Зайниддин Маҳмуд. Бадоеъ-ул-вақоеъ [Матн] / Зайниддин Маҳмуди Восифӣ. – Душанбе: Адиб, 2017. – 480 с.
10. Гулшани адаб: Асрҳои XVI то XVIII. – Душанбе: Ирфон, 1977. – Ҷ. 4. – 384 с.
11. Гулшани адаб [Матн]: Намунаҳои назми форсу тоҷик асрҳои IX-XIII. – Душанбе: Ирфон, 1975. – Ҷ.1. – 496 с.
12. Гупомувӣ, Қудратуллоҳ. Натоиҷ-ул-афкор [Матн] / Муҳаммад Қудратуллоҳи Гупомувӣ.–Бомбей: Чопхонаи Султонӣ, 1336. – 800 с.

13. Деҳхудо, Алиакбар. Луғатномаи Деҳхудо [Матн] / Алиакбар Деҳхудо; Зери назари доктор Муҳаммад Муин ва доктор Саид Ҷаъфари Шаҳидӣ.– Теҳрон, Муассисаи Луғатномаи Деҳхудо, Муассисаи интишорот ва чопи Донишгоҳи Теҳрон, 1377.– Ҷ.9. –14464 с.

14. Доғистонӣ, Вола. Риёз-уш-шуаро. (Иборат аз чаҳор ҷилд) [Матн] / Волаи Доғистонӣ; Муқаддима, тасҳеҳ ва таҳқиқи Муҳсин Ноҷии Насрободӣ. Баргардонандаи матн ба хатти кириллии тоҷикӣ Мисбоҳиддини Нарзиқул ва Бобоева Озода Имомқуловна. – Душанбе: 2018. – Ҷ. 2, – 776 с.

15. Донишномаи фарҳанги мардуми тоҷик. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2017. – Ҷ.2. – 760 с.

16. Зуҳурӣ, Туршезӣ. Рубоиёт [Матн] / Зуҳурии Туршезӣ; Ба тасҳеҳи А.Беҳдорванд. – Теҳрон: Мавло, 1388. – 188 с.

17. Ибни Ямин, Фарюмадӣ. Девони ашъор [Матн] / Ибни Ямини Фарюмадӣ; Ба тасҳеҳ ва эҳтимоми Ҳусайналии Бостонирод. – Теҳрон: Чопхонаи Ҳайдарӣ, 1344. – 733 с.

18. Ироқӣ, Фахриддин. Маҷмуаи осор [Матн] / Фахриддини Ироқӣ; Бо саъю иҳтимоми Насрин Муҳташами Хузоъӣ. – Теҳрон, 1372. – 674 с.

19. Кошифӣ, Ҳусайн Воиз. Футувватномаи султонӣ [Матн] / Ҳусайн Воизи Кошифӣ. – Душанбе: Дониш, 2010. – 271 с.

20. Муҳаммад, Ғиёсиддин. Ғиёс-ул-луғот [Матн] / Ғиёсиддин Муҳаммад. – Душанбе: Адиб, 1988.– Ҷ.2. – 416 с.

21. Муҳаммад, Қабул. Ҳафт қулзум [Матн] / Қабул Муҳаммад. – Лакҳнав, 1891. – Ҷ.7. –154 с.

22. Нафисӣ, Саид. Рубоиёти Бобо Афзали Кошонӣ [Матн] / Саид Нафисӣ. –Теҳрон: Пахш ва интишороти Форобӣ, 1363. – 199 с.

23. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-аҷам [Матн] / Шиблии Нуъмонӣ; Тарҷумаи Саид Муҳаммадтақӣ Фахри Доии Гелонӣ. – Чопи сеюм. – Теҳрон: Дунёи китоб, 1336.– Ҷ.5.– 196 с.

24. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-аҷам [Матн] / Шиблии Нуъмонӣ; Тарҷумаи Саид Муҳаммадтақӣ Фахри Доии Гелонӣ. – Теҳрон: Ширкати саҳомии чопи рангин, 1334.– Ҷ.3.– 191 с.
25. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-аҷам [Матн] / Шиблии Нуъмонӣ; Тарҷумаи Саид Муҳаммадтақӣ Фахри Доии Гелонӣ. – Чопи дуюм. – Теҳрон: Ширкати саҳомии чопи рангин, 1336.– Ҷ.4.– 254 с.
26. Нуъмонӣ, Шиблӣ. Шеър-ул-аҷам [Матн]: (Иборат аз панҷ ҷилд) / Шиблии Нуъмонӣ; Тарҷумаи Саид Муҳаммадтақӣ Фахри Доии Гелонӣ; таҳияи Абдухолиқ Набавӣ. - Душанбе: ДОТТ, 2015. – Ҷ. 3,4,5. – 576 с.
27. Озар, Лутфалибеки Бекдилӣ. Оташкада [Матн] / Лутфалибек Озари Бекдилӣ; Ба тасҳеҳ, таҳия ва таъликоти Ҳ. С. Носирӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1337. – 944 с.
28. Озарӣ, Тӯсӣ. Ҷавоҳир-ул-асрор [Матн]: Нусхаи дастнавис / Озарии Тӯсӣ. – Маҳфуз дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон. –№1916.
29. Розӣ, Амин Аҳмад. Ҳафт иқлим [Матн] / Амин Аҳмади Розӣ. – Теҳрон: Суруш, 1378. – Ҷ.2. –1443 с.
30. Розӣ, Шамси Қайс. Ал-муъҷам [Матн] / Шамс Қайси Розӣ; Ҳозиркунандаи чоп У. Тоиров. – Душанбе: Адиб, 1991. – 464 с.
31. Румӣ, Ҷалолиддин. Маснавии маънавӣ [Матн]: Дафтари аввал / Ҷалолиддини Румӣ.–Душанбе: Ирфон, 2007. – 240 с.
32. Румӣ, Ҷалолиддин. Рубоиёт [Матн] / Ҷалолиддини Румӣ; Мураттиб ва муаллифи сарсухан З. Зарифов. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 96 с.
33. Сархуш, Муҳаммадафзал. Калимот-уш-шуаро [Матн] / Муҳаммадафзали Сархуш; Баргардонандаи матн ба хатти кириллии тоҷикӣ ва шарҳи луғоту тавзеҳоти доктори илми филология, профессор Абдушукури Абдусаттор.–Душанбе: Торус, 2018. – 224 с.
34. Саҳобӣ, Астарободӣ. Девони ғазалиёт [Матн] / Саҳобии Астарободӣ; ба кӯшиши А. Беҳдорванд. – Теҳрон: Заввор, 1387. – 602 с.
35. Саҳобӣ, Астарободӣ. Девони ғазалиёт [Матн]: Дастхат / Саҳобӣ. – Маҳфуз дар Китобхонаи Маҷлиси шурои миллии Эрон. –№74664.

36. Саҳобӣ, Астарободӣ. Девони ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ [Матн] / Саҳобии Астарободӣ; ба кӯшиши Ҳ.Ё. Ҷавоҳирӣ. – Машҳад: Чопхонаи Тӯс, 1348. –184 с.
37. Саҳобӣ, Астарободӣ. Девони рубоиёти Саҳобии Астарободӣ [Матн]: Дастхат / Саҳобии Астарободӣ. – Маҳфуз дар Китобхонаи Маҷлиси шурои миллии Эрон. –№1087.
38. Саҳобӣ, Астарободӣ. Куллиёт [Матн]: Дастхат / Саҳобии Астарободӣ. – Маҳфуз дар Китобхонаи Маҷлиси шурои миллии Эрон. – №87382.
39. Соиб, Мирзо Муҳаммадалӣ. Мунтахабот [Матн] / Мирзо Муҳаммадалии Соиб; Мураттибон З. Аҳрорӣ, Ш. Лоиқ. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 704 с.
40. Хайём, Умар. Расоили фалсафӣ [Матн] / Умари Хайём; Тарҷума аз арабӣ, таҳия, таҳқиқ ва тавзеҳоти С. Сулаймонов. – Душанбе: Ирфон, 2000. – 320 с.
41. Хайём, Умар. Рубоиёт [Матн] / Умари Хайём; Таҳияи Иброҳими Наққош. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 44 с.
42. Хайём, Умар. Рубоиёт [Матн]: Ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ / Умари Хайём. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи миллии тоҷик, 2009. – 471 с.
43. Хайёмпур, Абдурасул. Фарҳанги суханварон [Матн] / Абдурасули Хайёмпур.–Теҳрон: Талоя, 1368.– Ҷ.1.–484 с.
44. Хайёмпур, Абдурасул. Фарҳанги суханварон [Матн] / Абдурасули Хайёмпур.–Теҳрон: Талоя, 1372.– Ҷ.2.–1022 с.
45. Хушгӯ, Биндробан Дос. Сафинаи Хушгӯ [Матн]: Дастхат / Биндробан Доси Хушгӯ. – Маҳфуз дар Китобхонаи Маҷлиси шурои миллии Эрон.– №4820.
46. Ҳидоят, Ризоқулихон. Маҷмаъ-ул-фусаҳо [Матн] / Ризоқулихони Ҳидоят; Ба кӯшиши М. Мусаффо. – Теҳрон: Амири Кабир, 1339. – 486 с.
47. Ҳидоят, Ризоқулихон. Равзат-ус-сафои носирӣ [Матн] / Ризоқулихони Ҳидоят. – Теҳрон, 1339. – 504с.

48. Ҳидоят, Ризоқулихон. Риёз-ул-орифин [Матн] / Ризоқулихони Ҳидоят; Ба кӯшиши Меҳралӣ Гургонӣ. – Теҳрон: Заҳро, 1344. – 631 с.
49. Ҳилолӣ, Бадриддин. Ғазалиёт ва рубоиёт [Матн] / Бадриддини Ҳилолӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2011. – 200 с.
50. Ҳилолӣ, Бадриддин. Девон [Матн] / Бадриддин Ҳилолӣ. – Душанбе: «Адиб», 2016.– 480 с.
51. Ҳофиз, Шерозӣ. Девон (Ахтарони адаб) [Матн] / Ҳофизи Шерозӣ. – Душанбе: Адиб, 2015. – 480 с.
52. Ҳофиз, Шерозӣ. Куллиёт [Матн] / Ҳофизи Шерозӣ. – Теҳрон: Нашри замон, 1379/2001. – 356 с.
53. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Нафаҳот-ул-унс мин ҳазарот-ил-қудс [Матн] / Абдурраҳмони Ҷомӣ. – Душанбе: Пайванд, 2013. – 872 с.
54. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Мунтахаби ғазалиёт [Матн] / Абдурраҳмони Ҷомӣ. – Душанбе: Адиб, 2016. – 480 с.
55. Шарҳи рубоиёти Ҷомӣ [Матн] / Ба тасҳеҳ, муқаддима ва таъливқоти М. Ҳиравӣ. – Кобул: Интишороти анҷумани Ҷомӣ, 1343. – 98 с.

## II. Адабиёти илмӣ-таҳқиқотӣ

56. Абдуллоев, А. Сабақи Рӯдакӣ [Матн]: Китоби якум / А. Абдуллоев. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 300 с.
57. Абдусатторов, А. Таҳаввул ва ташаккули жанри рубоӣ дар адабиёти форс-тоҷик [Матн] / А. Абдусатторов. – Душанбе: Ирфон, 2017. – 408 с.
58. Аз мактубҳои С. Айнӣ ба адибони тоҷик // Шарқи сурх.–1956.–№4.–С.100.
59. Айнӣ, К. Дирӯз ва имрӯз [Матн]: Маҷмӯаи мақолаҳо / К. Айнӣ. – Душанбе: Адиб, 1989. – 288 с.
60. Айнӣ, С. Восифӣ ва хулосаи «Бадоеъ-ул-вақоеъ» [Матн]: Куллиёт / С. Айнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1977. – Ҷ.13. – 430 с.
61. Айнӣ, С. Ёддоштҳо [Матн] / С. Айнӣ. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1954. – Қ.IV. – 426 с.

62. Акимушкин, О.Ф. Описание персидских и таджикских рукописей Института востоковедения РАН: Поэтические сборники, альбомы [Текст] / О.Ф. Акимушкин. – М.: Наука. Изд. Вост. Литр, 1993. – Вып. 10. – 300 с.
63. Аҷамӣ, М. Тафаккур ва ҳис дар шеър [Матн] / М. Аҷамӣ. –Душанбе: Адиб, 2008. – 295 с.
64. Амонов, Р. Рубоиёти мардумӣ ва рамзҳои бадеӣ [Матн] / Р. Амонов; Баргардон аз сирилик ба форсӣ Р. Раҷабӣ. – Теҳрон: Суруш, 1371. – 386 с.
65. Амонов, Р. Рубоиёти халқӣ ва рамзҳои бадеӣ [Матн] / Р. Амонов. – Душанбе: Дониш, 1987. – 296 с.
66. Амонов, Р. Ҳақиқати зиндагӣ ва ҳақиқати бадеӣ [Матн]: Маҷмӯаи мақолаҳо / Р. Амонов.. – Душанбе: Ирфон,1987. – 352 с.
67. Арши сухан Гулчин аз китоби «Рубоинома» [Матн] / Мураттиб Муҳаммад Ғоиб. – Душанбе: Адиб, 2022. – 112 с.
68. Асрорӣ, В. Амонов, Р. Эҷодиёти даҳанакии халқи тоҷик [Матн]: фолклори тоҷик / В. Асрорӣ, Р. Амонов. – Душанбе: Маориф, 1980. – 304 с.
69. Асрорӣ, В. Жанрҳои хурди фолклори тоҷик [Матн] / В. Асрорӣ. – Душанбе: Маориф, 1990. – 255 с.
70. Атахонов, Т. Фарҳанги истилоҳоти адабиётшиносӣ [Матн] / Т. Атахонов. – Душанбе: Шарқи озод, 2002. – 453 с.
71. Афсаҳзод, А. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри XV [Матн] / А. Афсаҳзод. – Душанбе: Дониш, 1987. – 260 с.
72. Афсаҳзод, А. Камоли Хуҷандӣ – устоди ғазал [Матн] / А. Афсаҳзод; Таҳияи Аббоси Афсаҳзод. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 220 с.
73. Афсаҳзод, А. Рӯзгор ва осори Абдураҳмони Ҷомӣ [Матн] / А. Афсаҳзод. –Душанбе: Дониш, 1981. – 160 с.
74. Афсаҳзод, А. Ҷомӣ – шоири ғазалсаро [Матн] / А. Афсаҳзод. – Душанбе: Маориф, 1989. – 256 с.
75. Аҳмадов, М. Насри ахлоқӣ-бадеии Ҳусайн Воизи Кошифӣ [Матн] / М. Аҳмадов. – Душанбе, 2006. – Қ.1. – 140 с.
76. Аҳрорӣ, З. Мушфиқӣ: Ҳаёт ва эҷодиёт [Матн] / З. Аҳрорӣ. – Душанбе: Дониш, 1978. – 273 с.

77. Бахтин, М.М. Вопросы литературы и эстетики [Текст] / М.М. Бахтин. – М.: Художественная литература, 1975. – 470 с.
78. Баҳор, Муҳаммадтақӣ. Сабкшиносӣ ё таърихи татаввури насри форсӣ [Матн] / Муҳаммадтақии Баҳор. – Теҳрон: Муассисаи интишоротии Амири Кабир, 1379. – Ҷ.3. – 451 с.
79. Бертельс, Е.Э. История персидско – таджикской литературы: Избр. труды [Текст] / Е.Э. Бертельс. – М.: Наука, 1960. – Т. 1. – 555 с.
80. Бертельс, Е.Э. Персидская касыда в Иране и её связи с развитием изобразительного искусства [Текст] / Е.Э. Бертельс // Иранское искусство и археологии.– М.–Л., 1939. – С.26-30.
81. Бертельс, Е.Э. Советское востоковедение [Текст] / Е.Э. Бертельс. – М., 1948.– Т.5.– 227 с.
82. Болдырев, А.Н. Зайниддин Васифи. Таджикский писатель XVI в. [Текст]: Опыт творческой биографии / А.Н. Болдырев. – Сталинабад: Таджикгосиздат, 1957. – 356 с.
83. Брагинский, И.С. О возникновении газели в персидско–таджикской литературе [Текст] / И.С. Брагинский // Из истории таджикской и персидской литературы. – М.: Наука, 1972. – 524 с.
84. Восеъ, Қ. Ойини риндӣ ё маслаки Ҳофиз [Матн] / Қ. Восеъ. – Душанбе: Ирфон, 1991. – 192 с.
85. Воҳидов, С. Равобити адабии халқҳои тоҷик ва ӯзбек дар асри XV [Матн]: Дар асоси «Хамсат-ул-мутаҳаййирин»-и Навоӣ / С. Воҳидов. – Душанбе: Ирфон, 1973. – 131 с.
86. Ғафуров, Б. Тоҷикон: Таърихи қадим, асрҳои миёна ва давраи нав [Матн] / Б. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1988. – Ҷ.2. – 413 с.
87. Ғаффоров, А. Назми форсизабони Ҳинду Покистон дар нимаи дуюми асри XIX ва асри XX [Матн] / А. Ғаффоров. – Душанбе: Дониш, 1975. – 141 с.
88. Ғаффоров, Р. Нависанда ва забон [Матн] / Р. Ғаффоров. – Душанбе, Ирфон, 1977. – 208 с.

89. Ғаффорова, З. Масъалаҳои ҳиндшиносӣ ва равобити адабӣ: Маҷмӯаи мақолот [Матн] / З. Ғаффорова. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2011. – 299 с.
90. Ғаффорова, З. Ташаккул ва инкишофи адабиёти форсизабони Кашмир дар асрҳои XVI-XVII [Матн] / З. Ғаффорова. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2001. – 575 с.
91. Ғубор, Мир Ғуломмуҳаммад. Афғонистон дар масири таърих [Матн] / Мир Ғуломмуҳаммади Ғубор. – Теҳрон: Муассисаи интишоротии Ирфон, 1390. – Ҷ.1. – 608 с.
92. Ғубор, Мир Ғуломмуҳаммад. Афғонистон дар масири таърих [Матн] / Мир Ғуломмуҳаммади Ғубор; Талхис аз Муҳаммадҳайдари Авранг. – Душанбе, 1379. – Ҷ.1. – 183 с.
93. Давлатов, М. Ғазал ва анъанаи он дар эҷодиёти устод Абулқосим Лоҳутӣ [Матн] / М. Давлатов. – Душанбе: Дониш, 1973. – 190 с.
94. Жуковский, В.А. Омар Хайям и «странствующие» четверостишия [Текст] / В.А. Жуковский // Ал-Музаффария: Сб. статей учеников / В.Р. Розена. – СПб., 1897. – С. 325-363.
95. Забардаст, Э. Ҳаёти дубораи рубоӣ [Матн] / Э. Забардаст; Ба кӯшиши М. Уҷоқӣ ва Б. Хуррамшоҳӣ. – Душанбе: Шаҳпар, 2012. – 41 с.
96. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан [Матн] / Т.Зеҳнӣ. – Душанбе: Маориф, 1992. – 304 с.
97. Ибни Хурдодбеҳ. Масолик ва мамолик [Матн] / Ибни Хурдодбеҳ. Тарҷумаи Саъид Хокранд. Баргардонкунанда аз хатти форсӣ ба кириллӣ Некрӯз Сафарзода. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи Миллии Тоҷик, 2022.–232 с.
98. Ибодуллоев, Б. Бадриддин Ҳилолӣ [Матн] / Б. Ибодуллоев. – Хуҷанд: Ленинабадская, 2000. – 141 с.
99. История Самарканда. В двух томах [Текст] / Ответственний редактор И.М. Муминов. – Ташкент: Издателство «Фон» Узбекской ССР, 1969. – Т.I. – 505 с.

100. Кадканӣ, Муҳаммадризо Шафеӣ. Мусиқии шеър [Матн] / Муҳаммадризо Шафеии Кадканӣ. – Теҳрон: Муассисаи интишороти «Огоҳ», 1373. – 679 с.
101. Камол, Ҳ. Як сада набардҳо барои тасаллути Хуросон миёни Шайбония ва Сафавия: Фарҳанг ва ҳунари Исфаҳон дар садаҳои XVI-XVII [Матн] / Ҳ. Камол. – Душанбе: Контраст, 2007. – 320 с.
102. Каримов, У. Адабиёти тоҷик дар асри XVI [Матн] / У. Каримов. – Душанбе, 1985. – 228 с.
103. Мақсудов, Б. Рӯзгор ва осори Камоли Хуҷандӣ [Матн] / Б. Мақсудов. – Душанбе, 1994. – 163 с.
104. Мақсудов, Б. Ҷустуҷӯ дар аҳвол ва осори Ироқӣ [Матн] / Б. Мақсудов. – Душанбе: Пайванд, 2009. – 555 с.
105. Мирзоев, А. Аз таърихи муносибатҳои адабии Мовароуннаҳр ва Ҳинд [Матн] / А. Мирзоев // Садои Шарқ. – 1964. – №5 (34). – С. 35.
106. Мирзоев, А. Биноӣ [Матн] / А. Мирзоев. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1957. – 491 с.
107. Мирзоев, А. Рӯдакӣ ва инкишофи ғазал дар асрҳои X-XV: Сездаҳ мақола [Матн] / А. Мирзоев. – Душанбе, 1977. – 268 с.
108. Мирзоев, А. Сайидо ва мақоми ӯ дар таърихи адабиёти тоҷик [Матн] / А. Мирзоев. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1947. – 490 с.
109. Мирзозода, Х. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ-асосгузори адабиёти классикии тоҷик [Матн] / Х. Мирзозода. – Сталинобод: Нашриёти давлатии адабиёти таълимӣ-педагогии Тоҷикистон, 1958. – 77 с.
110. Мирзозода, Х. Материалҳо аз таърихи адабиёти тоҷик [Матн]: Асрҳои XVI-XIX ва ибтидои асри XX / Х. Мирзозода. – Сталинобод: Комбинати полиграфӣ, 1950. – 306 с.
111. Мулло Саҳобии Астарободӣ соҳиби рубоиёт [Матн] // Армуғон.–соли ҳаждаҳум.–№ 9–10.–С.638-639.
112. Мунзавӣ, Аҳмад. Феҳристи нусхаҳои хаттии форсӣ [Матн] / Аҳмади Мунзавӣ. – Теҳрон: Муассисаи фарҳангии минтақавӣ, 1369. – Ҷ.5. – 3929 с.

113. Мусулмониён, Р. Персидский аруз теоретическая основа тюркского аруза [Текст] / Р. Мусулмониён // Вклад иранских народов в развитие мировой цивилизации: История и современность. – Душанбе: Дониш, 1992. – С. 46-97.
114. Мусулмониён, Р. Шеър дар сарчашмаҳои назарӣ [Матн] / Р. Мусулмониён.–Теҳрон: Ҳавзаи ҳунарӣ, 1958. – 256 с.
115. Мусулмонқулов, Р. Асрори сухан [Матн] / Р. Мусулмонқулов. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 152 с.
116. Мухторов, А. Ҳокимони Ҳисор [Матн]: Нимаи дуввуми асри XV-ибтидои асри XX / А. Мухторов. – Душанбе: Матбааи аввалини Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1996. – 48 с.
117. Мухторов, А. Таърихи халқи тоҷик [Матн]: Таърихи қадимтарин, қадима ва асрҳои миёна / А. Мухторов, А. Раҳматуллоев. – М.: Интрансдорнаука, 2002. – Ҷ.1. – 384 с.
118. Муҳаммадиев, Ш. «Маосири Раҳимӣ»-и Абдулбоқии Наҳовандӣ ҳамчун сарчашмаи адабиёти форсизабони Ҳиндустон дар асрҳои XVI-XVII [Матн]: диссертатсия / Ш. Муҳаммадиев.–Душанбе, 2009.–167 с.
119. Нарзиқул, М. Адабиётшиносии форсӣ-тоҷикӣ дар асрҳои XIII-XIV [Матн] / М. Нарзиқул.–Душанбе: Адиб, 1998.–112 с.
120. Насриддинзода, Б. Назаре ба ҳаёт ва шахсияти Урфии Шерозӣ [Матн]: Чанд мулоҳизаи адабӣ / Б. Насриддинзода. – Душанбе: Матбааи Вазорати маорифи халқии РСС Тоҷикистон, 1971. – 181 с.
121. Нафисӣ, С. Таърихи назм ва наср дар Эрон ва дар забони форсӣ [Матн]: То поёни қарни даҳуми ҳиҷрӣ / С. Нафисӣ. – Теҳрон, 1344.–1172 с.
122. Нуриддинова, Ш.И. Таърихи ташаккул ва таҳаввули жанри рубоӣ дар адабиёти араб [Матн] / Ш.И. Нуриддинова. – Душанбе: СОНДТ, 2010. – 128 с.
123. Порсо, Мустаълӣ Ғуломризо, Ҳасанпур, Ҳиво. Таҷаллии оёт ва аҳодис дар рубоиёти Саҳобии Астарободӣ [Матн] / Ғуломризо Мустаълии Порсо, Ҳиво Ҳасанпур // Фаслномаи «Офоқи дин». – 1390. – №7. – С.166-194.

124. Раҳмон, Э. Эмомалӣ Раҳмон: «Ташвишҳои роҳбарӣ нияти маро дар мавриди таълифи китоб дигар накарданд» [Матн] / Э. Раҳмон; аз арабӣ тарҷумаи А. Каримов // Ҷумҳурият. – 2009. – 5 октябр.
125. Рейснер, М.Л. Эволюция классической газели на фарси (X-XIV вв) [Текст] / М.Л. Рейснер. – М.: Наука, 1989. – 224 с.
126. Рипка, Я. История персидской и таджикской литературы : Перев. с чеш [Текст] / Я. Рипка. – М.: Наука, 1970. – 440 с.
127. Саидзода, Ҷ. Нақши Рӯдакӣ дар шеъри замони Сомониён [Матн] / Ҷ. Саидзода. – Душанбе, 2011. – 92 с.
128. Саидзода, Ҷ. Сабки ҳиндӣ гарчи сабки тоза буд [Матн] / Ҷ. Саидзода. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 123 с.
129. Саидзода, Ҷ. Ҷомӣ-шоири таъсирпазир ва таъсиргузор [Матн] / Ҷ. Саидзода. – Душанбе: Дониш, 2014. – 169 с.
130. Саидов, С. Адабиёти давраи Сомониён дар фарҳангҳои форсӣ [Матн] / С. Саидов. –Хуҷанд: Раҳим Ҷалил, 1999. - 300 с.
131. Саидов, С. Таҳлили ҳикоёт аз «Бӯстон»-и Шайх Саъдии Шерозӣ [Матн] / С. Саидов.–Хуҷанд: Ношир, 2008. – 107с.
132. Саидҷаъфаров, О.Ш. Вазъи сиёсӣ ва адабии Ҳиндустон дар асрҳои XVI-XVII [Матн] / О.Ш. Саидҷаъфаров. - Душанбе: ДМТ, 2014. - 479 с.
133. Сайфуллоев, А. Паямбари ишқ [Матн] / А. Сайфуллоев. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2008. – 454 с.
134. Санги мазор [Матн]: Байтҳо барои санги гӯрҳо ва мақбараҳо / Гирдоваранда ва муаллифи сарсухан Лоиқ Шералӣ. – Душанбе: Адиб, 1993. – 112 с.
135. Сатторзода, А. Аристотель и таджикско- персидская литературная мысль (IX- XVвв.) [Матн] / А. Сатторзода. – Душанбе: Адиб, 2002. – 260 с.
136. Сатторов, А. Афкори адабӣ ва эстетикии Абдураҳмони Ҷомӣ [Матн] / А. Сатторов. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 102 с.
137. Сатторов, А. Таърихчаи назариёти адабии форсии тоҷикӣ [Матн] / А. Сатторов. – Душанбе: Адиб, 2001. – 144 с.

138. Сатторов, А. Туҳфаи Сомӣ ва хусусиятҳои он [Матн] / А. Сатторов. – Душанбе: Дониш, 1972. – 183 с.
139. Сатторов, А. Шеър аз назари машшоиён [Матн] / А. Сатторов.– Душанбе: Адиб, 2014.–126 с.
140. Сафаров, Н. Ҷуғрофиёи таърихии давлати Сомониён [Матн] / Н. Сафаров.–Душанбе: «Эр-граф», 2021.–148 с.
141. Сафо, Забеҳуллоҳ, Назми форсӣ дар давраи Сафавиён. Таърихи Эрон [Матн]: Давраи Сафавиён / Забеҳуллоҳи Сафо. – Кошон, 1388. – 710 с.
142. Сафо, Забеҳуллоҳ, Таърихи адабиёти Эрон [Матн] / Забеҳуллоҳи Сафо; Таҳия ва тавзеҳоти С. Имронов ва Б. Мақсудов. – Душанбе: Деваштич, 2013. – Ҷ.2. – 318 с.
143. Сафо, Забеҳуллоҳ, Таърихи адабиёт дар Эрон. Бахши 1 [Матн] / Забеҳуллоҳи Сафо. –Теҳрон: Фирдавс, 1373. – Ҷ.3.– 704 с.
144. Сафо, Забеҳуллоҳ, Таърихи адабиёт дар Эрон. Бахши 2 [Матн] / Забеҳуллоҳи Сафо. – Теҳрон: Фирдавс, 1373. – Ҷ.3. – 1461 с.
145. Саъдиев, С. Адабиёти тоҷик дар асри XVII [Матн] / С. Саъдиев. – Душанбе: Дониш, 1985. – 268 с.
146. Семёнов А. А. Шайбанихан и завоевание им империи Тимуридов, Первые шайбаниды и борьба за Маверауннахр. Труды АН тадж. ССР. XII. Сталинобод, 1954.– С.131-138.
147. Сирус, Б. Қофия дар назми тоҷик [Матн] / Б. Сирус. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1955. – 186 с.
148. Тилавов, Б. Поэтика таджикских народных пословиц и поговорок [Текст] / Б. Тилавов. – Душанбе: Дониш, 1967. – 123 с.
149. Тимофеев, Л.Н. Основы теории литературы [Текст] / Л.Н. Тимофеев. – М.: Просвещение, 1976. – 446 с.
150. Тоиров, У. Меъёр ва андозаҳои шеър [Матн] / У. Тоиров. – Душанбе: Адиб, 2013. – 240 с.
151. Томашевский, Б.В. Теория литературы [Текст]: Поэтика / Б.В. Томашевский. – М.: Наука, Аспект пресс, 2001. – 334 с.

152. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ [Матн]. – Душанбе, 2008. – Ҷ.2. – 945 с.
153. Футӯҳӣ, М. Нақди адабӣ дар сабки ҳиндӣ [Матн] / М. Футуҳӣ. – Теҳрон, 1385. – 430 с.
154. Хонларӣ, Парвиз Нотил. Таҳқиқи интиқодӣ дар арӯзи форсӣ ва чигунагии таҳаввули авзони ғазал [Матн] / Парвиз Нотил Хонларӣ. – Теҳрон: Нашри донишгоҳӣ, 1909 (1327). – 214 с.
155. Ҳабибов, А. Рубоиёти халқӣ ва китобӣ [Матн] / А. Ҳабибов. – Душанбе, Дониш, 1981. – 266 с.
156. Ҳазратқулов, М. Тасаввуф [Матн] / М. Ҳазратқулов. – Душанбе: Маориф, 1988. – 125 с.
157. Ҳакимов, А. Таҳаввули арӯз [Матн] / А. Ҳакимов // Шеър ва замон. – Душанбе: Ирфон, 1978. – С. 129-184.
158. Ҳалимов, С. Таърихи забони адабии тоҷик: Асрҳои XI-XII [Матн] / С. Ҳалимов. – Душанбе, 2002. – 95 с.
159. Ҳасанпур, Ҳиво. Сабкшиносии рубоиёти Саҳобии Астарободӣ [Матн] / Ҳиво Ҳасанпур // Баҳори адаб: Фаслномаи тахассусии сабкшиносии назму насри форсӣ. – 1390. – №14. – С.44-56.
160. Ҳерман, Э. Таърихи адабиёти форсӣ [Матн] / Э. Ҳерман; Тарҷумаи Ш. Ризозода. – Теҳрон: Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб, 1337. – 361 с.
161. Ҳодизода, Р. Аз Рӯдакӣ то имрӯз [Матн] / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Адиб, 1988. – 288 с.
162. Ҳодизода, Р. Луғати истилоҳоти адабиётшиносӣ [Матн] / Р. Ҳодизода, М. Шукуров, М. Абдуҷабборов. – Душанбе: Ирфон, 1964. –183 с.
163. Ҳодизода, Р. Тасаввуф дар адабиёти форсу тоҷик [Матн] / Р. Ҳодизода. – Душанбе: Адиб, 1999. – 187 с.
164. Ҳумоӣ, Ҷалолуддин. Ғазал ва таҳаввули он аз қадим то ҷадид [Матн] / Ҷалолуддини Ҳумоӣ // Яғмо. – 1927 (1345). – №4. – С.4-14.
165. Ҳумоӣ, Ҷалолуддин. Фунуни балоғат ва синоати адабӣ [Матн] / Ҷалолуддини Ҳумоӣ. – Теҳрон: Ҳумо, 1958 (1377). – 424 с.

166. Ҳусейнзода, Ш. Баҳс ва андеша [Матн] / Ш. Ҳусайнзода. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 264 с.
167. Ҳусейнзода, Ш., Шарифов, Х. Мақоми ибни Сино дар шеъру адаби тоҷик [Матн] / Ш. Ҳусейнзода, Х. Шарифов. – Душанбе, 1985. – 117 с.
168. Шамисо, Сирус. Сайри ғазал дар шеъри форсӣ [Матн]: Аз оғоз то имрӯз / Сируси Шамисо. – Теҳрон: Интишороти Фирдавс, 1375. – 312 с.
169. Шамисо, Сирус. Сайри рубоӣ дар шеъри форсӣ [Матн] / Сируси Шамисо.– Теҳрон: Интишороти Фирдавс, 1374.– 392 с.
170. Шарифзода, Б. Хоқонӣ ва нақди шеър [Матн] / Б. Шарифзода. – Душанбе: Шарқи озод, 2010. – 186 с.
171. Шарифов, Х. Балоғат ва суханварӣ [Матн] / Х. Шарифов. –Душанбе: Ирфон, 2002. – 278 с.
172. Шарифов, Х. Каломи бадеъ [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Маориф, 1991. – 160 с.
173. Шарифов, Х. Муаммои ғазал [Матн]: Шоир ва шеър / Х. Шарифов. – Душанбе: Адиб, 1998. – С. 127-136.
174. Шарифов, Х. Назмшиносӣ [Матн] / Х. Шарифов, У. Тоиров. – Душанбе: Ҳоҷӣ Ҳасан, 2015. – 384 с.
175. Шарифов, Х. Назмшиносӣ [Матн] / Х. Шарифов, У. Тоиров. – Душанбе: Ҳумо, 2005. – 384 с.
176. Шокирзода, Ш. Тавсиф дар ғазалиёти Ҳаким Саноӣ [Матн] / Ш. Шокирзода. – Душанбе: Нашриёти Сино, 2003. – 266 с.
177. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик [Матн]: Иборат аз 4 ҷилд. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи миллии тоҷик, 2004.– Ҷ.3.– 518 с.
178. Энсиклопедияи миллии тоҷик [Матн]. – Душанбе: Сарредаксияи илмии энсиклопедияи миллии тоҷик, 2013. – Ҷ.2. – 664 с.
179. Энсиклопедияи советии тоҷик [Матн]: Иборат аз 8 ҷилд. – Душанбе: Сарредаксияи илмии Энсиклопедияи советии тоҷик, 1987. – Ҷ.7. – 634 с.
180. Яздонӣ, Н., Муҳаммадӣ, А. Рубоиёти Саҳобӣ [Матн] / Н. Яздонӣ, А. Муҳаммадӣ // Садои Шарқ. – 2015. – №2. – С. 97–102.

## III. Манобеи электронӣ

181. Encyclopaedia of Islam, Second Edition [Electronic resource] – Mode of access: referenceworks.brillonline.com/entries/encyclopaedia-of-islam-2/sahabi-astarabadi-SIM_6460 (рӯзи мурочиат 18.05.2019)

182. Маломатия. [Манобеъи электронӣ] – Низоми дастрасӣ: https://tg.wikipedia.org/wiki/%D0%9C%D0%B0%D0%BB%D0%BE%D0%BC%D0%B0%D1%82%D0%B8%D1%8F (рӯзи мурочиат 20.06.2019)

## НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**


[1-М]. Баёнов, М.Б. Саҳобии Астарободӣ шоир ва орифи тоҷику форс [Матн] / М.Б. Баёнов // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2016. – №2 (242). – С. 163-168.

[2-М]. Баёнов, М.Б. Талмеҳ дар ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ [Матн] / М.Б. Баёнов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2018. – №3. – С. 162-167.

[3-М]. Баёнов, М.Б. Нигоҳе ба зиндагиномаи Саҳобии Астарободӣ [Матн] / М.Б. Баёнов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2018. – № 5-1 (77). – С. 161-166.

[4-М]. Баёнов, М.Б. Забон ва баёни ашъори Саҳобии Астарободӣ [Матн] / М.Б. Баёнов // Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ) – 2019. – №1 (005). – С. 153-157.

[5-М]. Баёнов, М.Б. Мавзуъ ва муҳтавои рубоиёти Саҳобии Астарободӣ [Матн] / М. Б. Баёнов // Суханшиносӣ. – 2020.– №1. – С. 120-128.

[6-М]. Баёнов, М.Б. Андешаҳои фалсафию ирфонии Саҳобии Астарободӣ [Матн] / М.Б. Баёнов // Гузоришҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ) – 2020. – №1 (009). – С. 173-179.

[7-М]. Баёнов М.Б. Саҳобии Астарободӣ аз нигоҳи Шиблӣ ва Шамисо [Матн] / М.Б. Баёнов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. – №3. – С. 214-219.

[8-М]. Муҳаммадиев Ш.М., Баёнов, М.Б. Мавзуи ишқ дар ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ [Матн] / Ш. М. Муҳаммадиев, М. Б. Баёнов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2022. – №9. – С. 89-95.

## II. Мақолаҳои муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигари илмӣ:

[9-М]. Баёнов, М. Ситоишгари ҳамдилии башар [Матн] / М. Баёнов // Адабиёт ва санъат. – 2018. – 6 декабр.

[10-М]. Баёнов М.Б. Мавзуъ ва муҳтавои рубоиёти Саҳобии Астарободӣ [Матн] / М. Б. Баёнов // Институти Осиё ва Аврупо. – 2020. – №1 (3). – С. 178-184.

[11-М]. Баёнӣ, М. «Шеър-ул-аҷам» - асари арзишманди илмӣ. Баҳои баланд ба мақоми Саҳобии Астарободӣ дар он [Матн] / М. Баёнӣ // Илм ва ҳаёт. – 2021. – №3 (155). – С.31

[12-М]. Баёнӣ, М. Таъсирпазирии Саҳобӣ аз пешиниён [Матн] / М. Баёнӣ // Адабиёт ва санъат. – 2021. – 27 май. – №22 (2097).

[13-М]. Баёнӣ, М. Андешаҳои ахлоқӣ дар рубоиёти Саҳобии Астарободӣ [Матн] /М. Баёнӣ // Душанбе. – 2022. – №2. – С.43-44.

[14-М]. Баёнов М.Б. Вопросы нравственности и порицание разногласие и противоречие вероисповедание в рубаи Сахобии Астарободи [Текст] / М. Б. Баёнов // Молодежь и развитие духовной культуры общества: актуальные проблемы и перспективы их решения: сборник материалов XI Международной научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава высших учебных заведений России, Таджикистана и Узбекистана. – Душанбе, 2022. – С. 153-160.

[15-М]. Баёнов М.Б. Нақши осори Саҳобии Астарободӣ дар тарбияи ахлоқии наврасон ва рушди адабиёту санъати тоҷик [Матн] / М.Б. Баёнов // Таълими мусиқии касбӣ: таърих, назария ва амалия: маводи конференсияи байналмилалии илмӣ – назариявӣ. – Душанбе, 2022.– С. 167-175.